# РОҲНАМОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФИ 1-УМ

**барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я2.20.1+74.264.4я72**
**Р-84**

**Р-84.**. Қодиров, Б. Зулфонов, Р. Ибрагимова. **Роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 1-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе, «Маориф», 2016, 88 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-393-6**
**© «Маориф», 2016**

**Мундарича**

Пешгуфтор........................................................................................................... 5
I. Муқаррароти умумӣ ............................................................................................ 6
1.1. Муқаддима......................................................................................................... 6
1.2. Мафҳумҳои асосӣ ............................................................................................. 8
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофии мо) дар синфи 1.......................................................................................................................... 9
1.4. Заминаҳои меъёрӣ - ҳуқуқии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофии мо) дар синфи 1............................................................................................................ 9
1.5. Принсипҳои асосии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофии мо) дар синфи 1............................................................................................................ 10
1.6. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофии мо) дар синфи 1............................................................................................................ 11
1.7. Ташкили раванди таълими салоҳиятнок аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофии мо) дар синфи 1.................................................................................................... 12
1.7.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан............................................ 13
1.7.2. Принсипҳои таълими самаранок.................................................................. 13
1.7.3. Ташаккули малакаҳои фикрронии дараҷаи баланд..................................... 14
1.7.4. Алоқамандии байнифаннӣ.............................................................................. 14
1.7.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон.............................................................................. 15
II. Салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофии мо) барои синфи 1-ум.......... 15
2.1. Салоҳиятҳо аз рӯйи самтҳои «Инсон ва табиат», «Инсон ва ҷамъият» ва «Қоидаҳои бехатарии ҳаёт»...................................................................................... 15
2.2. Баҳодиҳӣ ба салоҳиятҳо оид ба инсону табиат, инсону ҷамъият ва қоидаҳои бехатарии ҳаёт........................................................................................................ 15
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ ...................................................................................... 16
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо............................................................................ 17
III. Барномаи таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофии мо) барои синфи 1......... 19
Нақшаи тақвими корӣ аз фанни табиатшиносӣ дар синфи 1.............................. 19
НИМСОЛАИ 1 (17 соат)......................................................................................... 22
§ 1. Муқаддима......................................................................................................... 22
§ 2. Ватани мо............................................................................................................ 23
§ 3. Оилаи мо............................................................................................................. 24
§ 4. Хона ва мактаби мо........................................................................................... 26
§ 5. Дар осмон чӣ ҳаст?............................................................................................ 27
§ 6. Чаро Офтоб рӯзона ва Моҳтоб шабона намоён мешавад?............................. 28
§ 7. Чаро шакли Моҳ тағйир меёбад?..................................................................... 29
§ 8. Санг ва хок.......................................................................................................... 30
§ 9. Рустанӣ ............................................................................................................... 31
§ 10. Парвариши гул.................................................................................................. 33
§ 11. Мева ва сабзавот............................................................................................... 34
§ 12. Рангҳо дар табиат............................................................................................. 35
§ 13. Ҳашарот.............................................................................................................. 36
§ 14. Моҳӣ ва намудҳои он........................................................................................ 39
§ 15. Олами парандаҳо.............................................................................................. 40
§ 16. Ҳайвонҳои хонагӣ ............................................................................................ 42
§ 17. Ҳайвонҳои ваҳшӣ ............................................................................................. 43
НИСОЛАИ 2 (16 соат)........................................................................................... 45
§ 18. Табиатро дӯст доред!......................................................................................... 45
§ 19. Борон ва барф.................................................................................................... 47
§ 20. Тиру камон чӣ гуна ба амал меояд?................................................................. 48
§ 21. Чаро мо шаб хоб мекунем?............................................................................... 51
§ 22. Барои чӣ меваю сабзавотро зиёд истеъмол кардан зарур аст?...................... 53

§ 23. Шустани дасту рӯй ва дандонҳо чӣ аҳамият дорад?.............................................. 54
§ 24. Тозагӣ гарави саломатист!.................................................................................... 56
§ 25. Асбобу ашёи рӯзгор дар кадом ҳолат метавонанд хатарнок бошанд?..................... 57
§ 26. Либос ва намудҳои он…………………………………………………..…..………… 59
§ 27. Дучарха дар куҷо ихтироъ шудааст? ..................................................................... 60
§ 28. Неруи барқ дар куҷо ба вуҷуд меояд? ................................................................... 62
§ 29. Аҳамияти оинаи нилгун ва телефон ………………………………………….......... 63
§ 30. Нақши компютер дар ҳаёти инсон……………………………………………........ 65
§ 31. Нақлиёти автомобилӣ ва қатора…………………………………………...…….. 66
§ 32. Чаро киштӣ ва тайёра месозанд? ........................................................................... 68
§ 33. Фаслҳои сол……………………………………………………………..….......... 70
IV. Стратегияҳои таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофии мо) дар синфи 1 71
4.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан……………………………………......... 71
4.2. Таълими хониши бошуурона………………………………………………............... 72
4.3. Таълими малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил ………………………….……. 76
V. Арзёбӣ …………………………………………………..…………………………..… 84
5.1. Принсипҳои арзёбӣ ………………………………………….…..………….......... 84
5.2. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтан ....……………….…............ 86
5.3. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил……………….....……...... 86
Адабиёт…………………………………………………………………………......…...… 87

## Пешгуфтор

Омӯзгорони гиромӣ!

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади сифатнок ва натиҷабахш гардонидани раванди таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) силсилаи стандартҳои нави фанниро таҳия ва дастраси шумо гардонид. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат шинохта шуда, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии типи нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин диққати махсус ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим равона мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонад сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханрониҳо, вохӯриҳо ва дастуру супоришҳо ба соҳаи маориф диққати махсус дода, таъсири онро ба инкишофи ҷомеа таъкид мекунанд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши асосӣ мебозанд. Ин нукта имсол дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мулоқот бо зиёиёни мамлакат хеле мушаххас баён гардидааст: «... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд». Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Боварии комил дорем, ки ҳамаи мо аз як гиребон сар бароварда ислоҳоти соҳаро дар амал татбиқ менамоем ва бо ин васила насли навраси ҷомеаамонро ба роҳи дурусти маърифат раҳнамоӣ мекунем.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи касбӣ ва маърифатии шумо – омӯзгорони муҳтарам эътимоди комил дошта, боварӣ дорад, ки якҷоя дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил мегардем.

Вазорати маориф ва илм, шумо, омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## 1.1. Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи лозима зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонад сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардорад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи якум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи якум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими табиатшиносӣ (олами атрофи мо)-ро дар синфи якум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни ба нақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зуд тағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб ва таҳлилу арзёбӣ намуда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулияти омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси асосӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста мебошад. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фан;
- муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маориф (Мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);
- таҳияи маводи иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд ва онҳо ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқамандáнд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

### 1.2. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо)

**Арзёбӣ**– ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ ба даст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ**–ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика** – соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғуласт.

**Иттиҳодияи методӣ**– яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, тарғиби таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Тахтаи синф** –ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, металӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд.

**Мақсади таълим**– ба нақшагирии пешакии натиҷаҳои фаъолияти таълим, натиҷаҳои чашмдошт (интизоршаванда).

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайрамаҳорат аст.

**Машқ** – фаъолияти пай дар пай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият.

**Метод** –(юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкуниё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъдаи заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** –нишондиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио**– аз калимаи итолиёӣ, маъноаш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъйу кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳост.

**Роҳнамои фаннӣбарои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид

ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, омӯхтани дониш аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ**– яке аз нишонаҳои саводнокии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки хондан, навиштан ва мазмуни ягон матни одиро баён карда метавонад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ(иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣва касбӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фан ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ, интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Таҳлил** – яке аз усулҳои таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводи омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

## 1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 1

Доираи татбиқи стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) хеле васеъ аст. Истифодабаранда-гони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣбуда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар бобати банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, махсусан шуъба - кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳои (дониш, малака ва маҳорати) хонандагони синфи якум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синф гузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи якум

Стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои хонадагони синфи 1 дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №145 тасдик шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

## 1.5. Принсипҳои асосии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи якум

Стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи якум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

– баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
– қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
– ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
– дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
– муҳаббат ба Ватан, оила, ҷамъият ва муҳити зист;
– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
– ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
– ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
– раванди муттасили таҳсил;
– ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
– ба назар гирифтани қобилияти фардии хонанда. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ(асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо бояд ба эътибор гирифта шавад. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

*Таълим дар сурате самаранок мегардад,ки агар хонандагон:*

- *дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;*
- *мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;*
- *раванди азхудкунии маводди таълим барои онҳо шавқовар ва ҷолиб бошад;*
- *барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;*
- *ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъул бошанд;*
- *омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;*
- *ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;*
- *раванди таълим ба "чӣтавр фикр кардан" равона гардад, на ба "оид ба чӣ фикр кардан";*
- *ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;*
- *нокомӣдар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.*

– ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон. Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон

бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгор бояд ба ҳама новобаста аз рӯйи хислат баробар диққат диҳад, ёрӣ расонад ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намояд.

- ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим. Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.
- инкишофи арзишҳо. Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.
- алоқамандии таълим бо ҳаёт. Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ бо мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад,яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.
- омӯзиш дар тӯли ҳаёт. Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.
- ташаккули малакаи баланди фикрронӣ. Ҳадафи ниҳоии раванди таълим ташаккули малакаи баланди фикрронӣ мебошад.
- Арзёбӣ ба мақсади таълим. Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйирдода, раванди онро самараноктар гардонем.

### 1.6. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 1

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи якум:

- муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи якум аз саводомӯзӣ;
- ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни табиатшиносӣ; (олами атрофи мо)
- муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои таълими фанни табиатшиносӣ мувофиқи талаботи синнусолии хонандагони синфи якум;
- мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои аз ташаккули салоҳиятнокии равонашуда; байни онҳо бояд робитаи мустаҳкам барқарор гардонида шавад;
- бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд.
- бо вуҷуди фаро гирифтани самтҳои гуногуни таълими фанни табиатшиносӣ, стандарти мазкур фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, бояд ӯро барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим ҳидоят намояд;

– мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд.

Фанни табиатшиносӣ (оламиатрофи мо) барои синфи 1 дар нақшаи таълими асосӣҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби маҷмӯи фанҳои табиӣ ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсили зинаи ибтидоӣ 33 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори ҳафтаҳои соли таҳсил | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| 1 | 33 | 1 | 33 |

## 1.7. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣаз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 1

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб кунандва истифода баранд. Дар стандартҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) ба истифодаи дуруст ва моҳиронаи забони тоҷикӣба мақсади муошират ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон “Хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “Чӣ тавр меомӯзанд?” аз “Ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расида, миқдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, дар айни замон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва

маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ (Олами атрофи мо) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғозтоанҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралӣ(морпеч)-и татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълим гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводи китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои мибаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

### 1.7.1. Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии хонанда

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидае, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта мешавад дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонандадорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 1.7.2. Вазифаҳои (принсипҳои) таълими самаранок

Таълим дар он ҳолат самаранок мегардад, ки агар:

– хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
– мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
– мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
– вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
– раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
– барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
– омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
– ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
– омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;

– ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
– раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
– ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
– нокомӣ ҳамчун қисми таркибии ҷараёни таълим шинохта шавад;
– омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 1.7.3. Ташаккули малакаҳои дараҷаи баланди фикрронӣ

Дар низоми анъанавии таълим диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона гардида, ба дарку таҳлили он вақти кам ҷудо мешуд.

Низоми нави таълим диққати асосиро ба ташаккули дараҷаи баланди фикрронӣ, равона мекунад.

Мо дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар диаграммаи зерин мушоҳида карда метавонем.




Дараҷаи баланд фикронӣ тафаккурро пурра фаро мегирад, ки аз инҳо иборатанд:
– таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
– санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳи гуногун, аз ҷумла таҳлили назарҳои фарҳангҳои мухталиф;
– таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
– истифодаи усулҳои мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
– таҳия ва пурсидани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;
– муайян намудани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд намудани донишҳои фаннӣ.

Оид ба дараҷаи баланди фикрронӣ якчанд нуктаро бояд дар хотир гирифт:

1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои дараҷаи баланди фикрронӣ арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, системаи арзёбии мо бояд пурра тағйир ёбад.
2. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки малакаи дараҷаи баланди фикрронӣ маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 1.7.4. Алоқаи байнифаннӣ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъӣ мебошанд, вале барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими босифат мегирад. Бо дарназардошти ин ва фоидае, ки аз истифодаи алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқаи байнифаннӣ ном бурда мешавад) Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Дар асл ҳангоми таълими ҳама гуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳанд, аммо чунин шакли таълим мавзӯъ ва усули мухталифи банақшагириро тақозо мекунад.

### 1.7.5. Салоҳиятҳои омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни табиатшиносӣ омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми таълим истифода барад;
- усулҳои таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
- усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
- натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
- роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## II. Салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 1-ум

### 2.1. Салоҳиятҳо аз рӯйи самтҳои таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо).

**Салоҳиятҳо оид ба «Инсон ва табиат»**

- Хусусияти одии унсурҳои қисмҳои ғайри зинда ва зиндаи табиат маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.
- Муҳити атрофро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳои сода меандешад.

**Салоҳият аз рӯйи «Инсон ва ҷамъият»**

- Нақш ва вазифаҳои аъзои оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол ба оила ба таври сода баён менамояд.

**Салоҳияти «Қоидаҳои бехатарии ҳаёт»**

- Хатарҳои асосии хона ва мактабро муайян карда, роҳҳои одии ба ҳадди ақал расонидани онҳоро мефаҳмонад.

### 2.2. Баҳодиҳӣба салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо)дар синфи 1

**Инсон ва табиат**

Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаимаъмулромуайянмекунадвашарҳ медиҳад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- мафҳуми табиат ва олами атрофро шарҳ дода метавонад;
- ҳайвонот ва ҳашароти маъмули маҳалли зисташро номбар карда метавонад;
- рустанӣ ва дарахтони маъмули маҳалли зисташро номбар карда метавонад;
- мушоҳидаҳои ҳаётии худро оид ба ашёи атроф нақл карда метавонад;
- вобаста ба мазмуни омӯхташаванда аз расму тасвирҳо мувофиқи мақсад истифода бурда метавонад.

Муҳити атрофро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳои сода меандешад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- роҳҳои содаи ҳифзи муҳити атрофро шарҳ дода метавонад;
- муҳитро пас аз амал тоза мекунад;
- сабаби дӯст доштани сайру гаштро ба мавзеъҳои табиӣ шарҳ дода метавонад;
- зарурати муҳофизати наботот ва ҳайвоноти хонагиро мефаҳмонад;
- расми ҳайвон ё рустании хонагии дӯстдоштаашро тасвир мекунад.

**Инсон ва ҷамъият**

Нақш ва вазифаҳои аъзои оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол ба оила ба таври сода баён мекунад.
*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- вазифаҳои оилавиро номбар мекунад;
- дарахти якзинавии оиларо тасвир карда метавонад;
- мафҳуми «Ватан»-ро шарҳ дода, номи ватани хешро мегӯяд;
- Парчами Тоҷикистонро шарҳ медиҳад ва онро тасвир мекунад;
- мавқеи ҷойгиршави муассисаҳои маҳаллӣ (духтурхона, мактаб, мағоза)-ро гуфта метавонад;
- қоидаҳои рафторро дар синф шарҳ дода, мақсади қабули қоидаҳоро шарҳ дода метавонад.

**Қоидаҳои бехатарии ҳаёт**

Хатарҳои асосии хона ва мактабро муайян карда, роҳҳои одии ба ҳадди ақал расонидани онҳоро мефаҳмонад.*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- таъсири (хатари) истифодаи заҳрхимикатҳоро дар оила шарҳ медиҳад;
- хатари асбобҳои барқӣ, буранда ва халандаи хонаро фаҳмонда, ҷойи нигоҳдории онҳоро мегӯяд;
- қоидаҳои корибехатар бо асбобу анҷоми хонишро шарҳ медиҳад.

## 2.3.Салоҳиятҳои тарбиявӣ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣниз эътироф намоем. Кӯшишу ғайратҳам бо низоми 6 (10, 20, 100) балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дарбар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | М | О | Б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | ✓ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | ✓ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | ✓ | | |
| Тобовар аст | | ✓ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | ✓ | |
| Таҳаммулпазир аст | | ✓ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | ✓ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | ✓ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | ✓ | |
| Фаъол аст | | ✓ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | ✓ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | ✓ | |
| Эҷодкор аст | | ✓ | |

Мунтазам
Одатан
Баъзан

### 2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо

Дар ҷадвали зерин нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамоянд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда ( муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомиё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳо бояд хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истисноии ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақидава фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад. (Ин маънои онро надорад, ки мо аз ин суиистифода. |
| Ҳамкорӣ менамояд | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳмгузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок  ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон кумак меҷӯяд. |

| | |
|---|---|
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агараз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикррониии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикррониии баландро истифода мебарад . |
| Эҷодкор аст | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## III. БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) ДАР СИНФИ 1-УМ

### Нақшаи тақвими кории фанни табиатшиносӣ барои синфи 1-ум

| Мавзӯъҳои таълим | Соат | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Феврал | Март | Апрел | Май |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нимсолаи 1 | | | | Нимсолаи 2 | | | |
| 1. Муқаддима | 1 | | | | | | | | |
| 2. Ватани мо | 1 | | | | | | | | |
| 3. Оилаи мо | 1 | | | | | | | | |
| 4. Хона ва мактаби мо | 1 | | | | | | | | |
| 5. Дар осмон чӣ ҳаст? | 1 | | | | | | | | |
| 6. Чаро Офтоб рӯзона ва Моҳтоб шабона намоён мешавад? | 1 | | | | | | | | |
| 7. Чаро шакли Моҳ тағйир меёбад? | 1 | | | | | | | | |
| 8. Санг ва хок | 1 | | | | | | | | |
| 9. Рустанӣ | 1 | | | | | | | | |
| 10. Парвариши гул | 1 | | | | | | | | |
| 11. Мева ва сабзавот | 1 | | | | | | | | |
| 12. Рангҳо дар табиат | 1 | | | | | | | | |
| 13. Ҳашарот | 1 | | | | | | | | |
| 14. Моҳӣ ва намудҳои он | 1 | | | | | | | | |
| 15. Олами парандаҳо | 1 | | | | | | | | |
| 16. Ҳайвонҳои хонагӣ | 1 | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 17. Ҳайвонҳои ваҳшӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 18. Табиатро дӯст доред | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 19. Борон ва барф | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 20. Тиру камон чӣ гуна ба амал меояд? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 21. Чаро мо шаб хоб мекунем? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 22. Барои чӣ меваю сабзавотро зиёд истеъмол кардан зарур аст? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 23. Шустани дасту рӯй ва дандонҳо чӣ аҳамият дорад? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 24. Тозагӣ гарави саломатист! | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 25. Асбобу ашёи рӯзгор дар кадом ҳолат метавонанд хатарнок бошанд? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 26. Либос ва намудҳои он | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 27. Дучарха дар кучо ихтироъ шудааст? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 28. Неруи барқ дар кучо ба вуҷуд мео-яд? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 29. Аҳамияти оинаи нилгун ва телефон | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 30. Нақши компютер дар ҳаёти инсон | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 31. Нақлиёти автомобилӣ ва қатора | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 32. Чаро киштӣ ва тайёра месозанд? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 33. Фаслҳои сол | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳафтаҳои таълим | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 |

## НИМСОЛАИ 1 (17 соат)

### § 1.Муқаддима(1соат)

**Салоҳиятҳо:**

- Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.
- Муҳити атрофро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳои сода меандешад.
- Хатарҳои асосии хона ва мактабро муайян карда, роҳҳои одии ба ҳадди ақал расонидани онҳоро мефаҳмонад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- қоидаҳои одитарини рафтор дар синфхона ва мактабро гуфта тавонанд;
- мафҳумҳоеро, ки барои шиносоӣ бо фан заруранд, гӯянд;
- аҳамияти омӯзиши фанро шарҳ диҳанд;
- бо мақсади донишандӯзӣ саволҳо диҳанд ва ба саволҳои худ ҷавоб гиранд.

**Барнома.** Шиносоӣ бо мактаб, омӯзгор ва ҳамсинфон. Шиносоӣ бо ашёи атроф. Аҳамияти омӯзиши ашё ва ҳодисаҳои муҳити атроф. Нақши китоби дарсӣ, саволгузорӣ ва мушоҳида дар донишандӯзии хонандагон аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо)

**Методикаи таълим.**Методикаи таълими дар стандарти мазкур пешниҳодшаванда хусусияти тавсиявӣ дошта, омӯзгорон вобаста ба шароиту имконияти маҳал ва сатҳи хонандагони худ метавонанд усулу фаъолиятҳои ҷолибе, ки раванди салоҳиятнок гаштани хонандагонро метезонанд ё мусоиданд, истифода баранд.

1) Рӯзи аввали дарс ба омӯзгорон фаъолиятҳои зерин тавсия мешаванд:
   - шинос шудан бо хонандагон ва шиносондани худ;
   - ба таври умумӣ шинос кардани хонандагон бо қоидаҳои рафтор дар синфхона ва берун аз он.
   - шинос кардани хонандагон бо китоби дарсӣ;
   - шиносоӣ бо мафҳумҳои асосии омӯзиши фан (табиат, олами атроф, ашё ва ҳодисаҳои табиӣ, неъматҳои табиат, ҳифз ва истифодаи оқилонаи неъматҳои табиат, қоидаҳои гигиенаи шахсӣва рафтори бехатар);
   - омӯзондани қоидаҳои савол додан, пурсидан ва мушоҳида кардан;

2) Бо тариқи суҳбат, тартиби рафтори хонандагонро дар синфхона, роҳравҳо ва саҳни мактаб фаҳмонед: дар паси парта рост ва боодобона нишастан, даст бардошта гап задан, барои ба берун рафтан иҷозат пурсидан, дар роҳравҳо ҳамдигарро тела надодан, дастҳо ва сару либосро ифлос накардан ва ғайра.

3) Хонандагонро бо китоби дарсии табиатшиносӣ (Олами атрофи мо) шинос кунед. Онҳоро бо бахшҳои китоб (матн, расмҳо, саволу супоришҳо) шинос намуда, нақши онҳоро дар донишазхудкунии хонандагон шарҳ диҳед.Қайд кунед: *«Китобе, ки шумо дар даст доред ба омӯзиши олами атрофи мо бахшида шудааст. Агар шумо онро дуруст истифода баред, бо ашёву ҳодисаҳои табиат шинос мегардед, боигариҳои табиатро дониста мегиред ва роҳҳои истифодаи оқилонаи онро мефаҳмед. Дар хона ва кӯча аз хатарҳое, ки ба саломатии шумо таҳдид мекунанд, огоҳ мешавед ва эҳтиёт мекунед».*

4) Дар таълими табиатшиносӣ нақши мушоҳида ва саволдиҳӣ хеле бузург аст. Бинобар ин, дар атрофи ин масъалаҳо бо хонандагон суҳбат ороед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар дарсҳои табиатшиносӣ ҳарчи бештар савол диҳанд. Ашёи атрофро мушоҳида кунанд ва чизҳои барои худ аҷиброро аз рафиқон ва омӯзгор пурсанд.

**Арзёбӣ.** Фаъолияти таълимии хонандагонро дар асоси меъёрҳо ва тавассути воситаҳои зерин арзёбӣ кунед. Натиҷаҳои арзёбиро дар дафтари махсус ба қайд гиред.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Қоидаҳои одитарини рафтор дар синфхона ва мактабро гуфта тавонанд | Саволу ҷавоб |
| Мафҳумҳоеро, ки барои шиносиӣбо фан заруранд, гӯянд | Саволу ҷавоб |
| Аҳамияти омӯзиши фанро шарҳ диҳанд | Шарҳ аз рӯйи расмҳо |
| Бо мақсади донишандӯзӣ саволҳо диҳанд ва ба саволҳои худ ҷавоб гиранд | Саволу ҷавоб |

## § 2. Ватани мо (1 соат)

**Салоҳият.**

– Нақш ва вазифаҳои аъзоёни оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол дар оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- мафҳуми «Ватан»-ро шарҳ диҳанд;
- номи ватани хешро гӯянд;
- муқаддасоти миллиро номбар кунанд;
- Тоҷикистонро ҳамчун ватани маҳбуб ва Душанберо ҳамчун пойтахти ватани худ шиносанд;
- ҷойҳои ҷолиби диққати шаҳри Душанберо номбар кунанд;
- расми муқаддасоти миллиро тасвир кунанд (интихобан, парчам ё нишон).

**Барнома.** Мафҳумҳои «Ватан», «Тоҷикистон», «Душанбе». Ифтихори ватандорӣ. Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Харитаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷойҳои фахри миллӣ ва диққатангези шаҳри Душанбе.

**Методикаи таълим.** Бо мақсади самаранок гузаронидани машғулияти мазкур дар поён як чанд тавсияҳои методӣ пешниҳод мегарданд. Боварӣ дорем, ки ҳангоми таҳияи нақшаи дарс шумо аз онҳо истифода мебаред.

1) Ба тариқи суҳбат оид ба мафҳумҳои «Ватан» ва «Тоҷикистон» ба хонандагон маълумот диҳед. Масалан, *Ватан ҷоест, ки мо дар он таваллуд шудаем ва зиндагӣмекунем. Номи ватани азизи мо Тоҷикистон мебошад. Тоҷикистон ниҳоят табиати зебо дорад вағайра.*
2) Аз расмҳо ва харитаҳо истифода бурда, хонандагонро бо харитаи Тоҷикистон, Парчам ва Нишони давлатӣ шинос кунед. Азрӯйи расм саволу ҷавобро ба роҳ монед. Масалан, *бачаҳо Парчами давлатии мо аз кадом рангҳо иборат аст? Ғайр аз рангҳо дар Парчам боз чӣтасвир ёфтааст? Дар Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣтасвир шудааст?* Барои ҷавоб ёфтан ба саволҳои гузошташуда ба хонандагон кумак кунед.
3) Аз харита истифода бурда, пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанберо ба хонандагон нишон диҳед. Аз якчанд хонандагон хоҳиш намоед, ки аз харита пойтахти Тоҷикистонро нишон диҳанд.
4) Оид ба ҷойҳои фахрии Душанбе каме маълумот диҳед. Расмҳои китобро истифода баред. Аз хонандагон пурсед: *Оё шумо дар Душанбе будед? Кадом ҷойҳои Душанберо тамошо кардед? Ба шумо куҷо аз ҳама бештар писанд омад? Барои чӣ?* Барои ҷавоб гуфтан ба ин саволҳо, ҳамаи хонандагонро ҷалб намоед.

5) Тасвири расм. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйи расми китоб Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дафтарашон тасвир кунанд.
6) Оид ба мафҳумҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон, кӯтоҳ саволу ҷавоб кунед.

**Арзёбӣ.**Дониш, малака ва маҳорати хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Мафҳуми «Ватан»-ро шарҳ диҳанд. | Саволу ҷавоб |
| Муқаддасоти миллиро номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Тоҷикистонро ҳамчун ватани маҳбуб ва Душанберо ҳамчун пойтахти ватани худ шиносанд. | Амалан аз харита ва расми китоб нишон додан |
| Ҷойҳои ҷолиби диққати шаҳри Душанберо номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Расми муқаддасоти миллиро тасвир кунанд (интихобан, парчам ё нишон). | Амалан нишон додан |

## § 3. Оилаи мо (1 соат)

**Салоҳият.**
– Нақш ва вазифаҳои аъзои оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун аъзои хурдсол дар оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
- мафҳуми «Оила»-ро шарҳ диҳанд;
- ҳайати оилаи худро номбар кунанд;
- онҳоро ба категориҳо – падар, модар, хоҳар, бародар ва ғайра ҷудо кунанд;
- аъзоёни оиларо ҳамчун шахсони ғамхор қабул намоянд;
- оид ба дастгирӣ намудани аъзои оила дар ҳолати ғаму хурсандӣ маълумот диҳанд;
- хусусиятҳои оилаи намунавиро ба таври худ шарҳ диҳанд.

**Барнома.**Ҳайати оила – падар, модар, хоҳар, бародар, бибӣва бобо. Шахсони наздиктарин будани аъзои оила. Шарик будани аъзои оила дар ғаму хурсандии ҳамдигар. Эҳтиром ва дастгирии байниҳамдигарӣ дар оила. Калонсолон сутуни оила. Хусусиятҳои оилаи намунавӣ. Бозиҳои гуногуни маърифатӣва дилхушӣ.

**Методикаи таълим.**
1) Ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кунед: *Дӯсти шумо кӣ аст? Чаро шумо ӯро дӯсти худ мешуморед? Киҳо шахсони наздиктарини шумоянд?* Тавассути саволгузорӣ ҷараёни суҳбатро сари мафҳуми «оила» оред ва ба хонандагон фаҳмонед, ки аъзои оила шахсони аз ҳама наздиктарин ва дӯстони моянд.Нақшаи зерро дар тахта кашед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки барои пур кардани он ба шумо ёрӣ расонанд:




Дар хоначаҳои холии нақша аъзои оила: ман, падари ман, модари ман, хоҳар ва бародари ман, бобо ва бибии ман навишта мешавад (вобаста ба шумораи аъзоёни оила миқдори доираҳоро зиёд кардан мумкин аст).

1) Аз нақша истифода бурда, оид ба саҳми ҳар як узви оила дар пешрафти оила ва шарикии онҳо дар рӯзҳои хурсандии оила маълумот диҳед. Ҳангоми суҳбат аз таҷрибаи ҳаётии хонандагон истифода баред, бигзор онҳо оид ба ин ё он масъала аз оилаҳои худашон мисол оранд.
2) Бозӣ. Бозии мазкурро ба хотири муайян кардани оилаи хуб (намунавӣ) гузаронед. Бозӣ бо тартиби зер гузаронида мешавад:
 - Якчанд хислату рафторҳои оилаи хуб ва оилаи бадро ба хонандагон мегӯед. Хонандагон бояд аз рӯйи хислатҳои номбаршуда муайян кунанд, ки ин оилаи хуб аст ё бад. Мисол. Шумо чунин хислатҳоро пешниҳод карда метавонед: *«Аъзои оила дар ғаму хурсандии ҳамдигар шариканд», «Ҳамаи аъзои оила сардори оиларо гӯш мекунанд», «Ҳар як узви оила бо ихтиёри худ чӣкоре, ки хоҳад мекунад», «Дар корҳои оиладорӣ бо ҳамдигар маслиҳат намекунанд», «Дар оила хурдсолон ба калонсолон ёрӣ мерасонанд»* ва ғайра.
3) Аз расмҳо истифода бурда, хусусиятҳои оилаи хубро ба хонандагон бори дигар хотиррасон кунед.
4) Меҳнати хонандагонро қадр кунед ва бо суханони рӯҳбаландкунанда онҳоро дастгирӣ намоед.

**Арзёбӣ.** Дониш, малака ва маҳорати хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Мафҳуми оиларо шарҳ диҳанд | Саволу ҷавоб |
| Ҳайати оилаи худро номбар кунанд | Истифода аз нақша (кластер) |
| Аъзои оиларо ба падар, модар, хоҳар, бародар ва ғайра ҷудо кунанд | Истифода аз нақша (кластер) |
| Аъзои оиларо ҳамчун шахсони ғамхор қабул намоянд | Саволу ҷавоб |
| Оид ба дастгирӣ намудани оила дар ҳолати ғаму хрсандӣ маълумот диҳанд | Саволу ҷавоб |
| Хусусияти оилаи намунавиро бо таври худ шарҳ диҳанд | Бозии «Ёфтани оилаи хуб» |

## § 4. Хона ва мактаби мо (1 соат)

**Салоҳият.**

- Нақш ва вазифаҳои аъзои оилаашонро (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол дар оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- хусусияти хонаро ҳамчун манзили зист фаҳмонанд;
- мактабро ҳамчун даргоҳи маърифат тавсиф кунанд;
- ҷойгиршавии мактабро нисбати хонаи худ гӯянд;
- қоидаҳои рафтори дурустро дар мактаб ва дар роҳи мактаб номбар кунанд ва риоя намоянд;
- ҳангоми ба мактаб рафтан ва баргаштан аз роҳҳои бехатар истифода баранд.

**Барнома.** Хусусияти хона ҳамчун манзили зист. Ҳуҷраҳои хона (хонаи хоб, хӯрокхӯрӣ, дарстайёркунӣ, шустушӯй) ва тарзи дурусти истифодаи онҳо. Нақши ҳуҷраи дарстайёркунӣ барои мактаббача. Мактаб хонаи дуюми мо ва даргоҳи маърифат. Шиносоӣбо сохтори мактаб – синфхонаҳои таълимӣ, китобхона, толори варзиш, ошхона ва толори фарҳангӣ. Нақши омӯзгорон дар баланд бардоштани маърифати хонандагон. Аҳамияти тозаю озода нигоҳ доштани синфхона ва саҳни мактаб. Роҳи хона – мактаб ва таъмини бехатарӣ ҳангоми аз хона ба мактаб омадан ва баръакс.

**Методикаи таълим.**

1) Саволу ҷавоб ва суҳбат дар бораи хонаи истиқоматӣ. Суҳбатро аз рӯйи расмҳои китоби дарсӣ ба роҳ монед. Намунаи саволу ҷавоб: *Дар расм чиро мебинед? Расмҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд? Кадоме аз ин ҳуҷраҳо дар хонаи шумо ҳаст? ва ғайра.*Муқоисаи ҳуҷраҳои хонаи худ ва ҳуҷраҳое, ки дар расми китоб тасвир ёфтаанд. Муайян кардани монандӣ ва фарқияти онҳо.
2) Оид ба хусусият ва мавқеи ҳар як ҳуҷраи хонаи истиқоматӣ ба хонандагон каме маълумот диҳед. Зимни суҳбат нақши ҳуҷраи дарстайёркуниро махсус қайд кунед. Масалан: *дар ҳуҷраи дарстайёркунӣ ҳатман мизу курси бояд бошад то ки шумо дар он нишаста дарс тайёр кунед. Китобҳо ва дигар ашёи хониш дар ҷевон бо як тартиби муайян гузошта шавад. Аз кӯдакони хурдсол эҳтиёт шудан лозим аст, ки китобу дафтари шуморо надарронанд ё хат накашанд* ва ғайра.
3) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки синфхонаи худро мушоҳида кунанд. Баъдан расмҳои китобро оид ба мактаб аз назар гузаронанд. Саволу ҷавобро аз рӯйи расмҳои китоб ва мушоҳидаи хонандагон ба роҳ монед. Муқоисаи расм бо синфхонаи худ.
4) Нақли омӯзгор дар бораи сохтори мактаб - синфхонаҳои таълимӣ, китобхона, толори варзиш, ошхона ва толори фарҳангӣ. Оид ба сохтори мактаб ва нақши омӯзгорон маълумот дода, аҳамияти тозаву озода нигоҳ доштани синфхона ва мактабро ба хонандагон фаҳмонед.
5) Дида баромадани масъалаи бехатарии роҳи хона - мактаб. Оид ба бехатарии роҳи мактаб бо хонандагон суҳбат гузаронед. Зимни суҳбат аз ҳаёт мисолҳо оред. Воқеаҳоеро нақл кунед, ки аз беэҳтиётии хонандагон рӯй додааст. Тарзи дурусти рафтори мактаббачаро дар кӯча ва нақлиёти мусофирбар ба хонандагон фаҳмонед (истифодаи аломатҳои гузаргоҳ, чароғаки роҳнамо, одоби салому алейк ва ғайра).

**Арзёбӣ.** Дониш, малака ва маҳорати хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Хусусияти хонаи истиқоматиро ҳамчун манзили зист фаҳмонанд | Саволу ҷавоб |
| Мактабро ҳамчун даргоҳи маърифат тавсиф кунанд | Муқоиса, саволу ҷавоб |
| Ҷойгиршавии мактабро нисбати хонаи худ гӯянд | Саволу ҷавоб |
| Қоидаҳои рафтори дурустро дар мактаб ва дар роҳи мактаб номбар кунанд ва риоя намоянд | Амалан нишон додан |
| Ҳангоми ба мактаб рафтан ва баргаштан аз роҳҳои бехатар истифода баранд | Амалан нишон додан |

## § 5. Дар осмон чӣҳаст? (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайри зиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- мафҳумҳои абр, Офтоб, Моҳ ва ситораро номбар кунанд;
- ҳолати гуногун доштани абрҳои осмониро бо суханони худ фаҳмонанд;
- аломатҳои одии ҷирмҳои осмониро шарҳ диҳанд;
- вақти тулӯъ ва ғуруби Офтобро гӯянд;
- интихобан расми объектҳои омӯзишро тасвир кунанд.

**Барнома.**Ҳолати осмон рӯзона. Ҳолати осмон дар вақти шабона. Объектҳое, ки дар осмон мушоҳида кардан мумкин аст: абрҳо, Офтоб, Моҳтоб, ситораҳо. Хелҳои абр – тӯдагӣ, буғмонанд, қабатноки боронӣ. Аҳамияти Офтоб, шакл ва гармии он. Моҳ дар осмон, шакли Моҳ. Осмони ситоразор. Ситораҳо ҷирмҳои дури осмонӣ(кайҳонӣ).

**Методикаи таълим.**Дар дарси мазкур хонандагон донишҳои дар натиҷаи мушоҳидаҳои ҳаётии худ пайдокардаро такмил медиҳанд.

1) Дарсро аз суҳбат дар бораи тағйир ёфтани ҳолати осмон дар давоми шабонарӯз оғоз кунед. Масалан метавонед бо чунин саволҳо ба онҳо муроҷиат кунед: *Рӯзона дар осмон чиро мушоҳида кардан мумкин аст? Шабона чиро мебинем? Дар бораи чизҳои номбаркардаатон чӣ гуфта метавонед?* ва ғайра. Бигзор хонандагон ҷавобҳои ҳадигарро пурра кунанд.
2) Аз расмҳои китоби дарсӣ истифода бурда, оид ба абрҳо, шаклҳои он ва аҳамияти он кӯтоҳ маълумот диҳед.Дар ҷараёни суҳбат ба мушоҳидаҳои ҳаётии бачаҳо такя намоед (Дар маҳалли шумо кадом абрҳо бештар пайдо мешаванд? Онҳоро дар кадом вақти сол бештар мушоҳида кардан мумкин аст?).
3) Саволгузорӣ. Ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кунед: *Офтоб чӣ аст?; Офтоб аз кадом тараф мебарояд? Ба кадом тараф мешинад? Моҳтоб чист? Чаро моҳ шабона равшанӣмедиҳад?*Ҷавобҳои онҳоро шунавед ва атрофи ин масъалаҳо ба хонандагон кӯтоҳ маълумот диҳед.
4) Нисбати ситораҳо ба хонандагон маълумоти зиёд додан лозим нест. Ба хонандагони синфи 1 маълумоти зерин кифоя аст: *ситораҳо ба мисли офтоб ҷисми тафсони азиманд, онҳо дар фазо ниҳоят дур ҷойгир шудаанд, бинобар ин ба чашми мо хурд менамоянд.*

5) Ба хонандагон фаҳмонед, ки дар синфҳои болоӣоид ба ин ҷисмҳо маълумоти бештар мегиранд ва супориш диҳед расми яке аз объектҳои омӯзиш (офтоб, моҳ, абр, ситора)-ро дар дафтар (албом) тасвир кунанд.

**Арзёбӣ.** Дониш, малака ва маҳорати хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед.

| Натиҷаҳои таълим | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|
| Мафҳумҳои абр, Офтоб, Моҳ ва ситораро номбар кунанд | Саволу ҷавоб |
| Ҳолати гуногун доштани абрҳои осмониро бо суханони худ фаҳмонанд | Саволу ҷавоб |
| Аломатҳои одии ҷирмҳои осмониро шарҳ диҳанд; | Муқоисаи ҷирмҳо |
| Вақти тулӯъ ва ғуруби Офтобро мегӯянд; | Саволу ҷавоб |
| Интихобан расми объектҳои омӯзишро тасвир кунанд | Тасвири объект |

## §6. Чаро Офтоб рӯзона ва Моҳтоб шабона намоён мешаванд? (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайри зиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
- хусусияти одии ба амал омадани ҳодисаи шабу рӯзро шарҳ диҳанд;
- оид ба кай баромадан ва нишастани Офтоб маълумот диҳанд;
- хусусияти одии Офтобро ҳамчун кураи тафсон фаҳмонанд;
- Моҳтобро ҳамчун ҷирми осмонии ба Замин наздиктарин тавсиф кунанд;
- сабаби шабона равшан будани сатҳи Моҳтобро бо суханони худ фаҳмонанд;
- интихобан расми Офтоб ва Моҳтобро тасвир кунанд.

**Барнома.**Шабонарӯз. Хусусиятҳои рӯзу шаб. Фарқияти рӯз ва шаб аз рӯйи хусусиятҳо. Офтоб – ҷирми тафсони осмонӣ. Моҳ – ҳамсафари табиии Замин. Сабаби равшани карданӣ Офтоб ва Моҳтоб. Тулӯъ ва ғуруби Офтоб. Чаро равшании Моҳ дар шаб зиёд мешавад? Кадоме аз ин ҷирмҳои осмонӣ ба Замин наздиктар аст – Офтоб ё Моҳтоб? Шарҳи масъалаҳо барои дарки мавзӯъ. Истифодаи расму тасвирҳо барои фаҳмонидани моҳияти масъалаҳо.

**Методикаи таълим.**Бо мақсади самаранокии машғулият дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз суҳбат оғоз намоед. Зимни суҳбат аз расмҳои китоб истифода бурда, оид ба шабонарӯз, хусусиятҳои рӯзу шаб ва фарқияти онҳо, тулӯъ ва ғуруби Офтоб ба хонандагон маълумот диҳед. Масалан, чунин маълумотро ба онҳо пешниҳод намудан мумкин аст: *«Шабонарӯзи мо аз 24 соат иборат аст. 12 соати онро рӯз ва 12 соати дигарашро шаб ташкил медиҳад. Рӯзона ҳама ҷо равшан аст, мо ҳамаи ашё ва ҳодисаҳои атрофро бо чашм мушоҳида карда метавонем. Рӯзона одамон ва аксари ҳайвонҳо фаъоланд. Шабона ҳама ҷо торик аст. Одамон ва аксари ҳайвонҳо шаб хоб мекунанд. Сабаби иваз шудани рӯзу шаб дар он аст, ки замин дар гирди меҳвари худ давр мезанад ва нурҳои офтоб бо навбат сатҳи заминро равшан мекунанд. Он самте, ки Офтоб намоён мешавад (тулӯъ мекунад)*

*шарқ ном дорад. Самте, ки Офтоб аз назар ғайб мезанад (ғуруб) ғарб ном дорад. То он вақте, ки нурҳои Офтоб менамоянд, рӯз аст. Баъди нишастани Офтоб шаб фаро мерасад».*

2) Расми Офтобро ба хонандагон нишон дода, оид ба ҷисми тафсон будани он маълумот диҳед. Қайд кунед, ки Офтоб ниҳоят тафсон аст ва агар ба он наздик равед, ҳатто оҳанро об мекунад. Аз сабаби он, ки Офтоб аз мо бениҳоят дур аст як қисми ками гармии он ба мо омада мерасад.
3) Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед: *Шумо Моҳтобро медонед? Онро ягон маротиба дидаед? Моҳтоб аз Офтоб чӣфарқ дорад? Чаро Моҳ шабона намудор мешавад?* Атрофи ин саволҳо муҳокимарониро ба роҳ монед ва ҳамроҳи хонандагон ба ин саволҳо ҷавоб ёбед.
4) Ба хонандагон фармоед, ки мувофиқи хоҳишашон расми Офтоб ё Моҳтобро тасвир намоянд.

**Арзёбӣ.** Дониш, малака ва маҳорати хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед.

| **Натиҷаҳои таълим** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Хусусияти одии ба амал омадани ҳодисаи шабу рӯзро шарҳдиҳанд | Саволу ҷавоб |
| Оид ба кай баромадан ва нишастани Офтоб маълумот диҳанд | Баёни шифоҳӣ |
| Хусусиятҳои Офтобро ҳамчун кураи тафсон фаҳмонанд | Баёни шифоҳӣ |
| Моҳтобро ҳамчун ҷирми осмонии ба замин наздиктарин тавсиф кунанд | Саволу ҷавоб |
| Сабаби шабона равшан будани Моҳро бо суханони худ фаҳмонанд | Муқоисаи Офтобу Моҳ |
| Интихобан расми Офтоб ё Моҳтобро тасвир кунанд | Тасвири объект |

## §7. Чаро шакли Моҳ тағйир меёбад? (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.**Хонанда бояд

• аз рӯйи мушоҳидаҳои худ тағйирёбии шакли Моҳтобро гӯяд;
• сабаби тағйир ёфтани шакли Моҳро бо суханони худ фаҳмонад;
• марҳалаҳои ба амал омадани тағйирёбии шакли Моҳро аз рӯйи расму тасвирҳо нишон диҳад;
• фикрҳои худро оид ба ин ҳодиса баён кунанд;
• ба фикри ҳамсинфон дар ин масъала иловаҳо ворид кунад.

**Барнома.**Истифодаи аёният барои дарки масъала. Равшании Моҳ.Тағйир ёфтани шакли Моҳ (нимдоира, моҳи нисф, моҳи пурра). Сабабҳои тағйир ёфтани шакли Моҳ. Ҳаракати Моҳ дар атрофи Замин. Мавқеашро иваз кардани Моҳ нисбати Офтобу Замин. Мушоҳидаи объекти омӯзиш.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз намоиш додани расме, ки дар он тағирёбии шакли Моҳ дар осмон нишон дода шудааст, оғоз намоед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расмро бодиққат мушоҳида кунанд ва оиди он фикрҳояшонро гӯянд. Барои шунидани фикрҳои онҳо аз рӯйи расм саволҳо диҳед. Масалан, *Дар расм чӣ тасвир ёфтааст? Аз рӯйи расм шумо чиро мушоҳида кардед? Оё чунин шаклҳои Моҳро шумо дар осмон дидаед?* ва ғайра.
2) Сабаби тағйир ёфтани шакли Моҳро ба таври мухтасар ба хонандагон фаҳмонед. Барои фаҳмонидан аз расмҳои гуногун истифода баред.

3) Лаҳзаи дамгирӣ.
4) Барои мустаҳкам кардани донишу фаҳмиши хонандагон ба онҳо саволу ҷавобро ташкил кунед. Ҳангоми саволу ҷавоб ҳаракат кунед, ки ҳамаи хонандагон иштирок кунанд. Намунаи саволҳо: *Чаро шакли Моҳ тағйир меёбад? Оё ба тағйир ёфтани шакли Моҳ нурҳои Офтоб ягон алоқамандӣ доранд? Чаро баъзан Моҳ ба назари мо аз осмон ғайб мезанад?*
5) Донишҳои парокандаи хонандагонро муттаҳид карда, дарсро ҷамъбаст кунед.
6) Барои иштироки фаъолонаашон хонандагонро дастгирии мусбӣ кунед.

**Арзёбӣ.** Дониш малака ва маҳорати хонандагонро тавассути нишондиҳандаҳои зерин санҷед.

| Нишондиҳандаҳо | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|
| Аз рӯйи мушоҳидаҳои худ тағирёбии шакли Моҳро мегӯянд | Саволу ҷавоб |
| Сабаби тағйирёбии шакли Моҳро бо суханони худ фаҳмонанд | Саволу ҷавоб |
| Марҳалаҳои тағйирёбии шакли Моҳро аз рӯйи расму тасвирҳо нишон диҳанд | Нишон додан аз рӯйи расм |
| Фикрҳои худро оид ба ин ҳодиса баён кунанд | Саволу ҷавоб |
| Ба фикри ҳамсинфон иловаҳо ворид кунанд | Саволу ҷавоб |

## § 8. Санг ва хок (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд:

- ашё-ҷинсҳои куҳие, ки дар рӯйи замин ҷой гиранд – санг, қум, рег ва хокро номбар кунанд;
- хусусияти одии онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи хусусиятҳо хокро аз санг фарқ кунанд;
- соҳаи истифодаи ин ашёро ба таври худ фаҳмонанд;
- оид ба мазмуни мавзӯъ чистон гӯянд.

**Барнома.** Ашёи табиӣ. Гуногунии ашёи табиӣ. Ҷинсҳои кӯҳӣ. Санг ва хусусиятҳои он. Хок ва хусусиятҳои он. Фарқияти санг аз хок. Истифодаи санг ва хок дар соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ. Аҳамияти хок барои одамон – кишоварзӣ, корҳои сохтмонӣ, парвариши зироатҳои ороишӣ ва ғайра. Хокҳои маҳалли худ ва истифодаи онҳо. Ба роҳ мондани муқоисаи объектҳои омӯзиш (хок ва санг). Истифодаи чистон барои муайян кардани объекти омӯзиш.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз намоед. Ба хонандагон метавонед чунин саволҳоро пешниҳод кунед: *Шумо сангро мешиносед? Онро дар кӯчаҳо дучор омадан мумкин аст? Аз рӯйи ранг ва шакл онҳо чӣ гуна мешаванд?* Бо хонандагон ин саволҳоро муҳокима кунед.
2) Диққати бачаҳоро ба расмҳои китоб ҷалб намуда, онҳоро бо намудҳои гуногуни сангҳои табиӣ ва рангу шакли онҳо шинос кунед. Оид ба истифодаи санг (қум, рег, сангҳои қиматбаҳо) ба хонандагон маълумот диҳед.
3) Шиносоиро бо хок аз ёфтани чистон оғоз кунед. Чистон дар китоб оварда шудааст:

*Сару даҳон надорад,*
*Обу алаф мехӯрад. (хок)*

4) Оид ба хок бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Аз онҳо пурсед:*Хок чӣ аст?Дар маҳаллашон кадом хокҳо вуҷуд доранд?Одамон хокро чӣ гуна истифода мебаранд?* ва ғайра.Атрофи ин масъалаҳо суҳбат намоед ва хонандагонро бо ин маълумот шинос кунед.
5) Муқоисаи санг ва хок. Барои муқоиса аз расмҳои зерин истифода баред (расмҳои ба ин монандро аз китоби дарсӣ низ пайдо кардан мумкин аст):




Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ кор кунанд ва бо маслиҳат, хусусиятҳои сангу хокро муайян кунанд (масалан, ранг, шакл, ҳаҷм ва ғайра). Аз рӯйи хусусиятҳо фарқияти сангро аз хок муайян кунанд. Кори якчанд дунафараи хоҳишмандро шунавед ва донишҳои хонандагонро оид ба ин масъала пурра кунед.
6) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед.

**Арзёбӣ.**Ҷараёни машғулиятро дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Ашё-чинсҳои кӯҳие, ки дар рӯйи замин ҷойгиранд – санг, қум, рег ва хокро номбар кунанд; | Саволу ҷавоб |
| Хусусияти одии онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд; | Саволу ҷавоб |
| Аз рӯйи хусусиятҳо хокро аз санг фарқ кунанд; | Муқоисаи объектҳо аз рӯйи расм |
| Соҳаи истифодаи ин ашёро ба таври худ фаҳмонанд; | Саволу ҷавоб |
| Оид ба мазмуни мавзӯъ чистон гӯянд. | Ёфтани чистон |

## § 9.Рустанӣ (1 соат)

**Салоҳият.**
– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
• баъзе хусусиятҳои рустаниҳоро номбар кунанд;
• рустаниҳоро ба гиёҳ (алаф), бутта ва дарахт ҷудо кунанд;
• аз рӯйи расму тасвирҳо онҳоро аз ҳам фарқ кунанд;
• мушоҳидаҳои ҳаётии худро оид ба рустаниҳо нақл кунанд;
• расми рустании дилхоҳро тасвир кунанд.

**Барнома.**Рустанӣ– организми зинда. Навъҳои рустанӣ– дарахт, бутта, гиёҳ (алаф). Хусусияти фарққунандаи онҳо. Муқоисаи навъҳои рустанӣ. Рустаниҳои мевадиҳанда ва ороишӣ. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Баён фикр аз рӯйи расму тасвирҳо. Бозиҳои таълимӣ барои дарки масъала.

**Методикаи таълим.**

1) Дар оғози дарс аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз тирезаи синфхона ба берун назар андозанд ва чизеро мебинанд номбар кунанд. Масалан, онҳо метавонанд чунин ашёро номбар кунанд: хона, мошин, дарахт, паранда, алаф, ягон намуди дигари ҳайвон, одам ва ғайра.
2) Ба хонандагон расмҳоеро, ки дар онҳо рустаниҳо тасвир ёфтааст, нишон диҳед. Аз онҳо пурсед, ки дар расм чӣ тасвир ёфтааст ва кадоме аз ин расмҳоро шумо дар берун мебинед. Ба онҳо гӯед, ки имрӯз мо ба омӯзиши рустаниҳо оғоз мекунем.
3) Каме дар бораи рустаниҳо маълумот диҳед ва хонандагонро бо навъҳои рустанӣ– дарахт, бутта ва гиёҳшинос кунед. Аз расмҳои китоби дарсӣ истифода баред.
4) Оид ба рустаниҳои мевадиҳанда ва ороишӣ сӯҳбат гузаронед. Ба хотири бедор кардани донишҳои хонандагон саволҳо диҳед: *Шумо кадом рустаниҳои мевадиҳандаро медонед? Меваи онҳоро одамон чӣкор мекунанд? Барои чӣбаъзе рустаниҳоро ороишӣ меноманд? Онҳоро дар кӯчо истифода мебаранд? Шумо ин гуна рустаниҳоро дар кӯчо дидаед?* Шояд хонандагон ба ҳамаи саволҳо ҷавоб гуфта натавонанд. Ба саволҳои беҷавоб равшанӣ андозед.
5) Бозӣ аз рӯйи расм. Ба хонандагон бонавбат хусусияти дарахт, бутта ва гиёҳро гуфта, аз онҳо талаб кунед, ки аз рӯйи расм онро ёбанд,яъне онҳо бояд гӯянд, ки ин хусусият ба кадоме аз ин рустаниҳо тааллуқ дорад.
   Намуна. *Қади ин рустаниҳо он қадар баланд нест (бутта); Ҳайвонҳо ин рустаниҳоро дар дашту саҳро бисёр мехӯранд (гиёҳ); Ин рустаниҳо мева медиҳанд ва қадашон баланд мешавад (дарахт)* ва ғайра. Аз расмҳои зерин истифода бурда метавонед:



Бутта




Дарахт



Гиёҳ (алаф)

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расми рустании дилхоҳашонро тасвир кунанд ва онро рангу бор кунанд (агар вақт нарасад, ин корро дар хона давом медиҳанд).

**Арзёбӣ.**Ҷараёни машғулиятро дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Баъзе хусусиятҳои рустаниҳоро номбар мекунанд | Саволу ҷавоб |
| Рустаниҳоро ба гиёҳ, бутта ва дарахт ҷудо мекунанд | Муайян кардан аз рӯйи расм |
| Аз рӯйи расму тасвирҳо онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунанд | Истифодаи расмҳо |
| Мушоҳидаҳои ҳаётии худро оид ба рустаниҳо нақл мекунанд | Саволу ҷавоб |
| Расми рустании дилхоҳи худро тасвир мекунанд | Тасвири объект |

## § 10. Парвариши гул (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Салоҳиятҳо/Натиҷаи таълим.** Хонандагон бояд

- аз рӯйи расм намудҳои гуногуни гулҳоро нишон диҳанд;
- роҳҳои парвариши гулҳоро фаҳмонанд;
- зарурати эҳтиёт кардани гулҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- шароит барои сабзиши гулро гӯянд;
- расми гули дӯстдоштаашро тасвир намоянд.

**Барнома.**Гулҳо рӯҳбахшандаи инсон ва зебогии табиат. Аҳамияти гулҳо. Сабзиши гул. Тарзи сабзонидан ва парвариши гулҳои хонагӣ. Нигоҳубини гулҳо дар шароити хона. Ҷалб ва ҳавасмандкунии хонандагон барои парвариши гулҳо. Муҳофизати гулҳо. Баёни фикр аз рӯйи расмҳо. Тасвири объекти омӯзиш.

**Методикаи таълим.**Дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур метавонед истифода баред.

1) Аз хонандагон пурсед: *Барои чӣ одамон гулҳоро парвариш мекунанд?* Атрофи ин масъала саволу ҷавоброро ташкил намуда, фикри ҳамаи хонандагони хоҳишмандро шунавед ва хулоса кунед. Мазмуни хулосаҳо чунин буда метавонад: *Одамон гулҳоро барои зебогиашон парвариш мекунанд. Онҳо хона ва ҳавлии моро зебу зинат бахшида, табъи моро болида мегардонанд.* Барои тақвияти суханҳоятон расми якчанд гули зеборо ба онҳо нишон диҳед.
2) Аз хонандагон пурсед, ки дар хонаи кадоми онҳо гул ҳаст. Агар тавонанд, номи онҳоро номбар кунанд. Умуман гулҳои медонистаашонро бигзор гӯянд.
3) Аз рӯйи расмҳо якчанд намуди гулҳоро ба хонандагон нишон диҳед, номи онҳоро гӯед ва қайд кунед, ки ҳар як гул ба худ ном дорад. Хонандагонро бо шаклҳои гуногуни гул шинос кунед. Фарқи онҳоро аз рӯйи шакл нишон диҳед (мавҷудияти барг, хор, гуногун будани шакли баргҳо, гуногунии гулбаргҳо ва ғайра). Барои ин кор аз гулҳои синфхона низ истифода бурдан мумкин аст.
4) Оид ба тарзи сабзиши гул ба хонандагон каме маълумот диҳед.
5) Зарурати эҳтиёт намудани гулҳо ва тарзи дурусти нигоҳубини гулҳоро ба хонандагон фаҳмонед. Ба онҳо тавсия диҳед, ки дар хонаҳои худ гулҳои гуногунро парвариш кунанд агар дар синфхона гулҳо бошанд, онҳоро низ нигоҳубин кунанд.
6) Дар охир ба онҳо супориш диҳед, ки дар хона расми ягон гули дӯстдоштаашонро тасвир намуда, онро рангу бор кунанд.

**Арзёбӣ.**Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволҳои зер арзёбӣ кунед.

Намунаи саволҳо:

*Кадом намудҳои гулро медонед?*
*Барои чӣ одамон гул парвариш мекунанд?*
*Гулро чӣтавр парвариш ва нигоҳубин кардан мумкин аст?*
*Барои парвариши гул кадом шароитҳо заруранд?*
*Шумо гулҳои хона ва синфхонаро чӣ гуна нигоҳубин мекунед?*

## § 11. Мева ва сабзавот (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- намудҳои мева ва сабзавотро номбар кунанд;
- аз рӯйи расм онҳоро нишон диҳанд;
- вобаста ба шакл ва рангашон меваю сабзавотро аз ҳам фарқ кунанд;
- аҳамияти баъзеи онҳоро бо суханони худ гӯянд;
- расми мева ва сабзавоти дилхоҳашонро тасвир кунанд.

**Барнома.**Мева ва намудҳои он. Тармева ва хушкмева. Хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо. Муайян кардани меваҳо аз рӯйи расму тасвирҳо. Сабзавот ва намудҳои он. Шинохтани сабзавот аз рӯйи расмҳо. Фарқи меваю сабзавот аз рӯйи рангашон. Муайян кардани меваю сабзавот аз рӯйи хусусиятҳо. Бозии таълимӣ.

**Методикаи таълим**. Тавсияҳои зерин барои гузаронидани дарс ба шумо кӯмак хоҳанд кард.

1) Дарсро аз намоиши расмҳои китоб, ки дар онҳо меваю сабзавот тасвир ёфтаанд оғоз кунед. Аз хонандагон пурсед: *Дар расмҳо чӣ тасвир ёфтааст?. Номи онҳоро гӯед*. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар яки онҳо танҳо як намуди мева ё сабзавотро номбар кунанд, то ба ҳама навбат расад.
2) Бозӣ. Фаъолияти бозиро ба таври зайл ба роҳ монед: *хонандагонро дар давра гузоред. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҳар як хонанда номи худро гуфта, бо ҳарфи аввали номи худ номи ягон мева ё сабзавотро номбар мекунад. Хонандае, ки ин корро ба анҷом расонид, ба ҷойи худ мешинад.*
3) Кор бо расмҳо. Расми мева ва сабзавоти гуногунро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки расмҳоро ба мева ва сабзавот ҷудо кунанд:



Супоришро аз рӯйи расмҳо каме тағйир медиҳем. Акнун аз хонандагон хоҳиш мекунем, ки меваҳоро ба тармева ва хушкмева ҷудо кунанд.

4) Ҷавоби хонандагонро муттаҳид намуда, расмҳоро ба мева ва сабзавот ва тармеваю хушкмева ҷудо кунед.
5) Аҳамияти меваю сабзавотро ба хонандагон фаҳмонед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад: *Дар табиат меваю сабзавот бисёр аст. Онҳо барои инсон ва*

*ҳайвонот манбаи ғизо мебошанд. Меваю сабзавотро одамон дар заминҳои кишт ва назди ҳавлиашон парвариш мекунанд. Меваю сабзавот рангу таъми гуногун доранд. Агар одам меваю сабзавотро бисёр истеъмол кунад, ба бемориҳо гирифтор намешавад. Баъзе одамон меваю сабзавотро мехушконанд, мураббо тайёр карда, дар зарфҳои махсуси шишагин (банкаҳо) мегиранд ва дар фасли зимистон истеъмол мекунанд.*

6) Муқоисаи объекти омӯзиш. Аз расмҳои китоб истифода бурда, бори дигар аз хонандагон хоҳиш кунед, ки меваҳо ва сабзавотро муайян кунанд. Хонандагон бояд муайян кунанд, ки кадоме аз сабадҳо мева аст ва кадомаш сабзавот аст. Пас онҳо номи ҳар кадом мева ва сабзаводи дар сабадбударо муайян мекунанд. Агар баъзеашро муайян карда натавонанд, кумак кунед.

1



2



7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки интихобан, расми ягон мева ё сабзавотро дар албомашон тасвир ва ранг кунанд.
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед ва онҳоро бо суханони хуб рӯҳбаланд намоед. Суханони рӯҳбаландкунанда чунин буда метавонанд: «*Ташаккур бачаҳо, шумо хеле хуб кор кардед!*», «*Офарин ба ҳамаи шумо!*» ва ғайра.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

– *Кадом намудҳои мева ва сабзавотро медонед?*
– *Мева ва сабзавотро аз рӯйи расм ҷудо кунед.*
– *Аз рӯйи ранг меваю сабзавот чӣ гуна мешаванд?*
– *Аз рӯйи шакл онҳоро чӣгуна фарқ кардан мумкин аст?*
– *Аҳамияти меваю сабзавот аз чӣ иборат аст?*
– *Чаро одамон меваро мехушконанд ва дар зарфҳои шишагин маҳкам мекунанд?*

## § 12.Рангҳо дар табиат(1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

• рангҳое, ки дар табиат вомехӯранд, номбар кунанд;
• хусусияти рангҳои гуногун доштани ашёи табииро бо суханони худ фаҳмонанд;
• аз расму тасвирҳо истифода бурда, ранги ашёро аз ҳам фарқ кунанд;
• баъзе ашёро тасвир намоянд ва онҳоро мувофиқан ранг кунанд.

**Барнома.**Кадом рангҳо дар табиат вуҷуд доранд? Гуногунии рангҳо. Ашёи ранги гуногундошта. Аз рӯйи рангҳо муайян кардани ашё. Рангҳои дӯстдоштаи мо. Бозии таълимӣ. Нишон додани рангҳо аз рӯйи расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим.**Умедворем, ки тавсияҳои методии зерин барои гузаронидани дарс ба шумо кӯмак хоҳанд кард.

1) Дарсро аз саволу ҷавоб оғоз кунед. Саволҳо метавонанд чунин бошанд: *Шумо кадом рангҳоро медонед? Оид ба рангҳои гуногун доштани ашё мисол оварда метавонед? Кадом рангро дӯст медоред? Чаро шумо ин рангро дӯст медоред?* ва ғайра. Оид ба ин масъалаҳо фикрҳои хонандагонро шунавед.
2) Бозии «Мушоҳида намо ва дар хотир гир!». Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба атроф нигариста ҳама он чизе, ки мебинанд рангашро дар хотир гиранд. Баъд дунафара кор карда, ашё ва рангҳои интихобкардаашонро муттаҳид кунанд. Бо навбат дунафараҳоро пурсед ва ин масъаларо ҷамъбаст кунед.
3) Сабаби рангҳои гуногун доштани ашёи табииро ба хонандагон фаҳмонед. Вобаста ба рангҳо намуди меваҳо, сабзавот, либосҳо ва дигар ашёи табииро мисол оред. Қайд кунед: *Ҳар як ашё дар табиат ранги ба худ хос дорад. Рангҳо баъзан тағйир меёбанд. Масалан, помидор аввал сабз аст, баъд аз пухтанаш сурх мешавад. Барги дарахт аввал сабз аст, баъд зард мешавад* ва ғайра.
4) Бозии таълимӣ. Коғазҳоро бо рангҳои сафед, сурх, зард, кабуд ва сабз ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки вобаста ба рангҳо намуди мева ва сабзавотро номбар кунанд. Аз расмҳои китоб истифода баред.



5) Расмкашӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқ ба рангҳо ашёро тасвир намоянд ва ранг кунанд.
6) Барои иштироки фаъолонаашон хонандагонро дастгирӣкунед ва дарсро ҷамъбаст намоед.

**Арзёбӣ.**Дар ҷараёни дарс фаъолият ва натиҷаҳои таълимии хонандагонро мушоҳида кунед. Ҳангоми мушоҳида ба нишондиҳандаҳои зерин диққат диҳед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Рангҳоеро, ки дар табиат вомехӯранд, номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Хусусияти рангҳои гуногун доштани ашёи табииро бо суханони худ фаҳмонанд. | Саволу ҷавоб |
| Аз расму тасвирҳо истифода бурда, ранги ашёро аз ҳам фарқ кунанд. | Бозии «Мушоҳида намо ва дар хотир гир» |
| Баъзе ашёро тасвир намояд ва онҳоро мувофиқан ранг кунанд. | Тасвири объектҳо |

## § 13. Ҳашарот (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- якчанд намуди ҳашаротро номбар кунанд;
- хусусияти одии сохти онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- оид ба ҳашароти зараровар ва фоидаовар аз табиати маҳал мисол оранд;
- аз рӯйи расму тасвирҳо ҳашароти гуногунро нишон диҳанд;
- оид ба ҳашарот чистон гӯянд;
- дар ҳаёт аз ҳашароти зиёновар эҳтиёт шаванд;
- расми ҳашароти дилхоҳашонро тасвир кунанд.

**Барнома.** Ҳашарот ҳайвонҳои аз ҳама паҳншудатарин. Гуногунии ҳашарот. Фарқи ҳашарот аз рӯйи сохти берунӣ. Аҳамияти ҳашарот. Ҳашароти фоидаовар ва зараррасон. Роҳҳои ҳифз аз ҳашароти зиёновар. Кор бо расму тасвирҳо ва чистон. Муқоисакунӣ ва таҳлил. Бозиҳои таълимӣ ва бартарафкунандаи мондашавӣ.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз суҳбат оид ба ҳашарот оғоз кунед. Аз хонандагон пурсед: *Кадом намуди ҳашаротро медонанд? Онҳоро дар куҷо дучор омадаанд? Кадоми онҳо аз ҳашарот зарар дидаанд?* Атрофи ин саволҳо кӯтоҳ муҳокимаронӣ кунед.
2) Муқоиса. Расми ду-се намуди ҳашаротро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқкунандаи онҳоро муайян кунанд. Барои ин кор аз расмҳои зер истифода бурда метавонед.



*Занбӯр (ору)*



*Мӯрча*



*Гамбусак*

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳангоми муқоисаи ҳашарот ба сохти бадан, пойҳо, бол,мӯйлабҳо ва ғайра аҳамият диҳанд. Ин корро дунафарӣиҷро кунанд боз хубтар мешавад. Натиҷаи муқоисаи хонандагонро як-як мешунавем ва хулосаҳои асосиро мебарорем. Ҳангоми хулосабарорӣ аз расмҳои ҳашароти гуногун истифода баред. Мазмуни хулосаҳо чунин буда метавонад: *Ҳашарот дар табиат хеле зиёд аст. Аз рӯйи шакл ва сохти бадан онҳо гуногун мешаванд. Баъзеи онҳо бол доранд, дигарашон бол надоранд. Ранги бадани онҳо низ гуногун аст. Масалан, ранги занбӯрҳо зард, ало-було ва сиёҳ мешаванд. Шапалакҳо ранги хеле зебо доранд ва бо рангашон табиатро зебо мегардонанд. Монандии ҳашарот дар он аст, ки ҳамаи онҳо се ҷуфт пой (6 пой) доранд, бадани онҳо аз сар-тана-шикам иборат аст. Ҳашарот асосан хӯроки рустанигӣ истеъмол мекунанд, вале баъзеашон дарранда мебошанд, онҳо дигар ҳашаротро дошта мехӯранд.Ҳашарот асосан дар фасли гарми сол фаъоланд. Онҳо дар хунукӣ карахт мешаванд. Аз ин сабаб мо онҳоро дар фасли зимистон намебинем.*

3) Суҳбат оид ба ҳашароти фоидаовар ва зарарровар. Расми якчанд ҳашаротро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо пурсед, ки кадоме аз онҳо фоидаовар ва кадомашон зараррасон мебошанд. Аз расмҳои китоб ё расмҳои зер истифода бурдан мумкин аст:

 

 

Саволу ҷавобро аз рӯйи расмҳо чунин ба роҳ мондан мумкин аст: *Бачаҳо дар ин расмҳо кадом намуди ҳашарот тасвир ёфтааст? Ба фикри шумо кадоми онҳо фоида оваранд – ҳашароти дар расми боло тасвирёфта ё расмҳои поён? Чаро шумо онҳоро фоидаовар мегӯед?Ҳашароти зараррасон ба одамон чӣ гуна зарар мерасонанд?* Атрофи ин масъалаҳо муҳокима кунед ва моҳияти ҳашароти зараррасон ва фоидаоварро ба хонандагон фаҳмонед. Оид ба гурӯҳҳои ҳашароти номбаршуда аз табиат якчанд мисолҳо оред. Аз расмҳои китоб истифода баред. Мушоҳидаҳои ҳаётии хонандагонро пурсон шавед.

4) Ёфтани чистон. Чистонро ба бачаҳо хонда диҳед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷавоби онро ёбанд. Ин корро аввал инфиродӣ, баъд дунафара ва дар охир умумисинфӣ кардан мумкин аст.
   Чистон:
   *Як хонаи танида,*
   *Ӯро ҳама харида.*
   Ҷавоби чистон –пилла.
5) Масъалагузорӣ. Бо саволи зерин ба хонандагон мурочиат кунед: *Мо чӣ гуна метавонем худро аз ҳашароти зараррасон ҳифз намоем?* Ҷавобҳои хонандагонро шунавед ва роҳҳои пешгирӣ намудан аз ҳашароти зиёноварро ба онҳо фаҳмонед. Ба хонандагон чунин масъалаҳоро фаҳмондан мумкин аст:
   - *Баъзе намуди ҳашарот ба одамон, чорво ва зироату боғҳо зарар мерасонанд;*
   - *Агар эҳтиёт накунем,ҳашароти заҳрдор моро мегазад. Бинобар ин ҳангоми дар саҳро будан ба зери пой ва ҷойи нишаст бодиққат нигоҳ кардан лозим аст;*
   - *Хонаи оруҳо (занбӯрҳо)-ро вайрон накунед;*
   - *Бачаҳоеро, ки мақсади ин корро доранд, аз роҳ гардонед;*
   - *Ҳашароти заҳрнокро бо даст нақапед;*
   - *Онҳоро таъқиб накунед ва монед бо роҳашон раванд;*
   - *Бо ёрии калонсолон бар зидди ҳашароти зараррасони хона мубориза бурдан лозим аст;*
   - *Агар моро ягон ҳашароти заҳрнок газад, зуд ба духтур мурочиат кардан лозим аст.*

*6)* Бозӣ– Ёфтани рафтори дуруст ва нодуруст. Якчанд намунаи рафтори бачаҳоро мисол оред ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дуруст ё нодуруст будани онҳоро муайян кунанд. Масалан: *Писарак бо чӯб хонаи оруро вайрон кард. Писарак дид, ки додараш мехоҳад хонаи оруро вайрон кунад, вай ӯро аз ин кор боздошт. Писарак ду мӯрчаро бо ҳам ҷанг андохт. Писарак дид, ки ду мӯрча ҷанг карда истодаанд, ӯ онҳоро ҷудо кард. Писарак ба алафи зери пояш нигоҳ накарда, ба замин дароз кашида, хоб кард. Писарак барои нест кардани ҳашарот замини алафзорро оташ зад. Писаракро чизе газид, ӯ зуд ба духтур мурочиат кард.*

7) Дарсро ҷамъбаст намуда, хонандагонро барои иштироки фаъолонаашон дастгирии мусбӣ кунед.
8) Барои хона чунин супориш диҳед – аз рӯйи китоб расми ору ва момохолакро дар албоматон тасвир намоед ва ранг кунед.

**Арзёбӣ.**Дар ҷараёни машғулиятфаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Якчанд намуди ҳашаротро номбар кунанд | Саволу ҷавоб |
| Хусусияти одии сохти онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд | Муқоисаи ҳашарот |
| Оид ба ҳашароти зараровар ва фоидаовар аз табиати маҳал мисол оранд | Саволу ҷавоб |
| Аз рӯйи расму тасвирҳо ҳашароти гуногунро нишон диҳанд | Муайян кардан аз рӯйи расм |
| Оид ба ҳашарот чистон гӯянд | Ёфтани чистон |
| Дар ҳаёт аз ҳашароти зиёновар худро эҳтиёт намоянд | Ҷамъбасти натиҷаи бозии таълимӣ |
| Расми ҳашароти дилхоҳашонро тасвир кунанд | Тасвири объект |

## § 14. Моҳӣва намудҳои он (1соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
- якчанд намуди моҳиҳоро номбар кунанд;
- аҳамияти моҳиҳоро бо суханони худ фаҳмонанд;
- аз рӯйи хусусиятҳои одӣ моҳиҳоро аз ҳам фарқ кунанд;
- муҳити зисти моҳиҳоро (дарё, кӯл, баҳр) гӯянд;
- аз рӯйи расм моҳиҳои гуногунро фарқ кунанд;
- оид ба моҳӣ чистон гӯянд ва ҷавоби онро ёбанд.

**Барнома.** Моҳӣ- ҳайвони обӣ. Сохти бадани моҳӣ. Гуногунии моҳиҳо. Моҳиҳои баҳрӣва дарёгӣ. Аҳамияти моҳиҳо барои табиат ва инсон. Парвариши моҳӣбо мақсади истеъмол. Парвариши моҳӣбо максади зебогӣ(дар аквариум). Кор бо чистон ва расму тасвирҳо. Бозии таълимӣ.

**Методикаи таълим.**Умедворем, ки тавсияҳои зерин барои гузаронидани дарс ба шумо кумак хоҳанд кард.

1) Дарсро аз суҳбат оид ба аҳамияти моҳиҳо оғоз намоед. Дар ҷараёни суҳбат аз таҷрибаи ҳаётии хонандагон истифода баред. Оид ба аҳамияти моҳиҳо чунин маълумотро пешниҳод кардан мумкин аст: *Моҳиҳо барои табиат ва инсон аҳамияти калон доранд. Одамон моҳиро асосан барои гӯшт шикор мекунанд. Тухми моҳӣ низ хӯроки пурқимат мебошад. Дар табиат моҳиҳо барои дигар ҳайвонҳо ғизо мебошанд.*

2) Шиносоӣбо моҳиҳо. Аз расмҳои китоб ва дигар расму тасвирҳои дастрас истифода бурда, хонандагонро бо хусусияти моҳиҳо шинос кунед. Ҳангоми шиносоӣ ба масъалаҳои зерин диққат диҳед:
   – *Муҳити зисти моҳиҳо - моҳиҳо ҳайвонҳое мебошанд, ки дар об зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба тарзи зиндагии обӣ мутобиқ шудаанд. Моҳиҳо дар баҳр, дарё, кӯл ва обанборҳо зиндагӣ мекунанд.*

- *Гуногунии моҳиҳо аз рӯйи шакл – моҳиҳои лӯндашакл, моҳиҳои паҳн (суфрамоҳӣ) ва ғайра;*
- *Рӯйпӯши бадан –рӯйи бадани моҳиҳо бо пулакчаҳо пӯшида шудааст;*
- *Фарқияти моҳиҳо аз рӯйи ранг – моҳиҳои гулдор (рангҳои гуногун доранд) ва моҳиҳои якранг;*
- *Фарқияти моҳиҳо аз рӯйи ғизогирӣ– моҳиҳое, ки хӯроки рустанигӣ мехӯранд ва моҳиҳои дарранда (баъзе намуди моҳиҳо дигар ҷонварҳои обӣ ё моҳиҳои намуди дигарро мехуранд).*

3) Кор бо чистон.Чистони зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷавоби онро ёбанд (чистон дар китоби дарсӣ вуҷуд дорад):
   *Дорад даҳону забон надорад,*
   *Сад чӯб занӣ, фиғон надорад.*
   *(Ҷавоб: моҳӣ)*
4) Бозӣ.Ҳар як хонанда дар дафтари худ ҳарфи аввали номи моҳиҳои медонистаи худро менависад. Пас, хонанда бо ҳампартаи худ дафтарҳоро иваз мекунанд ва мегӯяд, ки рафиқаш кадом моҳиҳоро дар назар дорад, яъне ин кадом моҳӣаст. Агар хонандагон номи ҳамаи моҳиҳоро муайян карда натавонанд, хонандаи навиштагӣ худаш мегӯяд.
5) Суҳбат. Оид ба парвариши моҳӣ дар ҳавзҳои моҳипарварӣ ва нигоҳдории моҳӣ дар аквариум ба хонандагон каме маълумот диҳед.
6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Якчанд намуди моҳиҳоро номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Аҳамияти моҳиҳоро бо суханони худ фаҳмонанд. | Саволу ҷавоб |
| Аз рӯйи хусусиятҳои одӣ моҳиҳоро аз ҳам фарқ кунанд. | Муқоисаи моҳиҳо аз рӯйи хусусият |
| Муҳити зисти моҳиҳоро (дарё, кӯл, баҳр) гӯянд. | Саволу ҷавоб |
| Аз рӯйи расм моҳиҳои гуногунро фарқ кунанд. | Муайян кардан аз рӯйи расм |
| Оид ба моҳӣчистон гӯянд ва ҷавоби онро ёбанд. | Ёфтани чистон |

## § 15. Олами парандаҳо(1 соат)

**Салоҳият.**
- Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд
- якчанд намуди парандаҳоро номбар кунанд;
- дар расм аз байни дигар ҳайвонот парандаҳоро ҷудо кунанд;
- оид ба гуногунии парандаҳо фикрҳои худро баён кунанд;
- парандаҳои парвозӣва парвоз карда наметавонистаро фарқ кунанд;
- аҳамияти парандаҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- расми парандаи дилхоҳашонро тасвир кунанд.

**Барнома.** Парандаҳо ҳайвонҳои парвозкунанда. Фарқияти парандаҳо аз рӯйи сохт, ҳаҷм, ғизогирӣ, муҳити зист ва рафтор. Парандаҳои муқимӣ ва мавсимӣ. Парандаҳои хонагӣ. Аҳамияти парандаҳо. Кор бо расму тасвирҳо. Мушоҳида ва таҳлил.

**Методикаи таълим.**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои методии зерин истифода бурда метавонед.

1) Масъалагузорӣ. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед: *Паранда чист? Кадом намуди парандаҳоро медонед? Онҳо дар куҷо зиндагӣмекунанд? Чӣмехӯранд?* Атрофи ин саволҳо каме муҳокимарониро ба роҳ монда, фикрҳои хонандагонро шунавед.
2) Кор бо расмҳо. *Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расмҳоро бодиққат мушоҳида кунанд ва аз байни ҳайвонҳои пешниҳодшуда парандаҳоро ёбанд. Онҳо бояд муайян кунанд, ки дар расмҳои рақами чанд (рақамҳои 2 ва 7 – гунҷишк ва зоғ) парандаҳо тасвир ёфтаанд ва номи онҳо чист.*




Хонандагонеро, ки парандаҳоро муайян мекунанд, барои ёрӣба назди рафиқони дигарашон фиристонед, то онҳо барои ёфтани парандаҳо ба ҳамсинфони худ кумак кунанд.

3) Суҳбат оид ба гуногунии парандаҳо.Ҳангоми суҳбат аз расмҳои китоб истифода баред. Оид ба хусусияти парандаҳо ба хонандагон маълумоти мухтасар диҳед. Мазмуни зеринро ба онҳо пешниҳод намудан мумкин аст:
   - ✓ *Парандаҳо ҳайвонҳое мебошанд, ки қобилияти парвоз кардан доранд. Рӯйи бадани онҳо бо пар пӯшида шудааст.*
   - ✓ *Парандаҳо аз рӯйи ҳаҷм фарқ мекунанд. Баъзеи онҳо, масалан гунҷишк майда буда, дигарашон ниҳоят калонанд (шутурмурғ).*
   - ✓ *Хӯроки парандаҳо гуногун аст. Бисёри онҳо баргу поя ва тухму меваи растаниҳоро мехӯранд. Баъзеашон ҳашарот мехӯранд. Парандаҳои дарранда низ вуҷуд доранд, ки онҳо дигар ҳайвонҳоро дошта мехӯранд.*
   - ✓ *Муҳити зисти парандаҳо хеле васеъ аст. Онҳо ҳам дар ҷойҳои гарм ва ҳам хунуки қаҳратун зиндагӣ мекунанд (аз расми китоб пингвин ва шутурмурғро нишон диҳед).*
   - ✓ *Баъзе парандаҳо барои зимистонгузаронӣ ба ҷойҳои гарм парида мераванд. Масалан, фароштурук.*
4) Оид ба парандаҳои хонагӣаз хонандагон саволҳои зеринро пурсед: *Ба парандаҳои хонагӣ кадом парандаҳо дохил мешаванд? Ин гуна парандаҳо дар хонаи кадоми шумо мавҷуд аст? Барои чӣ одамон парандаҳоро хонагӣ кардаанд? Онҳо аз ин парандаҳо чӣ фоида ба даст меоранд?* Атрофи ин саволҳо муҳокимаронӣ кунед ва барои ёфтани ҷавоб ба хонандагон кумак намоед. Аҳамияти парандаҳоро мухтасар ба хонандагон фаҳмонед.
5) Аз расми ягон паранда истифода бурда, қисмҳои бадани онро ба хонандагон шинос кунед.

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки интихобан расми ягон парандаро дар албомашон тасвир намоянд ва ранг кунанд.
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Кадом намудҳои парандаҳоро медонед?*
- *Дар расм аз байни дигар ҳайвонҳо парандаҳоро ҷудо кунед.*
- *Аз рӯйи ҳаҷм парандаҳо чӣфарк доранд?*
- *Парандаҳо дар куҷо зиндагӣмекунанд?*
- *Хӯроки парандаҳо аз чӣиборат аст?*
- *Аз рӯйи расм қисмҳои бадани кабӯтарро нишон диҳед.*
- *Аҳамияти парандаҳоро барои одам фаҳмонед.*

## § 16.Ҳайвонҳои хонагӣ (1соат)

**Салоҳият.**

- Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- ҳайвонҳои хонагиро шиносанд;
- онҳоро аз рӯйи расму тасвирҳо нишон диҳанд;
- аҳамияти баъзеи онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- оид ба ягон ҳайвони хонагӣ аз ҳаёт мисол оранд;
- оид ба ҳайвонҳои хонагӣ чистон гӯянд ва ҷавоби онро ёбанд.

**Барнома.** Ҳайвонҳои хонагӣ кадомҳоанд? Барои чӣ онҳоро мо ҳайвони хонагӣ меномем? Хусусияти ҳайвонҳои хонагӣ. Аҳамияти ин ҳайвонҳо барои инсон. Маҳсулоте, ки нсон аз ҳайвонҳои хонагӣ ба даст меорад. Мушоҳида ва таҳлил. Бозии таълимӣ. Кор бо расм ва чистон.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз пурсиши саволҳои зерин оғоз карда метавонед:
   - *Кадом ҳайвонҳои хонагиро медонед?*
   - *Чаро онҳоро хонагӣ мегӯянд?*
   - *Онҳо барои мо чӣ аҳамият доранд?*
2) Нақли омӯзгор дар бораи хусусияти ҳайвонҳои хонагӣ. Ҳангоми суҳбат аз расмҳо истифода бурда, хонандагонро бо гуногунии ҳайвонҳои хонагӣ шинос кунед.
3) Бозии таълимӣ- «Аз рӯйи овоз ёфтани ҳайвон». Хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо кунед. Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед: *Дар муддати як дақиқа гурӯҳҳои 1 ва 2 маслиҳат намуда, овози ҳайвони хонагиро тақлид кунанд. Масалан, ба овози гов – бoooо, буз – маааaa ва ғайра. Гурӯҳҳои 3 ва 4 аз рӯйи тақлид номи ҳайвони хонагиро меёбанд.*
4) Ёфтани чистон. Чистони зеринро ба хонандагон пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҷавоби онро ёбанд:

   *Ду дурбин,*
   *Ду осмонбин,*
   *Чор заминкӯб,*
   *Як заминрӯб.*(Ҷавоб: гов)
5) Оид ба аҳамияти ҳайвонҳои хонагӣ ба хонандагон маълумот диҳед. Ҳангоми суҳбат аз расмҳои китоб истифода баред. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:

*Ҳайвонҳои хонагӣ барои одам аҳамияти калон доранд. Одам аз онҳо шир, гӯшт, пашм, пӯст ва тухм ба даст меорад. Маҳсулоти хӯрокие, ки аз ҳайвонҳо мегиранд, барои нашъу намои организми одам заруранд. Махсусан одам бояд ширро зиёд истеъмол кунад,зеро таркиби шир аз ғизо бой аст. Ширро асосан аз гов мегиранд. Одамон говро на фақат дар хона, инчунин дар фермаҳои калони чорводорӣ парвариш мекунанд. Дар фермаҳо говҳои зиёдро нигоҳ доштан мумкин аст.*

*Барои ба даст овардани тухм мурғҳоро парвариш мекунанд. Мурғ парандаест, ки қариб тамоми сол тухм медиҳад. Тухми мурғ низ хӯроки серғизо аст. Бачаҳо бояд тухмро зиёд истеъмол кунанд.*

*Аз пашму пӯсти ҳайвонот либос тайёр мекунанд.*

*Баъзе ҳайвонҳои хонагиро барои корҳои хоҷагӣ истифода мебаранд. Масалан, аспро барои саворшавӣ, харро барои боркашӣ, сагро барои посбонӣва ғайра.*

6) Лаҳзаи дамгирӣ. Барои бартараф кардани хастагии бачаҳо, интихобан ягон бозиро гузаронед.
7) Суҳбат атрофи нигоҳубини ҳайвонҳои хонагӣ. Аз бачаҳо пурсед, ки дар хонаи кадоми онҳо ҳайвони хонагӣ аст. Онҳо ин ҳайвонро чӣ гуна нигоҳубин мекунанд? Оё онҳо дар нигоҳубини ҳайвонҳои хонагӣ ба падару модари худ кумак мекунанд? Зарурати парвариш ва нигоҳубини ҳайвонҳои хонагиро ба хонандагон фаҳмонед.
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Ҳайвонҳои хонагиро шиносанд ва номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Онҳоро аз рӯйи расму тасвирҳо нишон диҳанд. | Муайянкунӣ аз рӯйи расм |
| Аҳамияти баъзеи онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд. | Саволу ҷавоб |
| Оид ба ягон ҳайвони хонагӣаз ҳаёт мисол оранд. | Овардани мисоли ҳаётӣ |
| Оид ба ҳайвонҳои хонагӣчистон гӯянд ва ҷавоби онро ёбанд. | Ёфтани чистон |

## § 17.Ҳайвонҳои ваҳшӣ(ёбоӣ) (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

• якчанд намуди ҳайвонҳои ваҳширо номбар кунанд;
• аз рӯйи расму тасвирҳо ҳайвонҳои ваҳширо аз ҳамдигар фарқ кунанд;
• оид ба ҳайвонҳои ваҳшӣчистон гӯянд ва ҷавоби онро ёбанд;
• хусусияти фарққкунандаи ҳайвонҳои ваҳширо аз ҳайвонҳои хонагӣгӯянд;
• расми ягон ҳайвони ваҳширо тасвир намоянд.

**Барнома.**Ҳайвонҳои ваҳшӣ кадомҳоанд? Мо кадом ҳайвонҳои ваҳширо медонем? Тарзи зиндагии ҳайвонҳои ваҳшӣ. Фарқияти ҳайвонҳои ёбоӣ ва ҳайвонҳои ваҳшӣ. Кор бо чистон ва расму тасвирҳо. Бозиҳои таълимӣ ва бартарафкунандаи хастагӣ.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз намоиши расмҳое, ки дар онҳо ҳайвонҳо ваҳшӣ тасвир ёфтаанд оғоз кунед ва бо саволҳо ба хонандагон муроҷиат кунед. Намунаи саволҳо: *Бачаҳо, шумо дар расм кадом ҳайвонҳоро дида истодаед? Номи онҳоро гуфта метавонед? Ин ҳайвонҳоро дар куҷо вохӯрдан мумкин аст? Онҳоро дар хона нигоҳ доштан мумкин*

*аст? Барои чӣ?* Оид ба ин саволҳо бо хонандагон муҳокимаронӣ кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед.

2) Дар бораи ҳайвонҳои ваҳшӣ, муҳити зист, гуногунии онҳо ва тарзи хӯрокхӯрии онҳо ба хонандагон каме маълумот диҳед. Аз байни ҳайвонҳои ваҳшӣ шерро ҳамчун ҳайвони даррандаи зӯртарин ва филро ҳамчун ҳайвони калонтарини хушкӣ махсус қайд кунед.
3) Масъалагузорӣ. Хайвонҳои ваҳшӣ барои мо ва табиат чӣ аҳамият доранд? Дар атрофи ин масъала бо хонандагон суҳбат намуда, аҳамияти ҳайвонҳои ваҳширо ба онҳо фаҳмонед. Мазмуни зеринро ба онҳо пешниҳод карда метавонед: *Ҳайвонҳои ваҳшӣ барои табиат ва одамон аҳамияти калон доранд. Хусусан ҳайвонҳои дарранда ба табиат фоида меоранд. Онҳо ҳайвонҳои алафхӯри касалро нест карда, табиатро аз ҳар гуна ифлосиҳо тоза мекунанд. Баъзе ҳайвонҳои ваҳширо одамон барои пашму пӯсти зебояшон шикор мекунанд, масалан рӯбоҳ, санҷоб ва ғайра.*
4) Бозии таълимии «Ҳайвонро ёб». Аломатҳои ҳайвони ваҳширо ба хонандагон гуфта, аз онҳо хоҳиш кунед, ки номи онро ёбанд. Масалан:
   - *Шакли ин ҳайвон ба мисли хари хонагӣаст, аммо танаш хатҳои рах-рах дорад. Сухан дар бораи кадом ҳайвони ваҳшӣ меравад?*
   - *Ба мисли гурбаи хонагӣ аст, аммо калон ва танаш хатҳои рах-рах дорад.*
   - *Ба мисли гурбаи хонагӣ аст, аммо калон, зӯр ва дар гарданаш ёли серпашм дорад.*
   - *Шаклаш ба мисли саги хонагӣ аст, вале хурдтар, думи дарози серпашм ва зебо дорад.*
   - *Афташ ба мисли саги хонагӣ аст, аммо дар дашту саҳро мегардад, дарранда аст.*
   - *Ҳайвони калонтарини хушкӣ аст ва хартуми дароз дорад. Ва ғайра…….*
5) Кор бо чистон. Чистони зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷавоби онро ёбанд:

   *Аз ҷангал баромад мири ганда,*<br>
   *Сар то қадамаш ҷомаю ҷанда.* (Ҷавоб: шер)
6) Лаҳзаи дамгирӣ. Барои бартараф намудани хастагии хонандагон ягон бозӣ гузаронед.
7) Муайян кардани фарқияти ҳайвонҳои хонагӣ ва ҳайвонҳои ёбоӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ кор карда, фарқи ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳширо муайян кунанд. Барои муайян кардани фарқи онҳо ба масъалаҳои зер аҳамият диҳанд:
   - *Ҷойи зисти ин ҳайвонҳо;*
   - *Аҳамияти онҳо барои одам;*
   - *Гуногунии онҳо (ҳаҷм, шакл ва ғайра).*
8) Расмкашӣ. Ба хонандагон чунин супориш диҳед: Аз расмҳои китоби дарсӣ истифода бурда, интихобан ягон ҳайвони ваҳширо дар албом тасвир кунед ва номашро дар зераш нависед.
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирӣ ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Ҳайвонҳои ваҳширо номбар кунед.*
- *Ҳайвонҳои ваҳшӣ дар куҷо зиндагӣ мекунанд?*
- *Онҳо аз ҳайвонҳои хонагӣ чӣ фарқ доранд?*
- *Кадом ҳайвонҳои ваҳшӣ ба ҳайвонҳои хонагӣ монандӣ доранд?*
- *Хӯроки ҳайвонҳои ваҳшӣ чӣ аст?*
- *Ҳайвонҳои ваҳшӣ дар табиат чӣ аҳамият доранд?*

## НИМСОЛАИ 2 (16 соат)

*Дар нимсолаи дуюми соли таҳсил хонандагон аллакай алифборо хатм кардаанд, ҳарфҳоро мешиносанд ва хондаю навишта метавонанд.Инро ба назар гирифта, дар ин нимсола намунаи дарсҳое пешниҳод мешаванд, ки дар онҳо на фақат фаъолиятҳои таълимии вобаста ба мушоҳида, баёни фикр аз рӯйи расм, тасвир ва номбар кардани ашё, инчунин фаъолиятҳое, ки ба хондан ва навиштани объекти омӯзиш вобастаанд,ба назар гирифта мешаванд.*

### § 18. Табиатро дӯст доред! (1соат)

**Салоҳият.**

– Муҳити атрофро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳои сода меандешад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- ашё ва ҳодисаҳои табииро номбар кунанд;
- сарчашмаи илҳом ва зебогӣ будани табиатро бо суханони худ фаҳмонанд;
- фаҳмиши «Дӯст доштани табиат»-ро бо мисолҳои ҳаётӣ баён кунанд;
- манзара ва дигар унсурҳои табииро аз рӯйи расмҳо нишон диҳанд;
- оид ба ҳифзи табиат ба рафиқони худ маслиҳат диҳанд.

**Барнома.** Табиат манбаи ҳаёт ва зебогӣ. Аҳамияти табиат барои инсон ва дигар мавҷудоти зинда. Табиат манбаи саломатӣ. Табиат таъминкунандаи инсон бо ғизо, либос ва ҳаво. Ҳифзи табиат вазифаи ҳар яки мост. Табиатро чӣ гуна бояд дӯст дошт? Кор бо расм. Мушоҳида ва таҳлил.

**Методикаи таълим.**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед. Шумо метавонед фаъолиятҳои таълимии ба худатон маъқулро истифода баред. Дар ҳама ҳолат хонандагонро ба натиҷаҳои таълим (салоҳиятҳо) расонидан вазифаи асосии омӯзгор мебошад.

1) Дарсро аз нақли воқеаи ҳаётӣ оғоз кунед.
   Нақли омӯзгор: *«Рӯзе як гурӯҳ бачаҳо дар фасли баҳор ҳамроҳи муаллимашон ба тамошои табиат рафтанд. Аҳмад ва Баҳром низ ҳамроҳи онҳо буданд. Атроф пур аз гулу гиёҳ буд. Шапалакҳо болои гулҳо парвоз карда мегаштанд. Муаллим пеш-пеши хонандагон мерафт. Дар роҳ Баҳром шапалакеро дида, аз пасаш сур кард ва онро дошта, дар байни панҷаҳои дасташ гирифт. Аҳмад ин ҳолро дида, аз Баҳром хоҳиш кард, ки шапалакро раҳо кунад. Баҳром бошад, не ман инро ба хонаамон мебарам гӯён, боз шапалакро маҳкамтар дошта, дасташро дар пушташ пинҳон кард. Аҳмад аз Баҳром илтимос карда, гуфт: Баҳромҷон! Биё шапалакро сардиҳем, вай мемурад. Баҳром боз якравӣ карда, ҷавоби не дод. Аҳмад дид, ки Баҳром шапалакро сар доданӣ нест, ӯ хост маҷбурӣ аз дасти Баҳром шапалакро озод кунад. Онҳо хеле кашо-каш карданд. Дар ин вақт омӯзгор омада, аз бачаҳо пурсид, ки чӣ гап аст, чаро ҷанҷол мекунед? Аҳмад воқеаро ба омӯзгор нақл карда дод. Муаллим аз Баҳром хоҳиш кард, ки шапалакро раҳо кунад. Вақте, ки Баҳром панҷаҳои дасташро кушод, шапалак аллакай мурда буд.*
2) Масъалагузорӣ аз рӯйи нақл. Аз рӯйи мазмуни нақл бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Ҷараёни саволу ҷавобро бо элементҳои суҳбат ба роҳ монед.
   Саволҳо:
   – *Аҳмад ва Баҳром кӣ буданд?*
   – *Онҳо ба куҷо мерафтанд?*
   – *Баҳром чӣ кор кард?*
   – *Аҳмад чӣ кор кард?*
   – *Кадоми онҳо писари хуб аст?*
   – *Барои чӣ?*

– *Чаро шумо рафтори Баҳромро намеписандед?*
– *Баҳром ба кадом хато роҳ дод?*
– *Шумо ба ҷойи Баҳром мешудед, чӣ кор мекардед?*

3) Оид ба зарурати ҳифзи муҳити атроф ва табиат ба хонандагон каме маълумот диҳед. Аз расмҳои китоб истифода бурда, ҳашамату зебогии табиатро ба онҳо нишон диҳед. Аҳамияти табиатро барои инсон шарҳ диҳед (манбаи ғизо, либос, нафас).
4) Кор бо расмҳо. Ба хонандагон расмҳои зерро нишон диҳед:




Аз расми 1 сар карда, бо навбат аз рӯйи саволҳо муҳокима кунед: *Дар расм чӣ тасвир ёфтааст? Дар ин расм кадом кор нодуруст аст? Онро чӣ тавр кардан мумкин буд?* ва ғайра. Зимни муҳокимаронӣ ҳаракат кунед, ки ҳамаи хонандагон ба ҷараён ҷалб шаванд. Хулосаи муҳокимаронии ҳо тахминан чунин буда метавонанд: *Дар расмҳои 1, 2 ва 3 рафторҳои нодурусти одамон нисбати табиат тасвир ёфтаанд. Доштан ва азоб додани ҳайвонот, поймол кардани гулу гиёҳ ва партофтани партовҳо ба табиат рафтори нодуруст мебошад. Одам бояд табиатро дӯст дорад ва ҳаматарафа ҳифз намояд.*

5) Бозӣ. Ба хотири бартараф намудани хастагии хонандагон, дар муддати 1 – 2 дақиқа ягон бозӣ гузаронед.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Калимаю ибораҳои зеринро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дар дафтарашон нависанд:
   *Табиат*
   *Манбаи зебогӣ*
   *Ҳифзи табиат*
7) Мустаҳкамкунӣ. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намуда, дониши бачаҳоро мустаҳкам кунед. Саволҳо:
   – *Чаро мо бояд табиатро дӯст дорем?*
   – *Агар мо дӯстдори табиат бошем, бояд чӣ кор кунем?*
   – *Ба рафиқони худ дар бораи ҳифзи табиат чӣ маслиҳат дода метавонед?*
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| Нишондиҳандаҳо | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|
| • Ашё ва ҳодисаҳои табииро номбар кунанд; | Саволу ҷавоб |
| • Сарчашмаи илҳом ва зебогӣ будани табиатро бо суханони худ фаҳмонанд; | Саволу ҷавоб |
| • Фаҳмиши «Дӯст доштани табиат»-ро бо мисолҳои ҳаётӣ баён кунанд; | Овардани мисоли ҳаётӣ |
| • Манзара ва дигар унсурҳои табииро аз рӯйи расмҳо нишон диҳанд; | Муайянкунӣ аз рӯйи расм |
| • Оид ба ҳифзи табиат ба рафиқони худ маслиҳат диҳанд. | Саволу ҷавоб |

## § 19.Барф ва борон (1соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
- намудҳои борон ва барфро номбар кунанд;
- сабаби ба вуҷуд омадани борону барфро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- дар кадом фаслҳо боридани барфу боронро гӯянд;
- аҳамияти ин боришотро барои табиат ва инсон бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи расму тасвирҳо раванди пайдоиши боришотро фаҳмонанд.

**Барнома.** Борон ва барф дар куҷо ба амал меоянд? Пайдоиши борон ва барф. Борон ва барф манбаи оби нӯшокӣ. Абр сарчашма барои борон ва барф. Аҳамияти борон ва барф. Мушоҳида ва таҳлил. Кор бо расмҳо.

**Методикаи таълим.**
1) Дарсро аз мушоҳидаи расми зерин оғоз кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки расмро бодиққат мушоҳида кунанд:



2) Оид ба расм бо саволҳои зерин масъалагузорӣ кунед. Саволҳо:
   – *Дар расм чиро дида истодаед?*
   – *Тирчаи кабуди ба боло ҳаракаткунанда чиро ифода карда истодааст?*

- *Тирчаи ба поён ҳаракаткунанда чӣ?*
- *Нақши Офтоб аз чӣ иборат аст?*
- *Бо абрҳо чӣ ҳодиса рӯй дода истодааст?*
- *Аз қуллаи кӯҳҳо чӣ ҷорӣ шуда истодааст?*
- *Оби ҷоришуда ба куҷо рехта истодааст?*

3) Суҳбат оид ба пайдоиши борон ва барф. Дар ҷараёни суҳбат сабабҳои пайдоиши барон ва барфро фаҳмонед. Дар кадом фаслҳо ба амал омадани борон ва барфро гӯед (асосан борон дар фаслҳои баҳор ва тирамоҳ, барф дар фасли зизимстон). Аҳамияти борон ва барфро ба хонандагон шарҳ диҳед (манбаи ғизогирии дарёҳо, обҳои зеризаминӣ, нӯшидани одамону ҳайвонот ва ғайра). Аз расмҳои китоб истифода баред.

4) Лаҳзаи дамгирӣ. Ба ихтиёри омӯзгор.

5) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон рӯйбардор кунанд ва дар хотир гиранд. Мафҳумҳои асосӣ: *борон, барф, таъсири Офтоб, оби ошомиданӣ.*
6) Супориш ба хона. Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар хона бо падару модарашон оид ба пайдоиши барфу борон суҳбат кунанд.
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, хонандагонро барои иштироки фаъолонаашон дастгирӣ кунед.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Намудҳои борон ва барфро номбар кунед.*
- *Борон дар кадом фасл ба вуҷуд меояд?*
- *Барф дар кадом фасли сол ба амал меояд?*
- *Борон ва барф чӣ аҳамият доранд?*
- *Нақши Офтоб дар пайдоиши борон аз чӣ иборат аст?*
- *Нақши абр дар пайдоиши борону барф чӣ гуна аст?*

### § 20.Тирукамон чӣгуна ба амал меояд? (1соат)

**Салоҳият.**

- Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- аз рӯйи расм рангҳои тирукамонро номбар кунанд ва нишон диҳанд;
- ҷараёни ба вуҷуд омадани ҳодисаи тирукамонро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- ҷойҳое, ки ҳодисаи тирукамонро мушоҳида кардан мумкин аст, гӯянд;
- расми тирукамонро тасвир намоянд ва ранг кунанд.

**Барнома.** Ҳодисаи тирукамон чист? Сабабҳои пайдоиши ҳодисаи тирукамон (ҳангоми ҳавои боронӣ, дар назди шаршараҳо). Рангҳои тирукамон. Тасвири тирукамон ва ранг намудани он. Мушоҳида ва таҳлил. Кор бо расмҳо. Бозии таълимӣ. Луғатнависӣ.

**Методикаи таълим.**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз кунед. Саволҳо:
   - *Шумо ҳодисаи тирукамонро дидаед?*
   - *Дар кадом вақт онро мушоҳида кардед?*
   - *Вақте ки шумо ин ҳодисаро дидед, кадом фасли сол буд?*
   - *Дар куҷо мушоҳида кардед?*

   Атрофи ин масъалаҳо бо хонандагон ба таври кӯтоҳ муҳокимаронӣ кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед.
2) Суҳбат оид ба пайдоиши ҳодисаи тирукамон. Тарзи пайдоиши ҳодисаи тирукамонро ба хонандагон фаҳмонед. Мазмуни пешниҳодшаванда чунин буда метавонад: *Ҳодисаи тирукамон дар рӯзҳои боронӣ, ҳангоме ки Офтоб нурпошӣ мекунад ба амал меояд. Вақте ки нурҳои Офтоб ба қатраҳои борон мерасанд, аз худ рангҳои гуногун ҳосил мекунанд ва ба шакли нимдоира ба чашми мо намоён мешаванд. Ин ҳодисаро бештар дар фасли баҳор мушоҳида кардан мумкин аст. Баъзан дар рӯзҳои офтобӣ ҳодисаи тирукамонро дар назди шаршара ё фонтан низ дидан мумкин аст.*

   Барои исботи гуфтаҳоятон аз расми зерин истифода баред.



3) Шиносоӣ бо рангҳои тирукамон. Аз хонандагон пурсед, ки тирукамон чанд ранг дорад? Онҳоро номбар карда метавонед? Фикри хонандагонро ҷамъ карда, рангҳои тирукамонро муайян кунед – сурх, норинҷӣ, зард, сабз, кабуд, нилобӣ ва бунафш. Қайд кунед, ки тирукамон аз ҳафт ранг иборат аст. Барои дурусттар фаҳмидани бачаҳо аз расми зер истифода баред ва ҳар як рангро ба онҳо нишон диҳед.

   Намунаи рангҳои тирукамон:



4) Бозии таълимӣ. Мувофиқ ба рангҳои тирукамон, ҳафт нафар хонандаи ихтиёриро ба назди тахтаи синф хонед. Рангҳои тирукамонро ба онҳо тақсим кунед. Хонандагонро омехта кунед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки мувофиқи пайдарҳамии рангҳои тирукамон (онҳоро аз расм дидан мумкин аст) саф ороянд. Сафороиро хонандагон метавонанд аз ранги сурх (беруни тирукамон) ё бунафш (дохили тирукамон) оғоз кунанд. Агар онҳо сарфаҳм нараванд, худатон муайян кунед, ки онҳо аз кадом ранг сар кунанд.
5) Мустаҳкамкунии донишҳо. Як бори дигар хонандагонро бо маълумоти умумии дарс ба таври кӯтоҳ шинос кунед: ҷараёни пайдоиши ҳодисаи тирукамон, мавқеъ (ҷой)-и пайдоиши он ва рангҳои тиру камон.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар дафтар нависанд. Мафҳумҳо барои навиштан:
   - тирукамон;
   - нури Офтоб:
   - борон;
   - рангҳои сурх, норинҷӣ, зард, сабз, кабуд, нилобӣ ва бунафш.
7) Лаҳзаи дамгирӣ.
8) Расмкашӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расми тирукамонро дар албомашон тасвир намоянд ва онро ранг кунанд. Агар ин кор вақти зиёдро талаб кунад, дар хона давом дода метавонанд.
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Аз рӯйи расм рангҳои тирукамонро номбар кунанд ва нишон диҳанд. | Саволу ҷавоб<br>Нишон додан аз рӯйи расм |
| Ҷараёни ба вуҷуд омадани ҳодисаи тирукамонро бо суханони худ шарҳ диҳанд. | Шарҳ додан |
| Ҷойҳое, ки ҳодисаи тирукамонро мушоҳида кардан мумкин аст, гӯянд. | Овардани мисоли ҳаётӣ |
| Расми тирукамонро тасвир ва ранг кунанд. | Расмкашӣ |

## § 21. Чаро мо шаб хоб мекунем? (1соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- сабаби шабона хоб кардани одамро гӯянд;
- тарзи хоби дуруст ва нодурустро фарқ кунанд;
- аҳамияти хобро барои организми инсон бо суханони худ фаҳмонанд;
- оид ба хоби баъзе ҳайвонҳо маълумот диҳанд;
- тарзи хоби одамони касбу корашон гуногунро шарҳ диҳанд;
- оид ба мавзӯъ чистон гӯянд ва ҷавоби онро ёбанд.

**Барнома.** Хоб чист? Чаро одамон шаб хоб мераванд? Хоби одамони касбу корашон гуногун. Интихоби ҷойи дурусти хоб. Оқибати нодуруст интихоб кардани ҷойи хоб. Хоби ҳайвонот. Кор бо расму тасвирҳо ва чистон. Мушоҳида ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни дарс бо ҳаёти воқеӣ. Навиштани мафҳумҳои асосӣ.

**Методикаитаълим.**

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед.Саволҳо: *Кӣ аз байни шумо шаб хоб накардааст? Кӣ имшаб хоб кард? Чаро шумо шаб хоб кардед? Ҳамаи одамон шаб хоб мекунанд? Оё ҳайвонҳо ҳам хоб мераванд?*
   Масъалаҳоро бо хонандагон муҳокима кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки оид ба ин ё он масъала аз ҳаёт мисолҳо оранд. Ҳаракат кунед, ки ҳамаи хонандагон дар муҳокимарониҳо иштирок намоянд.

2) Маълумот оид ба аҳамияти хоб. Сабаби хоб рафтани одамон ва аҳамияти онро ба хонандагон фаҳмонед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:
   *Ҳар як одам дар давоми шабонарӯз бояд ҳатман хоб кунад. Азбаски одамон рӯзона кор мекунанд, онҳо қувваи зиёд сарф мекунанд ва монда (хаста) мешаванд. Бинобар ин бояд онҳо хоб кунанд. Агар одам хоб накунад, хастагиаш бартараф нашуда, рӯзи дигар кор карда наметавонад.*
3) Кор бо расм - муайян кардани тарзи дурусти хоб.Расмҳои зер (расмҳои 1 ва 2)-ро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо пурсед, ки кадоме аз бачаҳо дуруст ва кадомаш нодуруст хоб кардаанд:







   Саволгузорӣ аз рӯйи расмҳо.
   Аз рӯйи расми 1:
   – *Бачаи дар расми 1 тасвирёфта дар куҷо хоб аст?*
   – *Ӯ то хоб рафтан чӣ кор мекард?*
   – *Чаро ӯ дар паси мизи дарстайёркунӣ хоб кардааст?*
   – *Агар доимо ҳамин хел хоб кунад ба ӯ чӣ мешавад?*

– *Ӯ бояд дар куҷо хоб мекард?*

Аз рӯйи расми 2:

– *Бачаи дар расми 2 тасвирёфта дар куҷо хоб аст?*
– *Ҷойгаҳи хоби ӯ бароҳат аст ё не? Чаро?*
– *Барои чӣ ин писарак ба мисли писараки расми 1 хоб накард?*
– *Агар одам дар бистар хоб кунад чӣ аҳамият дорад?*

Натиҷаи муҳокимарониҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, онҳоро ба хулосае оред, ки *одам бояд дар бистар хоб кунад, пеш аз хоб дасту рӯй ва дандонҳояшро шӯяд, ҳавои хонаро тоза кунад ва ғайра.*

4) Хоби одамони касбу корашон гуногун. Суҳбатро оид ба ин масъала аз саволгузорӣ оғоз кунед. Саволҳо: *Падар ё модари кадоми шумо шабона кор мекунад? Ӯ дар куҷо кор мекунад? Чаро ӯ шабона навбатдорӣ мекунад?*

   Хонандагони хоҳишмандро шунида, оид ба одамони касбу корашон гуногун (духтурҳо, коркунони ҳифзи ҳуқуқ, сӯхторхомӯшкунандаҳо, сарҳадчиён ва ғайра) ба хонандагон маълумот диҳед ва зарурати шабона кор кардани онҳоро фаҳмонед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дастонашонро болои ҳам рӯйи миз гузоранд. Сарашонро болои дастон гузошта, чашмонашонро пӯшида, 1-2 дақиқа дам гиранд ва хаёлҳои хуб кунанд.
6) Хоби ҳайвонот. Дар бораи хоби ҳайвоноти хонагӣва ваҳшӣ ба хонандагон каме маълумот диҳед. Аз расмҳои китоб истифода баред.
7) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳоро дар тахта нависед ва якҷоя бо бачаҳо онҳоро бо овози баланд хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтарҳояшон мафҳумҳои асосии мавзӯи имрӯзаро нависанд:

   *Хоб;*
   *Аҳамияти хоб;*
   *Бистари хоб;*
   *Хоби ҳайвонот.*
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.
9) Супориши хонагӣ. Дар хона бо падару модаратон маслиҳат намуда, ҷавоби чистонро ёбед. Аз волидон маънои чистонро пурсед.

   Чистон:
   *Аз кӯҳ вазнинтар,*
   *Аз асал ширинтар.*

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунедва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Сабаби шабона хоб кардани одамро гӯянд. | Саволу ҷавоб |
| Тарзи хоби дуруст ва нодурустро фарқ кунанд. | Фарқ кардан аз рӯйи расм |
| Аҳамияти хобро барои организми инсон бо суханони худ фаҳмонанд. | Шарҳ додан |
| Оид ба хоби баъзе ҳайвонҳо маълумот диҳанд. | Саволу ҷавоб |
| Тарзи хоби одамони касбу корашон гуногунро шарҳ диҳанд. | Овардани мисоли ҳаётӣ |
| Оид ба мавзӯъ чистон гӯянд ва ҷавоби онро ёбанд. | Ёфтани ҷавоби чистон |

## § 22.Барои чӣмеваю сабзавотро зиёд истеъмол кардан зарур аст? (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

• хелҳои мева ва сабзавотро номбар кунанд;
• аз рӯйи расму тасвирҳо онҳоро нишон диҳанд;
• аҳамияти онҳоро барои инкишофи организми инсон бо суханони худ гӯянд;
• қоидаҳои дурусти истеъмоли меваю сабзавотро фаҳмонанд;
• оид ба мазмуни мавзӯъ чистон гӯянд;
• расми баъзе меваю сабзавотро тасвир кунанд ва манбаи кадом витамин будани онро нишон диҳанд.

**Барнома.** Меваҳо. Сабзавот. Меваю сабзавот - манбаи саломатӣ. Витаминҳо. Аҳамияти истеъмоли меваю сабзавот ва витаминҳо барои инсон. Тарзи дурусти истеъмоли меваю сабзавот. Мушоҳида ва таҳлил. Кор бо расм ва чистонҳо. Навиштани мафҳумҳои асосӣ.

**Методикаи таълим.**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои методии зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз пешниҳоди формулаи зерин оғоз кунед. Формуларо дар тахтаи синф нависед:

Мева + Сабзавот = Саломатӣ

Аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки маънои онро гӯянд. Фикри ҳамаи хоҳишмандонро гӯш кунед. Агар лозим шавад, хонандагон ҷавобҳои якдигарро пурра кунанд.

2) Ба хонандагон дарси 11-ро хотиррасон кунед (дарси 11 «Мева ва сабзавот» ном дошт).Қайд кунед, ки дар дарси пешин мо оид ба гуногунии меваю сабзавот ва фарқи онҳо маълумот гирифта будем. Ин дарс бошад, оид ба аҳамияти истеъмоли меваю сабзавот маълумот хоҳем гирифт.
3) Суҳбат. Аз расмҳои китоб истифода бурда, ба хонандагон оид ба аҳамияти меваю сабзавот барои инсон маълумот диҳед. Зимни суҳбат пурсед, ки дар хонаи кадоми онҳо мева ё сабзавот парвариш мекунанд ва онро чӣ гуна истифода мебаранд. Аз таҷрибаи ҳаётии бачаҳо истифода баред.
4) Кор бо расмҳо. Дар тахтаи синф ҳарфҳои калони A, B, C, Д-ро нависед ва ба хонандагон гӯед, ки ин номи витаминҳо мебошанд. Оид ба витаминҳо каме ба хонандагон маълумот диҳед (*витаминҳо моддаҳои фоидаовар мебошанд, ки дар таркиби меваю сабзавот мавҷуданд. Виатминҳо барои инкишофи дурусти организми одам ниҳоят заруранд. Онҳо хусусан барои бачаҳои хурдсол лозиманд. Агар витаминҳо дар организми инсон кам шаванд ба ин ё он бемори̇̄ оварда мерасонанд*).

   Хонандагонро бо расмҳое, ки дар онҳо меваю сабзавот ва манбаи кадом витамин будани онҳо тасвир ёфтаанд, шинос кунед. Масалан:

   – сабзӣ, себ ва банан манбаи витамини – A;
   – боимҷон, шафтолу ва зардолу манбаи витамини - B;
   – каду, лимӯ ва гелос манбаи витамини – C;
   – ангур ва занбӯруғҳо манбаи витамини – Д.
5) Лаҳзаи дамгирӣ. Ихтиёран ягон бозӣ гузаронед.
6) Суҳбат оид ба тарзи дурусти истеъмоли меваю сабзавот.
7) Кор бо чистонҳо. Чистонҳои зеринро ба хонандагон пешниҳод намуда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷавоби онҳоро ёбанд:

*1. Мехи заррин,*
*Таги замин. (сабзӣ)*

*2. Мурғи сафед,*
*Гирд-гирди бед. (занбӯруғ)*

8) Навиштани мафҳумҳои асосии мавзӯъ. Мафҳумҳои зеринро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро дар дафтарашон нависанд:
   - Мева;
   - Сабзавот;
   - Витамин;
   - Саломатӣ.
9) Расмкашӣ. Супориши зеринро ба хонандагон диҳед: Ягон мева ё сабзаводи дилхоҳро дар албом тасвир кунед ва манбаи кадом витамин будани онро нишон диҳед. Масалан:




10) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Кадом намуди мева ва сабзавотро номбар карда метавонед?*
- *Меваҳо ва сабзавотҳоро аз расм нишон диҳед.*
- *Меваю сабзавот барои одам чӣ аҳамият доранд?*
- *Қоидаҳои дурусти истеъмоли меваю сабзавотро фаҳмонед.*
- *Витамин чист?*
- *Витаминҳо барои мо чӣ лозиманд?*
- *Агар ба одам витаминҳо нарасанд, чӣ мешавад?*

## § 23. Шустани дасту рӯй ва дандонҳо чӣаҳамият дорад? (1 соат)

**Салоҳият.**
- Хатарҳои асосии хона ва мактабро муайян карда, роҳҳои одии ба ҳадди ақал расонидани онҳоро мефаҳмонад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
- сабаби тоза нигоҳ доштани дандон ва дастонро бо мисолҳо асоснок кунанд;
- оқибати нашустани даст ва тоза накардани дандонҳоро бо суханони худ фаҳмонанд;
- оид ба масъалаи тозагӣаз ҳаёт мисолҳо оранд;
- дар давоми шабонарӯз вақти тоза намудани дандонҳо ва шустани дастонро гӯянд;
- аз рӯйи расм тарзи дурусти тоза намудани дандонҳоро нишон диҳанд.

**Барнома.** Тарзи дурусти шустани дасту рӯй. Тарзи дурусти тоза намудани дандонҳо. Аҳамияти тозаю озода нигоҳ доштани бадан. Мушоҳида ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо. Омӯзиш дар асоси мисоли ҳаётӣ. Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Бозии таълимӣ.

**Методикаи таълим**.

1) Барои оғози дарси нав ва ҷалби диққати хонандагон ба онҳо бо саволҳои зерин муроҷиат кунед:
   - *Чаро одамон дасту рӯй ва дандонҳояшонро мешӯянд?*
   - *Агар одам ин корҳоро накунад, чӣ мешавад?*
   - *Кадоме аз шумо дандонҳояшро мешӯяд?*
   - *Кӣин саҳар дандонҳояшро бо чӯткаи дандоншӯӣ тоза кардааст?*
   - *Одам кадом вақт бояд дастонашро шӯяд?*

   Оид ба ин саволҳо суҳбат ороед ва фикрҳои хонандагонро гӯш кунед.
2) Овардани мисоли ҳаётӣ. Ба хонандагон мисолеро аз ҳаёт нақл кунед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки рафтори дугонаҳоро муайян кунанд. Нақл:

   *Дилафрӯз ва Маҳина дугонаҳои ҷонӣбуданд. Онҳо якҷоя ба мактаб мерафтанд ва дар корҳои хона ба ҳамдигар ёрӣ мерасониданд. Рӯзе дугонаҳо баъди дарс ба хонаи Маҳина омаданд. Дар корҳои хона ба модари Маҳина ёрӣрасониданд ва вақти хӯроkхӯрӣ расид. Модари Маҳина дар табақи калон фатиршӯрбо кашида, ба дастархон гузошт ва гуфт: «Духтарҳо, ман хӯрокро кашидам, биёед хӯрок хӯред!». Маҳина ин суханро шунида, тозон ба сари дастархон нишаст ва ба хӯрокхӯрӣ сар кард. Дилафрӯз бошад, рафта дастонашро шустанӣ шуд ва собунро наёфт. Ӯ аз Маҳина пурсид, ки собун дар куҷо аст то дастонашро бо собун шӯяд. Маҳина, ки дар ин вақт бо даст фатиршӯрбо мехӯрд, норозӣ шуда гуфт: «Намедонам собун дар куҷо бошад, биё тез хӯрокро хӯрем, ки хунук мешавад, дастонатро баъд мешӯӣ». Дилафрӯз ноилоҷ дастонашро бо об шуста, ҳамроҳи Маҳина хӯрок хӯрд. Пагоҳ Маҳина ба дарс наомад, маълум шуд, ки ӯ шикамдард шудааст ва ба духтур рафтааст.*
3) Масъалагузориаз рӯйи нақл. Оид ба мазмуни нақл бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Саволҳо:
   - *Маҳина ва Дилафрӯз кӣ буданд?*
   - *Дӯстии онҳо чӣ гуна буд?*
   - *Баъди оне, ки модари Маҳина ба хӯрокхӯрӣ даъват кард, Маҳина чӣ гуна рафтор кард?*
   - *Дилафрӯз чӣ гуна рафтор кард?*
   - *Чаро Маҳина бемор шуд?*
   - *Шумо ба ҷойи Маҳина мешудед, чӣ гуна рафтор мекардед?*
4) Суҳбат оид ба зарурати шустани дасту рӯй, тарзи дурусти шустани дастон ва тоза намудани дандонҳо.Дар раванди суҳбат аз расмҳои китоб истифода баред. Аз рӯйи расм тарзи дурусти бо чӯтка тоза намудани дандонҳоро ба хонандагон нишон диҳед. Вақти шустани дандонҳоро дар давоми шабонарӯз муайян кунед (саҳар ва бегоҳ пеш аз хоб). Қайд кунед – *Агар шахс бадан ва дандонҳояшро мунтазам тоза накуна тез-тез бемор мешавад.*
5) Навиштани мафҳумҳои асосӣ.Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мафҳумҳои асосии дарси имрӯзаро дар дафтарашон нависанд:
   - *Шустани дастон;*
   - *Шустани бадан;*
   - *Тоза намудани дандонҳо.*
6) Оид ба мафҳумҳои асосии мавзӯъ бори дигар хотиррасон шуда, дарсро ҷамъбаст кунед.
7) Заҳмати хонандагонро қадр кунед ва онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунедва дар асоси нишон диҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Сабаби тоза нигоҳ доштани дандон ва дастонро бо мисолҳо асоснок кунанд. | Саволу ҷавоб аз рӯйи нақл |
| Оқибати нашустани даст ва тоза накардани дандонҳоро бо суханони худ фаҳмонанд. | Шарҳ додан |
| Оид ба масъалаи тозагӣ аз ҳаёт мисолҳо оранд. | Овардани мисоли ҳаётӣ |
| Дар давоми шабонарӯз вақти тоза намудани дандонҳо ва шустани дастонро гӯянд. | Саволу ҷавоб |
| Аз рӯйи расм тарзи дурусти тоза намудани дандонҳоро нишон диҳанд. | Аз рӯйи расм нишон додан |

## § 24. Тозагӣгарави саломатист! (1 соат)

**Салоҳият.**

– Хатарҳои асосии хона ва мактабро муайян карда, роҳҳои одии ба ҳадди ақал расонидани онҳоро мефаҳмонад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- зарурати ҳифзи муҳити атрофро бо суханони худ фаҳмонанд;
- фаҳмиши «Тозагӣ– гарави саломатӣ»-ро бо суханони худ шарҳ диҳанд.
- аҳамияти тоза будани муҳити хона, мактаб ва синфхонаро ба таври одӣ фаҳмонанд;
- дар тоза нигоҳ доштани хонаи худ ва синфхонаи таълимӣ саҳм гузоранд.

**Барнома.** Тозагии муҳит асоси саломатии одамон. Ифлоскунандаҳои муҳит. Муҳити зистро чӣ гуна тоза нигоҳ доштан мумкин аст? Ифлосии об, ҳаво, хок ва оқибатҳои он. Тозагии муҳит аз хонаи истиқоматӣ сар мешавад. Аҳамияти тозагии саҳни мактаб ва синфхона. Саҳми мо дар тозагии муҳит. Истифодаи расму тасвирҳо. Мушоҳида ва таҳлил. Луғатнависӣ. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.** Бо мақсади самаранокии машғулият, дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Мафҳуми «Тозагӣ – гарави саломатӣ»-ро дар тахтаи синф нависед. Навиштаро бо овози баланд хонед.
2) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ маслиҳат намуда, дар муддати 2 дақиқа маънои онро муайян кунанд ва шарҳ диҳанд. Интихобан якчанд дунафарaро пурсида, ин масъаларо ҷамъбаст кунед.
3) Омӯзондани аҳамияти тоза нигоҳ доштани муҳити атроф. Аз расмҳои китоб истифода бурда, оид ба аҳамияти тозаю озода нигоҳ доштани хона, кӯча ва мактаб ба хонандагон маълумот диҳед. Ифлос шудани об, ҳаво ва хок (замин)-ро ба онҳо гӯед.
4) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба 4 гурӯҳ ҷудо кунед. Мизу курсиҳоро аз ҷояш наҷунбонда, дар чор тарафи синф онҳоро ҷамъ оред. Қоидаҳои кори гурӯҳиро ба онҳо фаҳмонед. Қоидаҳо чунинанд:
    - *Ҳама баробар аз рӯйи супориш кор мекунанд ва фикрҳояшонро мегӯянд;*
    - *Фикри ҳар як касро дида мебароем;*
    - *Аз байни фикрҳои зиёд беҳтаринашро интихоб мекунем;*
    - *Дар охир ҳамаи аъзои гурӯҳ ба як хулоса меоянд;*
    - *Хулосаҳоямонро як нафар ба ҳамсинфон пешниҳод мекунад.*

    Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:

    *Гурӯҳи 1.* Барои тоза нигоҳ доштани хона чӣ кор бояд кард?

    *Гурӯҳи 1.* Кӯчаро чӣ хел тоза нигоҳ доштан мумкин аст?

*Гурӯҳи 1.* Саҳни мактабро чӣ гуна тоза нигоҳ доштан мумкин аст?
*Гурӯҳи 1.* Дарсхона (синфхона)-ро бояд чӣ гуна тоза нигоҳ дорем?

5) Муаррифӣ. Аз ҳар гурӯҳ як нафар хонанда натиҷаи корашонро ба дигарон пешниҳод мекунад. Дар вақти баромади гурӯҳҳо аз дигар хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷойҳои нофаҳмояшро пурсанд ё савол диҳанд.
6) Хулосабарорӣ аз рӯйи кори анҷомдодашуда. Вобаста ба маълумоти омӯхташуда хулоса бароред. Хулосаҳо чунин буда метавонанд:
   - ✓ *Тозагӣ – гарави саломатӣ аст;*
   - ✓ *Муҳити ифлос одамро ба ҳар гуна бемориҳо гирифтор мекунад;*
   - ✓ *Тоза нигоҳ доштани хона, мактаб ва кӯча ба фоидаи мо аст;*
   - ✓ *Касе муҳити атрофро ифлос мекунад, одами хуб нест.*
7) Лаҳзаи дамгирӣ. Ба хотири бартараф кардани хастагии хонандагон, интихобан ягон бозӣ гузаронед.
8) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯи имрӯзаро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   *Муҳити атроф;*
   *Тозагӣ;*
   *Саломатӣ.*
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣкарда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Фаҳмиши «Тозагӣ - гарави саломатӣ»-ро шарҳ диҳед.*
- *Оид ба тоза нигоҳ доштани хона мисолҳо оред.*
- *Мактабу синфхонаро чӣ гуна тоза нигоҳ доштан мумкин аст?*
- *Партовро дар куҷо партофтан лозим аст?*
- *Хонандагон чӣ гуна метавонанд дар тозагии хона ба падару модар ёрӣ расонанд?*
- *Шумо дар тозагии муҳит чӣ гуна ҳисса гузошта метавонед?*

## § 25. Асбобу ашёи рӯзгор дар кадом ҳолат метавонанд хатарнок бошанд? (1 соат)

**Салоҳият.**

- Хатарҳои асосии хона ва мактабро муайян карда, роҳҳои одии ба ҳадди ақал расонидани онҳоро мефаҳмонад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- ашёи рӯзгорро номбар кунанд;
- онҳоро гурӯҳбандӣ намоянд;
- хусусияти хатарнокии онҳоро шарҳ диҳанд;
- оид ба хатари ашёи рӯзгор аз воқеаҳои ҳаётӣ мисолҳо оранд;
- дар зиндагӣ аз ашёи хатарноки рӯзгор эҳтиёт шаванд.

**Барнома.** Ашёи рӯзгор. Харати ашёи рӯзгор. Чӣгуна худро аз хатари ашё ва асбобҳои рӯзгор эмин доштан мумкин аст? Тарзи бехатари муносибат бо асбобу ашёи рӯзгор. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Истифодаи расму тасвирҳо. Мушоҳида ва таҳлил. Луғатнависӣ.

**Методикаи таълим.** Бо мақсади самаранокии машғулият, дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз кунед. Саволҳо: *Шумо кадом асбобу ашёи рӯзгорро медонед? Онҳо барои чӣ лозиманд? Оё асбобу анҷоми рӯзгор метавонанд хатарнок бошанд? Хатари онҳоро чӣ гуна паст кардан мумкин аст?*

Дар атрофи масъалаҳои мазкур бо хонандагон каме муҳокимаронӣ кунед.

2) Бозии таълимӣ– Ту барои чӣ лозим ҳастӣ? Хонандагонро ба дунафараҳо ҷудо кунед (агар сенафарӣ нишаста бошанд, бигзор кори сенафара шавад). Ба ҳар як дунафара (ё сенафара) як асбоб ё ашёи рӯзгорро диҳед. Масалан, шумо яхдон, шумо қайчӣ ва ғайра. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки маслиҳат карда, саҳми ин асбобро дар рӯзгор муайян кунанд, яъне, онҳо нақши асбобро бозида, бояд гӯянд, ки ин асбоб барои одамон кадом корро иҷро мекунад. Баъди 5 дақиқа ҷавоби дунафараҳоро гӯш кунед. Хонандагони дигар метавонанд иловаҳо кунанд.
3) Маълумот оид ба асбобу ашёи рӯзгор. Маълумоти аз фаъолияти пештара ба дастомадаро пурратар карда, оид ба асбобу таҷҳизоти рӯзгор ба хонандагон, ба тариқи суҳбат маълумот диҳед. Ҳангоми суҳбат аз расмҳои китоб истифода баред. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:
*Ҳамаи асбоб, ашё ва таҷҳизоте, ки одам дар хона истифода мебарад, асбобу анҷоми рӯзгор ном дорад. Ба онҳо дохил мешавад – яхдон, дарзмол, телевизор, радио, телефон, компютер, мошинаи либосшӯӣ, корд, қайчӣ, сӯзан, табар, теша ва ғайра. Ҳар як асбобу анҷоми рӯзгор барои мо кореро иҷро мекунад. Масалан, мо бо телефон гап мезанем, хабарҳоро аз радио мешунавем, бо сӯзан медӯзем, бо қайчӣ ва корд чизеро мебурем ва ғайра. Асбобҳои рӯзгорро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: асбобҳои барқӣ, буранда, халанда ва ғайра (оид ба ҳар кадоми онҳо мисол оред). Асбобҳои рӯзгорро бояд дуруст истифода барем. Дар ҳолати нодуруст истифода бурдан онҳо метавонанд ба мо зарар расонанд. Дар вақти истифодаи онҳо бо қоидаҳои бехатарии истифодаи он шинос шудан лозим аст.*
Аз рӯйи расмҳои китоб тарзи дурусти истифодаи абобҳои барқӣ ва истифодаи асбобҳои бурандаю халанда ба хонандагон маълумот диҳед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Бозӣ– Ту чӣ гуна зарар расонида метавонӣ? Ба мисли бозии аввала ба дунафараҳо супориш диҳед. Ин дафъа хонандагон бояд тарзи бехатари асбоб ё ашёи хоҷагиро муайян кунанд. Баъди ба анҷом расидани вақти муайяншуда, муаррифии корҳоро ба роҳ монед. Дар вақти муаррифӣ ба фикрҳои хонандагон иловаҳо ворид кунед ва тарзи дурусти ҳар як асбоби рӯзгорро нишон диҳед.
6) Овардани мисолҳои ҳаётӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оид ба ҳодисаҳои нохуши аз беэҳтиётии одамон нисбати асбобҳои рӯзгор рухдода нақл кунанд.
7) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои зеринро дар тахтаи синф нависед ва хонандагон онро дар дафтарашон нависанд:
   *Асбобҳои рӯзгор*
   *Асбобҳои барқӣ*
   *Асбобҳои буранда*
   *Эҳтиёт – ними ҳаёт*
8) Лаҳзаҳои асосии дарсро бори дигар хотиррасон карда, дарси имрӯзаро ҷамъбаст кунед.
9) Супориши хонагӣ. Ба хонандагон чунин супориш диҳед: Дар хона бо падару модар маслиҳат намуда, номи ҳамаи асбобу таҷҳизоти хонаро дар дафтар нависед. Аз онҳо пурсед, ки асбобҳои навиштаатон чӣ гуна ба одам зарар расонида метавонанд.
10) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Ашёҳои рӯзгорро номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Онҳоро гурӯҳбандӣ намоянд. | Фарқ кардани объект |
| Хусусияти хатарнокии онҳоро шарҳ диҳанд. | Саволу ҷавоб |
| Оид ба хатари ашёи рӯзгор аз воқеаҳои ҳаётӣ мисолҳо оранд. | Овардани мисоли ҳаётӣ |
| Дар зиндагӣ аз ашёи хатарноки рӯзгор эҳтиёт шаванд. | Амалан нишон додан |

## § 26. Либос ва намудҳои он (1 соат)

**Салоҳият.**

- Нақш ва вазифаҳои аъзоёни оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол ба оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- намудҳои гуногуни либосро номбар кунанд;
- таърихи пайдоиши либосро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- хусусияти одии либоси замонҳои пеш ва ҳозираро фаҳмонанд;
- оид ба либоси махсус доштани одамони касбу корашон гуногун маълумот диҳанд;
- либосҳои миллии тоҷикиро аз дигар либосҳо фарқ кунанд;
- номи либосҳои миллиро нависанд.

**Барнома.** Таърихи пайдоиши либос. Аҳамияти либосҳои гуногун. Намудҳои либос. Либосҳои миллӣ ва намудҳои он. Либосҳои одамони касбу корашон гуногун. Фарқи либосҳои пешина аз либосҳои ҳозиразамон.Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида ва таҳлил. Луғатнависӣ. Истифодаи расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим**. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз кунед.Саволҳо диққати хонандагонро ба дарси имрӯза бояд ҷалб кунанд. Саволҳо:
   - *Либос чӣ аст?*
   - *Шумокадом намуди либосҳоро медонед?*
   - *Чаро одамон либос мепӯшанд?*

   Саволҳоро аз хонандагон пурсед ва дар атрофи онҳо каме муҳокимаронӣ намоед.



2) Шиносоӣ бо либосҳо. Оид ба аҳамияти либос ва гуногунии онҳо ба хонандагон маълумот диҳед. Аз расмҳои китоб истифода баред. Зимни суҳбат имкон диҳед, ки хонандагон аз ҳаёт мисолҳо оранд.
3) Либосҳои миллӣ. Расми ҷавони либоси миллидоштаро ба хонандагон нишон дода аз онҳо пурсед:
   - *Ҷавон кадом либосҳоро ба бар кардааст?*
   - *Ӯ дар сараш чӣ пӯшидааст?*
   - *Дар тан чӣ дорад?*
   - *Дар миёнаш чӣ бастааст ва он барои чӣ лозим аст?*
   - *Ҳамаи сару либоси ҷавонро дар якҷоягӣ чӣ меноманд?*

   Хусусиятҳои либоси миллиро ба хонандагон фаҳмонед. Оид ба либосҳои миллии занона низ ба онҳо маълумот диҳед. Қайд кунед: *«Либосҳои миллии мо таърихи куҳан доранд. Гузаштагони мо ин либосҳоро мепӯшиданд. Ба либосҳои миллӣ-тоқӣ(тоқиҳои мардона ва занона), ҷома, маҳсӣ, миёнбанд, куртаи чакан, куртаи атлас ва ғайра дохил мешаванд».*
4) Либосҳои касбҳои гуногун. Оид ба касбҳои одамон ба хонандагон каме маълумот диҳед. Аз расмҳои китоб истифода баред. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад: *«Одамон аз рӯйи касбҳои гуногун кор мекунанд. Масалан, духтур, муаллим, милитсионер, варзишгар ва ғайра. Вобаста ба касбҳо либосҳо гуногун мешаванд. Хонандагони мактаб ҳам ба худашон либоси махсуси мактабӣ доранд. Талабагон бояд ба мактаб бо либоси мактабӣ оянд ва баъди дарс онро кашида, дар як ҷойи тоза гузоранд ва либосҳои хонагиро пӯшанд».*

   Либосҳои зерро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки вобаста ба касбҳо онҳоро ҷудо кунанд.



5) Либосҳо вобаста ба фаслҳои сол. Суҳбатро бо хонандагон дар масъалаи либосҳо вобаста ба фаслҳои сол гузаронед. Хусусияти либоси ҳар як фасли солро ба онҳо фаҳмонед.
6) Лаҳзаи дамгирӣ.
7) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳои асосӣ:
   - *Либос;*
   - *Намудҳои либос;*
   - *Либоси миллӣ;*
   - *Либоси мактабӣ.*
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, супориши хонагӣ диҳед: Бо падару модаратон маслиҳат намуда, номи либосҳои миллии дар хонаатон бударо нависед.
9) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Намудҳои гуногуни либосро номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Таърихи пайдоиши либосро бо суханони худ шарҳ диҳанд. | Шарҳ додан |
| Хусусияти одии либоси замонҳои пеш ва ҳозираро фаҳмонанд. | Саволу ҷавоб |
| Оид ба либоси махсус доштани одамони касбу корашон гуногун маълумот диҳанд. | Овардани мисоли ҳаётӣ |
| Либосҳои миллии тоҷикиро аз дигар либосҳо фарқ кунанд. | Фарқ кардани объекти омӯзиш |
| Номи либосҳои миллиро нависанд. | Машқи навиштан |

## § 27. Дучарха дар куҷо ихтироъ шудааст? (1 соат)

**Салоҳият.**
- Нақш ва вазифаҳои аъзои оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол дар оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
- замон ва ҷойи пайдоиши дучархаро гӯянд;
- хусусияти дучархаи ҳар давру замонро шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи расм намудҳои дучархаро фарқ кунанд;
- қисмҳои дучархаро номбар кунанд ва аз расм нишон диҳанд;
- ҷойҳои бехатари дучархарониро гӯянд.

**Барнома.**Дучарха воситаи ҳаракат барои одамон. Таърихи пайдоиши дучарха. Хусусияти дучарха дар давраҳои гуногун. Қисмҳои дучарха. Ҷойҳои дучархаронӣ. Дар куҷо дучархаронӣ мумкин нест? Мушоҳида ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расмҳо.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз намоиши расми велосипедҳо оғоз кунед. Аз хонандагон пурсед, ки ин ду велосипед аз ҳам чӣ фарқ доранд. Фикрҳои онҳоро ҷамъбаст намуда, якҷоя бо хонандагон ба хулосае оед, ки дар расм дучархаи замони қадим ва дучархаи муосир тасвир ёфтааст.




2) Оид ба таърих ва макони пайдоиши дучарха бо хонандагон суҳбат кунед. Аз рӯйи расмҳо мукаммал шудани дучархаро дар замонҳои гуногун фаҳмонед. Аз расмҳои китоб истифода баред. Дучархаҳои замони ҳозираро ба онҳо нишон диҳед. Расми сечархаро барои бачаҳои хурдсол нишон диҳед. Дар ҷараёни суҳбат аз таҷрибаи ҳаётии бачаҳо пурсон шавед (шояд кадоме аз онҳо дар хурдиаш сечарха дошт ё ҳоло дучарха дорад. Бигзор дар бораи он нақл кунанд).
3) Аз рӯйи расм хонандагонро бо қисмҳои дучарха шинос кунед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Ҷойҳои дучархаронӣ. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед ва оид ба онҳо якҷоя бо хонандагон муҳокимаронӣ кунед:
   - *Дучархаро дар куҷо меронанд?*
   - *Оё дучархаро дар ҳама ҷо рондан мумкин аст?*
   - *Ба одами дучархасавор кадом хатарҳо таҳдид мекунанд?*
   - *Ин хатарҳоро чӣ гуна пешгирӣ кардан мумкин аст?*

   Дар рафти саволу ҷавоб ба хонандагон ҷойҳои бехатари дучархарониро гӯед ва таъкид кунед, ки эҳтиёткор бошанд.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахта нависед ва хонандагон онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - *Дучарха;*
   - *Сечарха;*
   - *Ҷойҳои бехатари дучархаронӣ.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| Нишондиҳандаҳо | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|
| Замон ва макони пайдоиши дучархаро гӯянд. | Саволу ҷавоб |
| Хусусияти дучархаи ҳар давру замонро шарҳ диҳанд. | Шарҳ додан |
| Аз рӯйи расм намудҳои дучархаро фарқ кунанд. | Аз рӯйи расм нишон додан |
| Қисмҳои дучархаро номбар кунанд ва аз расм нишон диҳанд. | Аз рӯйи расм нишон додан |
| Ҷойҳои бехатари дучархарониро гӯянд. | Саволу ҷавоб |

## § 28. Неруи барқ дар куҷо ба вуҷуд меояд? (1 соат)

**Салоҳият.**

- Нақш ва вазифаҳои аъзоёни оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол дар оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- мафҳуми «неругоҳ»-ро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- аҳамияти барқро барои инсон фаҳмонанд;
- аз кадом қувваҳои табиӣ ҳосил кардани неруи барқро гӯянд;
- хатари барқро ба саломатии инсон бо мисолҳои ҳаётӣ асоснок кунанд;
- дар ҳаёт аз қувваи барқ эҳтиёт шаванд.

**Барнома.**Аҳамияти неруи барқ. Неругоҳ – манбаи неруи барқ. Намудҳои неругоҳи барқӣ– неругоҳи обӣ, неругоҳи бодӣ, неругоҳи аловӣ, неругоҳи офтобӣ.Ҳамлу нақли барқ. Истифодаи неруи барқ. Эҳтиёт аз қувваи барқ. Мушоҳида ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим**.

1. Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Ба хонандагон бо чунин саволҳо муроҷиат кунед:
   - *Қувваи барқ чист?*
   - *Онро дар куҷо истифода мебаранд?*
   - *Оё қувваи барқ хатарнок аст?*
2. Масъалаҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, фикрҳои онҳоро шунавед ва ба шарҳи ин масъалаҳо пардозед.
3. Маълумот оид ба неруи барқ. Ба хонандагон дар бораи чӣ будани неруи барқ, истеҳсол ва интиқоли он маълумот диҳед. Мазмуни маълумотатон чунин буда метавонад: "*Қувваи барқро одамон васеъ истифода мебаранд. Бо қувваи барқ асбобҳои барқӣ кор мекунанд. Қувваи барқ дар неругоҳҳои барқӣ истеҳсол мешавад. Неругоҳҳои барқи аз манбаҳои гуногун неруи барқ истеҳсол мекунанд. Масалан, аз об, нури Офтоб, бод, сӯзишворӣ ва ғайра. Неруи барқро бо воситаи симчӯбҳо ва ноқилҳо аз як ҷо ба дигар ҷо нақл мекунанд*". Маълумотро ба тариқи суҳбат пешниҳод намоед. Дар рафти суҳбат аз таҷрибаи хонандагон истифода баред.
4. Кори дунафарӣ. Ба дунафараҳо чунин супориш диҳед:
   - *Дунафарӣ маслиҳат намуда, оид ба хатари қувваи барқ маълумот тайёр кунед;*
   - *Фикрҳоятонро ба рафиқонатон пешниҳод кунед.*

   Фикрҳои дунафараҳоро шунавед ва иловаҳои худро ворид сохта, онҳоро пухта кунед. Хулосаҳо аз ин фаъолият чунин буда метавонанд: *«Қувваи барқ барои одам хатарнок аст. Агар мо эҳтиёт накунем аз қувваи барқ зарар диданамон мумкин аст. Бо асбобҳои барқӣ – телевизор, дарзмол, гармкунаки барқӣ ва ғайра хеле эҳтиёткор будан лозим аст. Ин асбобҳоро бе калонсолон истифода бурдан мумкин нест».*
5. Лаҳзаи дамгирӣ – «Бозии ҷараёни барқ». Бозиро ба тариқи зайл гузаронида метавонед. Хонандагонро дар ду қатор гузоред ва онҳо рӯ ба рӯйи ҳам истанд. Дар як тарафи қаторҳо курсиеро гузошта, дар болои он ду дона ручкаро гузоред, дар тарафи дигар худатон истед ва аз хонандагони дар қатор истода хоҳиш кунед, ки дасти ҳамдигарро гиранд. Худатон дар байн истода, бо дасти рост дасти хонандаи қатори рост ва бо дасти чап дасти хонандаи қатори чапро доред. Шарти бозӣ чунин аст: бо ишораи шумо (ишораи шумо дастфишорӣ буда метавонад) хонандагон бояд онро бо занҷир, даст ба даст то хонандаи охир диҳанд ва хонандаи дар охир истода, хам шуда ручкаи дар рӯйи курсибударо гирад. Кадом қаторе, ки фармонро тез иҷро мекунад, ғолиб дониста мешавад. Ин корро се чор маротиба иҷро кардан кифоя аст.
6. Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтар кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - *Барқ;*
   - *Қувваи барқ;*

- *Неругоҳ;*
- *Хатари қувваи барқ.*

7. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бори дигар хотиррасон карда, ба тариқи саволу ҷавоб дида бароед ва дарсро ҷамъбаст кунед.
8. Супориши хонагӣ. Ба хонандагон чунин супориш дода метавонед – Дар хона бо падару модар маслиҳат намуда, хатари асбобу анҷоми барқии хонаро муайян кунед. Аз онҳо тарзи бехатари истифодаи ин асбобҳоро пурсед.
9. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| Нишондиҳандаҳо | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|
| Мафҳуми «неругоҳ»-ро бо суханони худ шарҳ диҳанд. | Саволу ҷавоб |
| Аҳамияти баркро барои инсон фаҳмонанд. | Шарҳ додан |
| Аз кадом қувваҳои табиӣ ҳосил кардани неруи баркро гӯянд. | Нақл аз рӯйи расм |
| Хатари баркро ба саломатии инсон бо мисолҳои ҳаётӣ асоснок кунанд. | Овардани мисоли ҳаётӣ |
| Дар ҳаёт аз қувваи барқ эҳтиёт шаванд. | Амалан нишон додан |

## §29. Аҳамияти оинаи нилгун ва телефон (1 соат)

**Салоҳият.**

- Нақш ва вазифаҳои аъзои оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун аъзои хурдсол ба оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- саҳми телевизионро дар рӯзгори одамон шарҳ диҳанд;
- аҳамияти телефонро дар ҳаёти инсон бо суханони худ фаҳмонанд;
- аз рӯйи расму тасвирҳо намудҳои гуногуни оинаи нилгун ва телефонро фарқ кунанд;
- оид ба зарари ин таҷҳизот маълумот диҳанд;
- тарзи бехатари истифодаи телефон ва телевизорро бо мисолҳо фаҳмонанд;
- тарзи дурусти бо телефон сухан карданро гӯянд.

**Барнома.** Аҳамияти телевизор ва телефон барои инсон. Намудҳои телевизор ва телефон. Тарзи дурусти истифодаи телефон ва телевизор. Мо чӣ гуна метавонем зарари телевизор ва телефонро кам кунем. Мушоҳида ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз овардани воқеаи ҳаётӣ оғоз кунед. Воқеа:«*Духтараке бо номи Санавбар дар оилае зиндагӣ мекард. Ӯ аз ягон чиз танқисӣ намекашид, ҳама чиз барои ӯ муҳайё карда шуда буд. Барои Санавбар хонаи алоҳида ҷудо карда буданд, ки вай он ҷо хоб мерафт, дарс тайёр мекард, телевизор тамошо мекард ва бо дугонаҳояш бо телефон дуру дароз гап мезад. Ӯ тамошои телевизорро чунон дӯст медошт, ки соатҳои дароз аз назди он дур намешуд. Баъзан, агар филми тасвирии дӯстдоштаашро намоиш диҳанд,ӯ ба телевизор чунон наздик мешуд, ки қариб рӯяш ба экрани телевизор мерасид. Санавбар каме эрка буд ва ба корҳои модараш кам ёрӣ мерасонд. Модараш ӯро базӯр аз назди телевизор дур карда, ягон кореро мефармуд. Лекин Санавбар духтари аълохон буд, дар мактаб дарсҳоро нағз гӯш мекард ва супоришҳои муаллимро иҷро мекард. Дар хона ҳам, баъди тамошои телевизор ва бо телефон гап задан вақт ёфта, дарсҳояшро тайёр мекард*».
2) Масъалагузорӣ аз рӯйи нақл. Вобаста ба мазмуни нақл ба хонандагон саволҳоро пешниҳод намоед ва муҳокима кунед. Саволҳо:

- *Санавбар кӣ буд?*
- *Шароити зиндагии Санавбар чӣ гуна буд?*
- *Шароити ҳуҷраи Санавбарро шарҳ диҳед.*
- *Санавбар кадом корҳоро дӯст медошт?*
- *Ӯ кадом корҳоро дӯст намедошт?*
- *Санавбар дар кадом корҳо ба хато роҳ медод?*
- *Чаро ӯ ба корҳои модараш ёрӣ намерасонд?*
- *Хислати хуби Санавбар кадом буд?*

3) Баъди оне, ки мисоли ҳаётиро муҳокима намудед, хонандагонро ба хулосае оред, ки дарси имрӯзаи мо дар бораи аҳамияти телевизор ва телефон мебошад. Номи мавзӯъ (Аҳамияти оинаи нилгун ва телефон)-ро дар дафтарашон нависанд.
4) Фаҳмондани мавзӯи навро аз оинаи нилгун оғоз кунед. Ба хонандагон каме дар бораи телевизор, принсипи кори он, аҳамияти он ва тарзи дурусти истифодаи он маълумот диҳед. Аз расмҳои китоб истифода баред.
5) Кор бо расмҳо. Расмҳои 1 ва 2-ро ба хонандагон нишон диҳед ва фикрҳои онҳоро пурсед.Бо саволҳои зерин муроҷиат кунед:
   - *Дар расмҳо кӣ тасвир ёфтааст?*
   - *Кадоми онҳо (расми 1 ё 2) оинаи нилгунро дуруст тамошо карда истодааст?*
   - *Чаро?*
   - *Кадоми онҳо оинаи нилгунро нодуруст тамошо карда истодааст?*
   - *Барои чӣ шумо ин тавр фикр мекунед?*
   - *Шумо дар хона оинаи нилгунро чӣ гуна тамошо мекунед?*
   - *Чанд соати вақти худро ба тамошои телевизор мегузаронед?*






Оид ба зарари аз наздик тамошо кардани оинаи нилгун ва дурудароз тамошо кардани он ба хонандагон маълумот диҳед.

6) Шиносоӣ бо телефон. Аз хонандагон пурсед: Дар хонаи кадоми онҳо телефон ҳаст? Он чӣ гуна телефон аст (хонагӣ ё мобилӣ ҳамроҳ)? Бо он чӣ кор мекунед? Ба муҳокимаронӣҳамаи хонандагонро ҷалб кунед. Бигзор аз таҷрибаи ҳаётии худ мисолҳо оранд.
7) Хонандагонро аз рӯйи расмҳо бо телефон шинос кунед. Аҳамияти телефонро барои одам фаҳмонда, зарари онро қайд кунед – *Телефони мобилӣ барои кӯдакон ниҳоят хатарнок аст. Агар бачаҳои хурдсол бо телефон дуру дароз гап зананд, ба ҳар гуна бемориҳо гирифтор мешаванд. Аз ин рӯ, агар дар хона телефони падар ё модаратон занг занад, зуд бурда ба дасти худашон диҳед. Агар онҳо дар хона набошанд, телефонро набардоред ё зарур бошад, бо суханони "Лаббай", "Ассалому алейкум" гапзаниро сар кунед.*
8) Лаҳзаи дамгирӣ. Интихобан ягон бозии бартарафкунандаи хастагӣ гузаронед.
9) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд ва дар хотир гиранд. Мафҳумҳо:
   - *Оинаи нилгун (телевизор);*
   - *Телефон;*
   - *Телефони хонагӣ;*

– *Телефони мобилӣ(ҳамроҳ);*
– *Зарари телефон ва телевизор.*

10) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш барои хона:
- *Бо падару модари худ маслиҳат карда, оид ба тарзи дурусти истифодаи телефони мобилӣ ва телевизор суҳбат кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
– *Аҳамияти телевизор аз чӣ иборат аст?.*
– *Оид ба тарзи дурусти истифодаи телевизор мисолҳо оред.*
– *Телефон барои одам чӣ аҳамият дорад?*
– *Зарари телефони мобилиро гӯед.*
– *Аз зарари телефон чӣ гуна худро муҳофизат кардан мумкин аст?*
– *Тарзи дурусти бо телефон суҳбат карданро шарҳ диҳед.*

### § 30.Нақши компютер дар ҳаёти инсон (1 соат)

**Салоҳият.**
– Нақш ва вазифаҳои аъзои оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол дар оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
• аҳамияти компютерро барои инсон фаҳмонанд;
• қисмҳои компютерро номбар кунанд;
• аз рӯйи расм онҳоро нишон диҳанд;
• корҳое, ки компютер иҷро мекунад, гӯянд;
• зарари истифодаи нодурусти компютерро ба саломатии инсон шарҳ диҳанд.

**Барнома.** Компютер чист? Нақши компютер барои инсон. Қисмҳои компютер. Бо компютер кадом корҳоро иҷро кардан мумкин аст? Зарари компютер. Тарзи дурусти истифодаи компютер. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расму тасвирҳо. Мушоҳида ва таҳлил.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед. Бояд қайд кард, ки ин тавсияҳо фақат намуна мебошанд ва шумо метавонед аз роҳу усулҳои ба худатон мувофиқ истифода баред.
1) Дарсро аз шиносоӣ бо компютер оғоз кунед. Бо ин мақсад аз расмҳои китоб истифода баред. Савол диҳед: *Шумо дар расмҳо чиро дида истодаед? Оё ҳамаи онҳо якхеланд? Кӣ дар хона компютер дорад? Бо он чӣ кор мекунед?*
   Саволҳоро муҳокима кунед. Фикрҳои бачаҳоро гӯш кунед. Имкон диҳед, ки оид ба компютер чизе медонанд, гӯянд.
2) Аз рӯйи расмҳо хонандагонро бо намудҳои компютер, қисмҳои он ва аҳамияти он шинос кунед. Расмҳоро бодиққат мушоҳида кунанд. Номи қисмҳои асосии компютерро ба онҳо гӯед – *монитор, муш, тугмачадон ва блоки системавӣ.* Корҳое, ки бо компютер кардан мумкин аст, гӯед – *навиштан, хондан, расм кашидан, мусиқӣ гӯш кардан, тамошои филмҳо, бозӣ кардан ва пайдо намудани маълумоти даркорӣ.*
3) Бозӣ - Тарзи дурусти истифодаи компютер. Ба хонандагон лаҳзаҳои гуногуни кор бо компютерро гӯед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки дуруст ё нодуруст будани онҳоро муайян кунанд. Баъди муайян кардани ҳар як рафтори дуруст ё нодурусти қаҳрамон, хонандагон бояд сабаби онро гӯянд. Худатон ба ин кор мусоидат кунед. Мисолҳо:
   - *Писарак бе иҷозати калонсолон дар паси компютер нишаст ва ба қувваи барқ пайваст кард.*

- *Компютери писарак равшан нашуд ва ӯ мехоҳад худаш онро соз кунад.*
- *Писарак аз падараш иҷозат пурсида, ба паси компютер нишаст.*
- *Писарак компютерро барои навиштани матн истифода бурд.*
- *Ҳангоми кор бо компютер писарак дид, ки мушак дуруст кор накарда истодааст, ӯ ба падараш муроҷиат кард.*
- *Писарак дар набудани падару модараш ҷӯраҳояшро дар хона ҷамъ карда бо компютер кинои тирпарронӣ тамошо карданд.*
- *Писарак бо иҷозати падараш ҷӯраҳояшро ҷамъ кард ва онҳо бо компютер 1 соат филми тасвирӣ тамошо карданд.*
- *Писарак аз саҳар то вақти мактабравӣ(то соати 12:00) бо компютер филми тасвирӣ тамошо кард.*
- *Писарак дар паси компютер нишаста, қаҳва менӯшид.*
- *Писарак дид, ки додарчаи хурдиаш компютерро ба қувваи барқ пайваст кардан мехоҳад. Ӯ додарчаашро ба як тараф бурда, ҳамроҳи ӯ расмкашӣ кард.*

4) Аз муҳокимаи вазъиятҳо хулосаи даркорӣ бароред ва хонандагонро бовар кунонед, ки бе иҷозати калонсолон аз истифодаи компютер даст кашанд, дар паси компютер зиёд нашинанд ва компютерро танҳо барои хондану навиштан ва расмкашӣ истифода баранд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар дафтарашон нависанд. Мафҳумҳо:
   - Компютер;
   - Қисмҳои компютер;
   - Корҳои фоиданок бо компютер;
   - Зарари компютер.
7) Лаҳзаҳои асосии мавзӯъро бори дигар хотиррасон карда, дарсро ҷамъбаст намоед.
8) Меҳнати хонандагонро қадр кунед. Чунин суханонро истифода баред: “Офарин бачаҳо”, “Шумо фаъолона иштирок кардед”, “Ман хеле хурсанд шудам” ва ғайра.
9) Супориши хонагӣ. Бо падару модар ё бародари калониатон оид ба истифодаи дурусти компютер суҳбат кунед.

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Аҳамияти компютер аз чӣ иборат аст?.*
- *Қисмҳои компютерро номбар кунед.*
- *Онҳоро аз рӯйи расм нишон диҳед.*
- *Бо компютер кадом корҳоро анҷом додан мумкин аст?*
- *Оид ба тарзи дурусти истифодаи компютер мисолҳо оред.*
- *Тарзи нодурусти компютер ба одам чӣ зарар дорад?*
- *Аз зарари компютер чӣ хел худро ҳифз кардан мумкин аст?*

## § 31.Нақлиёти автомобилӣва қатора (1 соат)

**Салоҳият.**
- Нақш ва вазифаҳои аъзои оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол дар оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд
- намудҳои автомобил (мошин)-ро номбар кунад ва аз рӯйи расм онҳоро нишон диҳанд;
- аҳамияти нақлиёти автомобилиро дар ҳаёти инсон бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- таъйиноти қатораро гӯянд;
- намудҳои қатораро номбар кунанд;
- аҳамияти қатораро дар боркашонӣ ва мусофиркашонӣ фаҳмонанд;

• аз рӯйи расм мошин ва қатораро фарқ кунанд.

**Барнома.** Автомобил чист? Намудҳои автомобил – сабукрав, боркашон ва мусофиркашон. Аҳамияти нақлиёти автомобилӣ. Қатора чист? Намудҳои қатора. Аҳамияти қатора барои одам. Мушоҳида ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим**. Дар вақти банақшагирии дарс аз тавсияҳои методии зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз намоиши ду расми зерин оғоз кунед. Аз хонандагон оид ба ин расмҳо саволҳои зеринро пурсед:
   – *Дар расмҳо чӣ тасвир ёфтааст?*
   – *Онҳо аз ҳам чӣ фарқ доранд?*
   – *Чӣ монандӣ доранд?*
   – *Онҳо барои чӣ истифода мешаванд?*







2) Саволҳоро муҳокима намуда, фикрҳои хонандагонро муттаҳид кунед ва ба хулосае оед, ки дар расми 1 автомобил ва дар расми 2 қатора тасвир ёфтааст.
3) Суҳбат. Аз расмҳои китоб истифода бурда, хонандагонро бо намудҳои гуногуни нақлиёти автомобилӣ шинос кунед. Таърихи пайдоиши автомобилро мухтасар ба онҳо гӯед (нимаи дуюми асри 19 дар Аврупо). Аз сӯзишворӣ истифода бурдани автомобилро фаҳмонед.
4) Масъалагузорӣ. Ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кунед:
   – *Шумо боре ба нақлиёти автомобилӣ савор шудаед?*
   – *Чӣ гуна нақлиёт буд?*
   – *Ғайр аз кашонидани одамон боз автомобилҳо кадом корҳоро иҷро мекунанд?*

   Атрофи ин масъалаҳо бо хонандагон муҳокимаронӣ кунед. Дар рафти муҳокимаронеҳо оид ба аҳамияти автомобилҳо ҳамчун воситаи мусофиркашонӣ ва боркашонӣ маълумот диҳед. Аҳамияти мошини ёрии таъҷилӣ ва мошини сӯхторхомӯшкуниро фаромӯш накунед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Суҳбат оид ба қатора. Аҳамияти қатораро барои одамон шарҳ диҳед. Кӯтоҳ дар бораи таърихи пайдоиши қатора фаҳмонед. Нақши қатораро дар кашондани бор ва мусофирони зиёд, махсус қайд кунед.

7) Бозии таълимӣ: «Муқоиса аз рӯйи хусусиятҳо». Хонандагонро ба ду гурӯҳи калон ҷудо кунед ва онҳоро дар рӯ ба рӯйи ҳам гузоред. Аз гурӯҳҳо бо навбат хоҳиш кунед, ки хусусияти автомобил ё қатораро гӯянд ва гурӯҳи муқобил онро ёбад. Масалан, хонандагон ба ҳамдигар чунин хусусиятҳоро пешниҳод карда метавонанд:

*Чархҳояш аз резин иборат аст (мошин)*
*Чархҳояш оҳанин аст (қатора)*
*Дар болои 4 чарх ҳаракат мекунад*
*Аз чархҳои зиёд иборат аст ва ғайра.*

Барои оғоз бахшидан ба ин фаъолият, ду хусусияти аввалро худатон гӯед ва барои ёфтани ҷавоб ба хонандагон ёрӣрасонед.

8) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳояшонро бароранд ва мафҳумҳои асосии мавзӯъро навишта, дар хотир нигоҳ доранд. Мафҳумҳо:
   - *Автомобил (мошин)*
   - *Қатора*
   - *Фарқи мошин аз қатора*
   - *Аҳамияти мошин ва қатора*
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.
10) Супориши хонагӣ диҳед ва барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| Нишондиҳандаҳо | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|
| Намудҳои автомобил (мошин)-ро номбар кунанд ва аз рӯйи расм онҳоро нишон диҳанд. | Саволу ҷавоб, нишон додан |
| Аҳамияти нақлиёти автомобилиро дар ҳаёти инсон бо суханони худ шарҳ диҳанд. | Шарҳ додан |
| Таъйиноти қатораро гӯянд. | Фаҳмондан |
| Намудҳои қатораро номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Аҳамияти қатораро дар боркашонӣ ва мусофиркашонӣ фаҳмонанд. | Саволу ҷавоб |
| Аз рӯйи расм мошин ва қатораро фарқ кунанд. | Амалан нишон додан |

## §32.Чаро киштӣва тайёра месозанд? (1 соат)

**Салоҳият.**

– Нақш ва вазифаҳои аъзои оиларо (хонаводаашонро) муайян карда, саҳми худро ҳамчун узви хурдсол дар оила ба таври сода баён мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- намудҳои киштӣ ва тайёраро номбар кунанд;
- аҳамияти киштӣ ва тайёраро барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бо суханони худ фаҳмонанд;
- аз рӯйи расм тайёра ва киштиро нишон диҳанд;
- чархболро аз тайёра фарқ кунанд;
- интихобан расми тайёра ё киштиро тасвир кунанд.

**Барнома.** Киштӣ чист? Аҳамияти қатора барои одам. Бо киштӣ кадом борҳоро мекашонанд? Намудҳои киштӣ – баҳрӣ, дарёгӣ. Тайёра чист? Одамон барои чӣ тайёра месозанд? Намудҳои тайёра. Фарқи тайёра аз киштӣ. Мушоҳида ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз пурсиши хонандагон оғозкунед. Саволҳо: *Кадоме аз шумо киштиро дидааст? Дар куҷо дидааст? Ҳаҷми киштӣ чӣ қадар аст? Бо киштӣ кадом борҳоро кашондан мумкин аст?* Атрофи ин масъалаҳо бо хонандагон суҳбат кунедва фикрҳои онҳоро шунавед. Ҳаракат кунед, ки ба раванд ҳарчи бештар хонандагон ҷалб шаванд.
2) Кор бо расмҳо. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода бурда, хонандагонро бо намудҳои киштӣ шинос кунед (завраќи хурд, киштиҳои бодбондор, киштиҳои мусофиркашон, киштии боркашон, киштии варзишӣ ва ғайра). Оид ба онҳо мухтасар ба хонандагон маълумот диҳед. Аҳамияти онҳоро фаҳмонед. Қайд кунед – киштиҳои калони баҳрӣ то ҳазорҳо тонна борро кашонида метавонанд.
3) Шиносоӣ бо нақлиёти ҳавоӣ. Бо тайёра ва чархбол хонандагонро шинос кунед. Аз расмҳои китоб истифода баред. Аҳамияти тайёра ва чархболро шарҳ диҳед. Бо тайёра ва чархбол кашондани борҳои тезвайроншавандаро махсус қайд кунед. Ҷараёни шиносоиро ба тариқи суҳбат ба роҳ монед (танҳо худатон гап назанед).
4) Муқоиса. Расмҳои зеринро ба хонандагон нишон диҳед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки фарқи онҳоро муайян кунанд:







5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахта нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳои асосӣ:
   - *Киштӣ*
   - *Гуногунии киштиҳо*
   - *Аҳамияти киштиҳо*
   - *Тайёра*
   - *Чархбол*
   - *Аҳамияти тайёра ва чархбол*
7) Расмкашӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки албомҳои худро гирифта, интихобан расми киштӣ, тайёра ва ё чархболро тасвир кунанд (агар вақт нарасад, ин корро дар хона давом медиҳанд).
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Кадом намудҳои киштиро медонед?*
- *Кадом намудҳои тайёраро медонед?*
- *Аҳамияти киштӣва тайёра барои одамон аз чӣ иборат аст?*
- *Кадоме аз онҳо бори зиёдро гирифта метавонад?*
- *Борҳои тезвайроншавандаро бо кадоме аз онҳо мекашонанд?*
- *Фикрҳоятонро асоснок кунед.*
- *Мусофирони зиёдро дар киштӣ ё тайёра ҷой кардан мумкин аст?*
- *Ғайр аз бокашонӣ ва мусофиркашонӣ боз киштӣ ва тайёраро барои кадом корҳо истифода мебаранд?*
- *Фарқи чархболро аз тайёра фаҳмонед.*

## §33.Фаслҳои сол (1соат)

**Салоҳият.**

- Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- фаслҳои солро номбар кунанд;
- моҳҳоро ба фаслҳои сол тақсим кунанд;
- ҳолати табиатро дар фаслҳои гуногуни сол бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- оид ба либосҳое, ки дар фаслҳои гуногуни сол пӯшидан лозим аст, маълумот диҳанд;
- шуғли дӯстдоштаи худро дар фасли муайян гӯянд;
- расми ягон манзараи фасли муайянро тасвир намоянд.

**Барнома.** Фаслҳои сол – баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон. Чаро фаслҳои соливаз мешаванд? Моҳҳои фаслҳои сол. Фарқияти фаслҳои сол. Шуғли одамон ва ҳолати табиат дар фаслҳои гуногуни сол. Фасли дӯстдоштаи ман. Тағйир ёфтани либос ва шуғли бачаҳо вобаста ба фаслҳои сол. Кор бо расму тасвирҳо. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида ва таҳлил.

**Методикаи таълим**.Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Аз сабаби он ки то ин вақт фасли баҳор фаро мерасад, дарсро аз пурсиши хонандагон оид ба фасли баҳор оғоз кунед. Саволҳо:
   - *Ҳоло кадом фасли сол аст?*
   - *Табиат чӣ гуна аст?*
   - *Шумо ғайр аз фасли баҳор боз кадом фаслҳоро медонед?*
   - *Фасли аз ҳама дӯстдоштаи шумо кадом аст?*
   - *Чаро шумо ин фаслро дӯст медоред? ва ғайра.*

   Ҷавоби хонандагонро бо ёрии ҳамсинфон пурра кунед. Ба хоҳишмандон имкон диҳед то фикрҳои худро баён кунанд.
2) Мушоҳида. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз тирезаи синфхона ба берун нигаранд, табиатро бодиққат мушоҳида кунанд ва он чӣ ки мебинанд гӯянд. Ин корро дунафарӣ иҷро карда метавонанд. Фикрҳои онҳоро гӯш кунед ва ин фаъолиятро ҷамъбаст намоед.
3) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба 4 гурӯҳ ҷудо кунед ва ба ҳар гурӯҳ як фаслро тақсим кунед.

   Гурӯҳи 1. Фасли баҳор;
   Гурӯҳи 2. Фасли тобистон;
   Гурӯҳи 3. Фасли тирамоҳ;
   Гурӯҳи 4. Фасли зимистон;

   Чунин супориш диҳед: – *Дар гурӯҳҳо маслиҳат намуда, хусусияти фаслҳоро муайян кунед.*
4) Муаррифии корҳо. Хонандагон метавонанд аз ҷойи нишаст ё як нафар намояндаи гурӯҳ аз назди тахтаи синф натиҷаи кори худро ба дигарон мефаҳмонанд. Хонадагони дигар ба фикрҳои гурӯҳи баромадкунанда иловаҳо мекунанд ё савол медиҳанд. Ҳангоми баромади гурӯҳҳо муҳокимарониро ташкил кунед.
5) Шиносоӣ бо фаслҳои сол. Шиносоиро аз фасли баҳор сар кунед. Ҳолати табиатро ба хонандагон шарҳ диҳед. Бо фаслҳои тобистон, тирамоҳ ва зимистон низ хонандагонро мухтасар шинос кунед. Моҳҳоро ба чор фасли сол тақсим кунед. Аз расмҳои китоб истифода баред. Сабаби иваз шудани фаслҳои солро мухтасар ба хонандагон фаҳмонед. Вобаста ба фаслҳои сол либоси хоси ҳамон фасл пӯшиданро қайд кунед.
6) Лаҳзаи дамгирӣ.

7) Суҳбат оид ба шуғли дӯстдоштаи ман дар фаслҳои гуногуни сол. Ба хонандагон гӯед, ки дар муддати 3 дақиқа фикр карда, шуғли дӯстдоштаи худро дар фаслҳои гуногун номбар кунанд. Қайд кунед: *дар пеш фасли тобистон аст. Дар ин фасл хонандагон ба таътили тобистона мебароянд. Агар шумо ба ягон ҷо рафтанӣ бошед, ҳатман ин корро бо ҳамроҳии падару модар ё одамони калонсоли наздикатон анҷом диҳед. Ба ҷойҳои ношинос наравед ва дар ҷойҳои ношинос оббозӣ накунед.*
8) Мустаҳкамкунӣ. Ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кунед. Саволҳо:
   - ✓ *Дар кадом фасли сол барф мεборад?*
   - ✓ *Растаниҳо дар кадом фасли сол гул мекунанд?*
   - ✓ *Дар кадом фасли сол меваҳо мепазанд?*
   - ✓ *Дар кадом фасли сол ранги баргҳо зард мешаванд?*
   - ✓ *Шумо кадом фаслро дӯст медоред? Барои чӣ?*

   Масъалаҳоро бо хонандагон муҳокима кунед ва барои ёфтани ҷавоб ба онҳо ёрӣ расонед.
9) Навиштани мафҳумҳои мавзӯъ. Мафҳумҳои асосии дарсро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:

   *Фаслҳои сол*
   *Баҳор – арӯси сол*
   *Тобистон вақти таътил*
   *Тирамоҳи заррин*
   *Зимистони хунук*
10) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед – *расми ягон манзараи фасли дӯстдоштаатонро дар албом тасвир намоед.*

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Фаслҳои солро номбар кунанд. | Саволу ҷавоб |
| Моҳҳоро ба фаслҳои сол тақсим кунанд. | Тақсим кардани моҳҳо ба фаслҳо |
| Ҳолати табиатро дар фаслҳои гуногуни сол бо суханони худ шарҳ диҳанд. | Шарҳ додан |
| Оид ба либосҳое, ки дар фаслҳои гуногуни сол пӯшидан лозим аст, маълумот диҳанд. | Саволу ҷавоб |
| Шуғли дӯстдоштаи худро дар фасли муайян гӯянд. | Саволу ҷавоб |
| Расми ягон манзараи фасли муайянро тасвир намоянд. | Тасвири манзара |

## 4. СТРАТЕГИЯҲОИ ТАЪЛИМИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО)

### 4.1. ТАЪЛИМИ МАЛАКАҲОИ ГӮШ КАРДАНУ ГУФТАН

Гӯш кардан яке аз малакаҳои муҳимми шахс мебошад. Қобилияти хуб гӯш кардан ба дарк кардани ахбори шунида ва муоширaт бо дигарон таъсири калон мерасонад. Шахс ба мақсадҳои гуногун сухан, нақл ва дигар хелҳои матни шифоҳиро гӯш мекунад. Масалан:

1) Гӯш кардани ахбор;
2) Дарки маънӣ;
3) Завқ бурдан (суруд, мусиқӣ, шеър ва ғайра);
4) Омӯхтан.

Таҳқиқоти гуногун нишон медиҳанд, ки шахс аз 25 то 50 фоизи гӯш кардаашро дар хотир мегирад[1]. Аз ин лиҳоз, ташаккул додани малакаи гӯш кардан ба хонандагон

[1] http://www.mindtools.com/CommSkll/ActiveListening.htm

имконият медиҳад, ки маълумотро пурра дарк кунанд ва дараҷаи азхудкунии маводди таълимро баланд бардоранд. Бо ташаккул додани малакаи гӯш кардан хонандагон метавонанд сатҳи маҳсулнокии омӯзишашонро баланд бардошта, инчунин қобилияти таъсир расондан, водор намудан ва ба созиш омаданро такмил диҳанд. Зиёда аз ин малакаи хуби гӯш кардан имконият медиҳад, ки нофаҳмӣ ва низоъ байни гӯянда ва шунаванда аз байн бурда шавад. Барои ташаккули малакаи мазкур хонандагон бояд қоидаҳои умумии гӯш карданро донанд ва риоя кунанд:

1) Ба суханони гӯянда диққат додан, яъне:
   - ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан;
   - фикрҳоеро, ки ба гӯш кардан халал мерасонанд, ба як тараф гузоштан;
   - ҳангоми гӯш кардан хаёлан ихтилоф омода накардан;
   - ба омилҳое, ки ба ҷараёни гӯш кардан халал мерасонанд, монанди садоҳои атроф, гуфтугӯи дигарон аҳамият надодан;
   - ба имову ишораи гӯянда диққат додан.
2) Дар ҳақиқат гӯш карданро нишон додан, яъне
   - истифода бурдани воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора) барои ба гӯянда равона намудани диққат;
   - ҳар сари вақт сар ҷунбондан;
   - табассум кардан ва истифодаи имои мувофиқ;
   - қоматро рост ва кушода нигоҳ доштан;
   - барои идома додани суҳбат ба суханони гӯянда эзоҳи хурд пешниҳод кардан, ба монанди *ҳа, наход* ва амсоли ин.

3) Ҷавоби мувофиқ додан.
   Фаъолона гӯш кардан эҳтиром ва дарк кардани масъаларо мефаҳмонад. Шахси шунаванда ахбор ва ақидаҳои навро қабул мекунад. Агар шунаванда ҳангоми суҳбат нияти ба гӯянда ҳамла кардан, ё ӯро таҳқир кардан дошта бошад, он гоҳ аз ин суҳбат чизе намегирад.
   - Дар ҷавоб додан дақиқ ва одил будан;
   - Ақидаро бо эҳтиромона пешниҳод кардан;
   - Ба шахси мусоҳиб муносибати мувофиқ нишон додан.

### 4.2. Таълими хониши бошуурона

Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: “Хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад”. Гирифтани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матн мебошад. Сохтани маънӣ, таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани “қобилият, малака, дониш ва таҷрибаи” шахс ва он матне, ки мехонад, мебошад. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад.

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими “Алифбо” мебошад. Аз ин лиҳоз, стандарти мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст. Тамоми системаҳои маорифи мамлакатҳои дунё ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона диққати махсус медиҳанд. Инчунин арзёбиҳои стандартии байналхалқии гуногуни малакаи хониши бошуурона (PISA, PIRLS, EGRA) мавриди истифода қарор ёфта, саводнокии хонандагон санҷида, дар сатҳи ҷаҳонӣ раддабандӣ мешаванд.

Хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад,

- матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онҳоро дарк мекунад;
- ба хондан шавқ дорад ва ба таври ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои иншоро мехонад;
- аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;
- малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;

- матнро аз рӯйи сохтор фарқ карда метавонад;
- ба матн савол мегузорад ва ба саволҳои матн ҷавоб мегардонад;

Дар поён тавсияҳое, ки дар асоси таҳқиқоти фаннӣ[2] таҳия шудаанд, пешниҳод мегарданд. Омӯзгорон ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии малакаи хониши бошуурона аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонанд.

**Тавсияи 1.** *Тарзи истифодаи стратегияҳои (усулҳои) хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзед.*

Стратегияҳои хониши бошуурона ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифта шуда аст, ки барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегия истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикронӣ) пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Страгияҳои хониши бошуурона ба хонанда имконият медиҳанд, ки ӯ сатҳи фаҳмишашро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намояд, дониши суст ва номукаммали худро оид ба матн ҷуброн кунад.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ тавр ин стратегияҳо ба онҳо барои дарк кардани матн ва омӯхтани он ёрӣмерасонанд (ба ҷойи аз ёд кунондани матн), инчунин тарзи истифодаи дурусти стартегияҳоро ба хонандагон омӯзанд.

Таълим ва истифодаи стратегияҳои зерини хониши бошуурона тавсия мешавад[3]:

| Стратегияҳои самаранок | Тафсир |
|---|---|
| **Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ** | Хонандагон оид ба маълумоте, ки аллакай медонанд ва ин донишро якҷоя бо дигар нишонаҳо истифода бурда, маънои чизи хондаашонро дарк мекунанд, ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки талабагон хондани матро идома медиҳанд ва дурустии пешгӯии худро аниқ месозанд. |
| **Саволгузорӣ** | Хонандагон оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ҷонишинҳои саволии *дар куҷо* ва *барои чӣ* истифода мебаранд. |
| **Тасаввур кардан** | Хонандагон чизи дар матн тасвиршударо дар хаёл тасаввур мекунанд. |
| **Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан** | Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд, ё не. Онҳо матнро бори дигар мехонанд, ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки ба онҳо барои дарки матн ёрӣ мерасонанд. |
| **Баровардани хулоса** | Хонандагон ахборе, ки барои дарки маънии матн заруранд, аммо ин ахбор дар матн наомадааст ё пурра шарҳ дода нашудааст. |
| **Ҷамъбаст/ Нақл кардан** | Хонандагон ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён/тасвир мекунанд. |

Тарзи истифодаи стратегияҳои мазкур бояд ба хонандагон омӯзонда шавад. Стратегияҳоро дар алоҳидагӣ ё якҷоя таълим додан мумкин аст,яъне хонандагон бо як матн (ё дар ҷараёни як дарс) якчанд стратегияро истифода бурда метавонанд. Масалан, пеш аз хондани матн хонандагон метавонанд машқҳоеро иҷро намоянд, ки барои

[2]Шанаҳан, Т., Коллисон, К., Карриер, К., Дюк, Н., Пиерсон, П.Д., Шатчнейдер, К., ва Торгесен, Ҷ. (2010). Такмили малакаи хониши шуурнок дар муассисаҳои то мактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ (то синфи 3-юм) (NCEE 2010-4038). Вошингтон ОК: Маркази миллии арзёбии таълим ва дастгирии минтақаҳо, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Вазорати маорифи ИМА. Аз: whatworks.ed.gov/publications/practiceguides гирифта шуд

[3]Барои маълумоти бештар нигаред ба Замимаи 10.

муайян кардани дониши заминавӣоид ба мавзӯъ ва ҳодисаҳои матн ёрӣмерасонанд, сипас оид ба ҳамон матн пешгӯйӣ мекунанд. Инчунин савол мегузоранд, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, хаёлан ҳодисаҳои матнро тасаввур мекунанд, дар айни замон ҷараёни хондани хешро мушоҳида карда сатҳи фаҳмишашонро месанҷанд, хулоса мебароранд ва маънии матнро ба каси дигар ҳикоя мекунанд. Тавсия мешавад, ки тадриҷан дараҷаи раҳнамоии омӯзгор ҳангоми истифодаи стратегияҳои хониш кам шуда, дараҷаи масъулияти хонандагон дар истифодаи стратегияҳо зиёд мегардад.

**Тавсияи 2.** *Хонандагонро тавассути муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамоӣ кунед.*

Омӯзгорон хонандагонро ба муҳокимаи самаранок ва мушаххас раҳнамоӣ карда, ба онҳо барои амиқ фаҳмидани матн ёрӣ мерасонанд. Чунин муҳокимаронӣ байни хонандагон ё байни хонандагон ва омӯзгор аз саволу ҷавоби рӯякӣ ба саволҳои мантиқиву таҳқиқӣ мегузаранд. Тавассути чунин таҳқиқот хонандагон тарзи ақидаеро дастгирӣ кардан ва ё муқобили он буданро омӯхта, нофаҳмоиҳои матнро ҳал мекунанд ва оид ба матн хулоса мебароранд.

Ҳангоми ташкил намудани муҳокимаронӣ дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бештар савол медиҳад. Ӯ тарзи дар доираи саволи додашуда фикр карданро ба хонандагон намоиш медиҳад. Масалан, омӯзгор чунин гуфта метавонад: “Савол дар бораи он аст, ки оҳувон чӣ мехӯранд. Ман ба сарлавҳаҳои оид ба ғизогирӣ нигоҳ мекунам. Сарлавҳа бо калимаҳои ғафси сиёҳ оварда мешаванд ва он ба мо мефаҳмонад, ки дар ин қисми матн сухан дар бораи чӣ меравад. Ана нигаред, сарлавҳа оид ба “Ғизои оҳувон”. Ман ин қисмро хонданиам. Ба фикрам, он ба ман оид ба хӯроки оҳувон маълумот медиҳад.”Ҳамин тавр, муҳокимаро доир ба матни хондашуда ба роҳ мондан мумкин аст.

Омӯзгор инчунин метавонад матнро бо овози баланд ба талабагон хонад ва ба тартиби муайян оид ба ҳодисаҳои матн ба хонандагон савол диҳад, ки ҳикоя дар бораи чӣ аст, ё ба фикри онҳо, баъд чӣ ҳодиса мешавад. Муҳокимаро бо истифодаи саволҳои гуногуни дараҷаи баланди фикрронӣ ба роҳ монед. Ин ба талабагон имконият медиҳад, ки матнро таҳлил намоянд.

Омӯзгор барои муҳокима матнеро интихоб мекунад. Он матн метавонад масъалаеро инъикос кунад, ки хонандагон шояд ба он розӣ набошанд, ба монанди дурустии рафтори қаҳрамон ё ба ҳақиқат рост омадан ё наомадани натиҷаҳои ҳикоя. Пас аз хондани матн омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо мувофиқи ақидаашон (розӣ будан ё набудан) ҷудо менамояд. Аз гурӯҳҳо хоҳиш карда мешавад, ки аз матн ақидаеро интихоб намоянд, ки ақидаи онҳоро дастгирӣ мекунад (масалан, ҳодисаҳое, ки натиҷаҳоро ҳаққонӣ ва тахайюлӣ мегардонанд). Барои ба роҳ мондани ҷараёни мазкур омӯзгор ба хонандагон варақаҳо супорида, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки дар ин варақаҳо қисмҳои матнро ба қайд гиранд.

Омӯзгор бояд саволҳои дараҷаи баланди фикрронииро таҳия карда, аз хонандагон оид ба маънии матн амиқ фикр карданро талаб намояд, на гуфтани маълумотҳои одиро. Саволҳо бояд он чизеро, аз тарафи хонандагон аз матн гирифта шуданашро омӯзгор мехоҳад, инъикос кунанд, аз ҷумла, ахбори мушаххас ва муфассалро. Саволҳо набояд хеле сода бошанд (“Номи писар чӣ буд?”) ё танҳо ақидаи хонандагон пурсида шавад (“Ҳикоя ба шумо маъқул шуд?”). Саволҳои дараҷаи баланди фикрронӣ асосан чунин унсурҳоро фаро мегиранд:

- Барои чӣ ... ?
- Шумо дар бораи ... чӣ фикр доред?
- Агар шумо ба ҷойи муаллиф мебудед ...?
- Ин чиро ба ёди шумо меорад ва чаро?

**Тавсияи 3.** *Матнро мақсаднок интихоб намоед, то хониши бошууронаро тақвият диҳад.*

Вақте ки сухан оид ба интихоби матн барои таълими хониши бошуурона меравад, ба гуфтаи “як ченак барои ҳама” бовар карда намешавад. Шинос намудани хонандагони хурдсол ба навъҳои гуногуни матн қобилияти онҳоро барои дарки маънии

маводди зиёди хониш, ки хонандагон дар синфҳои минбаъда вомехӯранд, ташаккул медиҳад. Омӯзгорон на танҳо ба хонандагон матнҳои гуногунро шинос мекунанд, балки боварӣ ҳосил намоянд, ки матни интихобшуда (1) ақида ва ахбори бой дорад, (2) дараҷаи мураккабии он ба малакаи хониши равони хонандагон ва хониши бошууронаи онҳо мувофиқ аст, (3) ба мақсади таълимии дарс мувофиқ аст. Матнҳои мушаххасе, ки барои таълими стратегияҳои хониши бошуурона назар ба дигар матнҳо мувофиқтар бошанд, вуҷуд надоранд. Барои хонандагони хурдсол кор бо ҳамаи матнҳо таҳлил ё санҷиши фаҳмишро талаб карда, малакаи хониши бошууронаи хонандагон тавассути нақли унсурҳои матн беҳтар гардонида мешавад.

*Хониши бошууронаро тавассути матнҳои жанрҳои гуногун омӯзед.* Дар стандартҳои фаннӣ матнҳо ба ду навъи фарогир – бадеӣ ва иттилоотӣ ҷудо мешаванд. **Матнҳои бадеӣ** ҳикояҳое, ки ҳодисаеро тасвир мекунанд, ё тартиби воқеаҳои тахайюлотӣё ҳақиқие, ки одамон ё симоҳои тахайюлиро фаро мегиранд ва шеърҳо мебошанд. **Матнҳои иттилоотӣ** таҳлил ё тафсири ахбори ҳақиқӣ оид ба табиат ва ҷомеа мебошанд. Дар стандартҳо навъҳои жанрҳо вобаста ба навъҳои матн ва мувофиқи синфҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- Матнҳои бадеӣ матнҳои ҳикоя, афсона ва шеър мебошанд.
- Матнҳои иттилоотӣ матнҳои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки як ақидаро нисбат ба ақидаи дигар бартарӣ медиҳанд, матни дастурдиҳӣ ё ҳуҷҷатҳои расмӣ мебошанд.

Тавсия мешавад, ки омӯзгорон барои таълими хониши бошуурона ҳар ду навъи матн (матнҳои бадеӣ ва иттилоотӣ)-ро истифода баранд, зеро на ҳамеша малакаву маҳорати кор бо як навъи матн ба навъи дигар мегузарад. Стандартҳои фаннӣ дастурҳои иловагиро оид ба жанрҳои матне, ки бояд хонандагон дар синфҳои гуногун аз худ кунанд, фаро мегиранд.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки сифати баланд, ақида ва иттилооти бойу рангин доранд.*** Ҳикояҳое, ки услуби баланди бадеӣ доранд ва матнҳои иттилоотие, ки хуб таҳия шудаанду шавқоваранд, барои таълими хониши бошуурона хуб мусоидат мекунанд. Дар поён баъзе хусусиятҳои баландсифат будани матн, ки барои ташаккули малакаи фикррони интиқодии хонандагон муосидат мекунанд, оварда мешаванд:

- Муҳтавои бой (инкишофи симоҳои матнҳои бадеӣ ё тафсири маълумот дар матнҳои иттилоотӣ)
- Сохтори хуб
- Луғати гуногун, бой ва услуби хуби баён

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки дараҷаи мураккабии калимаҳо ва дарки маънӣ ба синну солуқобилияти хондани хонандагон ва мақсади таълим мувофиқ аст.*** Омӯзгорон бояд матнеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон на осон ва на мушкил бошад. Ду нишондиҳандаи мураккабии матн мавҷудаст: муракабии иншо/унсурҳои забонӣ (масалан, мураккабии хондани калима, мураккабии ҷумлаҳо ва ташкили матн, равшании қолиб/сохтор) ва мураккабии муҳтаво (яъне то кадом андоза маълумот, ақидаҳо ва ҳодисаҳо мураккабанд). Ин ду нишондиҳандаи мураккабиро дар ҳамон як матн фарқ карда метавонанд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон бояд ҳар дуро ба эътибор гиранд. Ҳарчанд матн ба осонӣ хонда шавад ҳам, ахбори пешниҳодшуда мураккаб ё тамоман ба хонандагон ношинос бошад, дарки матн ба онҳо хеле мушкил мегардад. Ҳамин тавр, матне, ки муҳтавои осон дошта, вале бо  калимаҳои мураккабу ношинос иншо шуда бошад, дарки чунин матнҳо низ мушкил мегардад.

Ба хонандагон имконияти хондани матнҳоеро, ки каме мушкиланд, фароҳам овардан лозим аст. Матнҳои мушкил ҳангоми фаъолиятҳои таълимие, ки бо ёрии омӯзгор ба роҳ монда мешаванд, монанди хониши якҷоя ё хониши дастурдиҳанда мувофиқанд. Шавқи хонандагонро ба донишу маълумоти заминавӣ оид ба мавзӯи матн метавонад ҳавасмандии онҳо ба хондану дарк кардани маънии матн зиёд гардонад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон метавонанд матнҳои мураккабтареро, ки мавзӯаш ба хонандагон писанд ё шинос аст, интихоб намоянд.

***Матнеро интихоб намоед, ки ба мақсади таълим мувофиқ бошад.*** Мақсадҳои гуногуни дарсҳои хониши бошуурона инҳоро фаро гирифта метавонанд (1) ташаккул додани малакаи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона; (2) ташаккул додани дониши хонандагон оид ба жанр, сохтор ва матнҳои мушаххас; (3) ташаккули малакаи

онҳо барои иштирок дар муҳокимаронии ҳои оид ба матн. Ҳадафҳои гуногунро ба эътибор гиред, ҳайати машваратӣ боварӣ дорад, ки ин нуктаҳо ба омӯзгор дар интихоби матн барои таъмини мақсади дарс ёрӣ мерасонанд.

**Тавсияи 4.** *Барои таълими хониши бошуурона фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда ташкил намоед.*

Барои дарёфтану сохтани маънӣ хонандагон бояд бо матн фаъолона кор кунанд ва агар онҳо дар фазои водоркунандаю ҳавасмандкунанда хониши бошууронаро аз худ намоянд, малакаи хуби хондан пайдо мекунанд. Омӯзгор метавонад фазои мазкурро бо мушаххас баён кардани мақсади ҳар як дарс, фаҳмондани стратегияҳои хониши бошуурона ба вуҷуд орад. Илова бар ин омӯзгорон бояд ба хонандагон на танҳо дар иҷрои вазифаи таълимӣ, балки дар диққат додан ба ҳадафҳои калони таълимӣ низ, ёрӣ расонанд. Омӯзгорон бояд маводди хонишеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон имконияти интихоби хонданро фароҳам меорад ва барои бо дигарон ҳамкорӣ кардан мусоидат мекунад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки қобилияти хондан ба ҳаёти ҳамарӯза чӣ тавр таъсир мерасонад, лаззат мебахшад ва ба хонандагон барои донистани ҷаҳон ёрӣ мерасонад.

Омӯзгор бояд дар ҷараёни дарс ба хондан диққати махсус диҳад. Онҳо метавонанд кори хонандагонро ба намоиш гузоранд, қоидаҳои синфро тартиб диҳанд, қоидаҳои бехатарӣ ва дастурҳоро ба деворҳои синф овезанд ё ҳангоми аз як қисми мактаб ба қисми дигари он рафтан овезаҳоро якҷоя хонанд. Омӯзгорон инчунин метавонанд дар синф китобҳоеро гузоранд, ки ба доираи фаҳмиши хонандагон мувофиқанд. Масалан, марказҳои хониш ё китобхонаи синфро, ки ба таври ҷолиб оро дода шуда, мавзӯъҳои гуногуни ба шавқу завқи хонандагон мувофиқро дар бар мегиранд, ташкил кунанд.

Омӯзгорон инчунин метавонанд шавқи хонандагонро ба хондан тавассути фаъолиятҳои шавқоваре, ки ба мавзӯи таълимӣ мувофиқанд, бедор намоянд. Масалан, иҷрои саҳнача аз матни китоб, расмкашӣ ё дигар навъи воситаҳои санъату меҳнат, ки метавонанд хонишро ба ашёи ҳаққонӣ алоқаманд кунанд.

Хулосаи умумӣ.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон тарзи истифодаи стратегияҳои хониши бошууронаро таълим диҳанд, сохтори матнро ба онҳо ба мақсади ташкил намудани фикррони ҳангоми хондан омӯзанд.Хонандагон ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои мазкур бояд бо матнҳои сифатнок, матнҳое, ки (аз лиҳози муҳтаво ва сифат) барои фикррониии амиқ мусоидат менамоянд, кор кунанд. Бояд қайд кард, ки хонандагон на танҳо стратегияҳои хонишро дуруст истифода баранд, балки аз матни хондаашон дониши нав гиранд. Аз ин лиҳоз, истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона бо муҳокимаронии фаъоли муҳтавои матн тақвият дода шавад ва хонандагон барои таҳқиқи матн ҳавасманд гардонида шаванд.

### 4.3. Таълими малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил.

Мушоҳида дар таълими табиатшиносӣ нақши хеле муҳим бозида, барои рушди малакаҳои мушоҳидакорӣ, муқоисакунӣ, таҳлил ва хулосабарории хонандагон кумак мерасонад. Мушоҳидаро дар давоми як дарс, ҳафта, моҳ ва ҳатто то охири сол ба роҳ мондан мумкин аст.

Объекти мушоҳида бояд мувофиқи фаслҳои сол интихоб гардад. Мушоҳида ҳамон вақт аҳамият пайдо мекунад, ки агар омӯзгор онро дуруст ба нақша гирад, гузаронад ва ҷамъбаст намояд. Бештар ба гузаронидани мушоҳидаи ҳодисаҳои табиат эътибор додан лозим аст. Ин ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Хонандагони хурдсол дар мактаб асосан бо мушоҳидаҳои зерин дучор мешаванд:

- мушоҳидаи тахта (лавҳа)-и синф (дар он чӣ навишта мешавад?);
- мушоҳидаи аёниятҳои таълимӣ (онро омӯзгор чӣ тавр намоиш медиҳад?);
- мушоҳида дар асоси супориши махсуси омӯзгор.

Дар аввалҳо ба роҳ мондани мушоҳида дар хонандагони синфи 1 дарки нопурраи ашёро ба вуҷуд меорад. Масалан, таҷрибаҳо нишон додаанд, ки ҳангоми ба роҳ мондани мушоҳидаи аёният оид ба гамбусаки коллексияшуда хонандагони синфи 1 ба масъалаҳои зерин аҳамият доданд: гамбусак дар дохили қуттӣ ҷойгир аст, ширеш карда

шудааст, дар пушташ сӯзанак зада шудааст ва ғайра, аммо онҳо ба хусусиятҳои худи гамбусак аҳамият надоданд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки хонандагони синфи 1 дар ба роҳ мондани мушоҳида аз рӯйи нақшаи муайян ва бо як тартиби муайян душворӣ мекашанд. Мушоҳидаҳои онҳо бештар хусусияти тасодуфӣ дорад. Чунин ҳолате ба назар мерасад, ки гӯё хонанда ҳама вақт объекти мушоҳидаро мекобад. Ба мушоҳидаи як объект оғоз карда, онро то охир намерасонад ва зуд ба мушоҳидаи объекти дигар мегузарад. Аз чор як ҳиссаи ҳамаи намудҳои мушоҳидаро дар хонандагони синфи 1 номбар кардани хусусияти ашё ташкил медиҳад.

Инкишоф ёфтани қобилияти мушоҳидакории хонандаи синфи 1 ба такмили фаъолияти фикррони ӯ вобаста аст. Самти асосии инкишофи мушоҳида гузаштан аз мушоҳидаи бепарво (пассив) ба мушоҳидае мебошад, ки ба дарки масъала меорад. Барои ноил шудан ба ин хусусият дар хонандагони синфи 1 чунин шакли мушоҳидаҳоро ба роҳ мондан мумкин аст:

1. *Мушоҳида оид ба муайян кардани хусусияти фарққунандаи объектҳо.*Ба хонандагон 50-100 барги дарахтони гуногунро тақсим карда, аз онҳо хоҳиш кардан лозим, ки баргҳоро гурӯҳбандӣ кунанд (монандҳояшро ҷудо кунанд). Баъд аз гурӯҳбандии баргҳо, хусусияти фарққунандаи онҳоро муайян кунанд ва гӯянд, ки баргҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд. Айнан ҳамин гуна фаъолиятро ҳангоми мушоҳидаи коллексияи ҳашарот низ ба роҳ мондан мумкин аст.
2. *Муайян кардани фарқияти байни объекти зинда ва беҷон.*Аз хонандагон хоҳиш мекунем, ки аз рӯйи коллексияи ҳашарот гамбусаки беҷони моҳи майро ёбанд ва хусусиятҳои онро мушоҳида кунанд.Пас ба онҳо гамбусаки зиндаи моҳи майро дода хоҳиш мекунем, ки аломату рафторҳои онро мушоҳида кунанд ва фарқияти гамбусаки беҷон ва зиндаро шарҳ диҳанд.

Дар омӯзиши фанни табиатшиносии синфи 1 чунин мушоҳидаҳоро ба роҳ мондан мумкин аст:

- ✓ хазоншавии барги дарахтони маҳал;
- ✓ хелҳои боришот дар фаслҳои сол;
- ✓ парандаҳои мавсимӣ ва муқимии маҳал;
- ✓ сабзиши майсаи гандум;
- ✓ бориши барфи аввалин;
- ✓ кушодашавии муғҷаҳои рустанӣ;
- ✓ лонасозии парандаҳо;
- ✓ хӯрокдиҳии парандаҳо ба чӯҷаҳояшон;
- ✓ пухтани меваи рустаниҳо;
- ✓ вазъи экологии маҳал ва ғайра.

Ба хонандагон дафтари махсуси мушоҳидаҳо зарур аст. Онҳо дар рафти мушоҳида мувофиқи супориши омӯзгор ҳодисаи табиӣ ё дигар объекти мушоҳидашавандаро омӯхта, натиҷаҳоро дар дафтар қайд мекунанд. Натиҷаи мушоҳидаҳо дар «Дафтари мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ» ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ ва дар давоми сол қайд карда мешаванд.

***Мушоҳида, таҷриба ва таҳлил*** бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Бе ба роҳ мондани мушоҳида, дар таълими табиатшиносӣ гузаронидани таҷриба ва таҳлили натиҷаҳои он ғайриимкон аст. Ҳамин тариқ, мушоҳидаро метавон ҳамчун усули гузаранда байни таҷриба ва таҳлил ҳисобид, яъне аввал бояд мушоҳида гузаронида шавад, баъд таҷриба ва таҳлил.

Гузаронидани ҳама гуна мушоҳида бояд иҷрои пайдарпайи марҳалаҳои зеринро дар бар гирад:

1. Марҳилаи омодагӣ – гузоштани вазифа, проблема ва мушаххас намудани мушоҳида; интихоби вазъият ва объекти мувофиқ.
2. Ҷамъ кардани диққати хонандагон ба объекти омӯзиш.
3. Тадқиқ ва таҳлили объекти мушоҳида, ки ба коркард ва такмилдиҳии роҳҳои омӯзиши объект равона шудааст. Дараҷаи муайяни кумаки омӯзгор барои азхудкунии маводи омӯхташаванда.

4. Марҳалаи хотимавӣ – ҷамъбасти натиҷаҳо, мустаҳкамкунии тасаввуроти андухташуда оид ба объекти омӯзиш ва роҳҳои тадқиқи он, таассурот гирифтани хонандагон аз кори анҷомдодашуда.

Ба роҳ мондани таҷриба (тадқиқ) аз марҳалаҳои зерин иборат аст:

1. Марҳалаи омодагӣ. Он аз ду қисм иборат аст:
   а) барои омӯзгор – тафтиши таҷҳизот, муайян кардани миқдори зарурии он, гузаронидани пешакии таҷриба;
   б) барои хонандагон –ҷалби таваҷҷӯҳи хонандагон ба такроран ба вуҷуд овардани ҳодисаи табиии муайян, ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ва бо иштироки хонандагон интихоб намудани таҷҳизоти лозима, дастур додан, муайян кардани мавзӯъ, мақсад, нақшаи гузаронидан ва муаррифии натиҷаҳои таҷриба, пешниҳоди фарзияҳо.
2. Гузаронидани таҷриба. Ин марҳала аз муайян кардани мақсад, вазифаҳои мушаххас, ба қайд гирифтани таҷҳизот,ҷою шароити гузаронидани таҷриба, дастурдиҳӣ ва иҷрои марҳала ба марҳила, яъне мушоҳида иборат аст.
3. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада. Хотиррасон намудани мақсадҳо, таҷҳизот, пайдарҳамии иҷрои амалҳои таҷриба, хулоса ва асоснокунии назариявӣ.

Ҳамин тариқ, мушоҳида, таҷриба ва таҳлил бо ҳам зич алоқаманд мебошанд, зеро ба гузаронидани ҳар як таҷриба мушоҳида ҳамроҳӣ мекунад. Барои мисол дар поён якчанд намунаи таҷрибаҳои одиро пешниҳод мекунем, ки умедворем истифодаи онҳо дар дарсҳои табиатшиносӣ (олами атрофи мо) шавқи бачаҳоро нисбати ин фан зиёд карда, дар онҳо қобилиятҳои мушоҳидакорӣ, таҳлил ва хулосабарориро рушд медиҳад.

ТАЪКИД: Баъзе ашёе, ки хонандагон дар таҷрибаҳои зерин истифода мебаранд, барои саломатии онҳо метавонад хатарнок бошад. Масалан, гӯгирд, сирко ва ғайра. Аз ин рӯ тавсия дода мешавад, ки хонандагон ин таҷрибаҳоро танҳо дар ҳузури омӯзгор (ё калонсолон) иҷро кунанд.

**Ранги ноаён**

Барои гузаронидани ин таҷриба ба шумо:
- нимто лимӯ;
- каме пахта;
- донаи гӯгирд ё чӯбчаи ба он монанд;
- пиёла;
- об;
- коғаз (варақ),

лозим аст.



1. Лимӯро фишурда, шираашро ба пиёла мегирем ва баробари ширaи лимӯ ба пиёла об мерезем.



2. Донаи гӯгирд ё чӯбчаро гирифта, ба нӯги он пахтаро мепечонем. Онро ба маҳлули дохили пиёла тар карда, дар коғаз чизе менависем, масалан номи худамонро.



3. Вақте ки навиштаамон хушк шуд, коғазро дар лампаи рӯйимизӣ гарм мекунем. Баъди чанде мебинем, ки дар коғази холӣ чизи навиштаи мо пайдо мешавад.



### Лимӯ пуфакро дам мекунад

Лавозимот:
- 1 қошуқ содаи хӯрокӣ
- шираи лимӯ
- 3 қошуқи хӯрокхӯрӣ сирко
- 1 дона пуфак
- лентаи изолятсионӣ
- стакан (ним стакан об)
- шишаи холӣаз нӯшокиҳо
- қиф (воронка)



1. Обро ба шишаи холӣ мерезем ва қошуқи содаро дар он ҳал мекунем.
2. Дар зарфи алоҳида (стакан) шираи лимӯ ва 3 қошуқ сиркоро омехта мекунем ва онро ба шишае, ки оби сода дошт, мерезем.



3. Тез пуфакро ба даҳони шиша пӯшонида, атрофашро бо лента печонида, маҳкам мекунем.



4. Мушоҳида мекунем, ки чӣ ҳодиса рӯй медиҳад! Содаи хӯрокӣва шираи лимӯ, ки бо сирко омехта карда шудааст, ба реаксия медарояд. Дар натиҷа гази ангидриди карбон ҳосил мешавад ва фишорро пайдо мекунад, ки он пуфакро дам мекунад.



### Дандонхилолҳо мегурезанд

Лавозимот:
- тағорачаи обдор
- 8 дона дандонхилолҳои чӯбин
- чакрарез (пипетка)
- як дона қанди сафед (дар об тезҳалшаванда набошад)
- қошуқ
- маҳлул барои косаю табақшӯйӣ.



1. Дандонхилолҳоро чӣ тавре ки дар расм тавир ёфтааст, дар дохили тағорачаи обдор мегузорем.

2. Дар мобайни тағорачаи обдор, оҳистақанди сафедро мегузорем. *Дандонхилолҳо ба маркази тағорача ҷамъ мешаванд.*



3. Бо қошуқ, оҳиста қандро аз дохили тағорача мегирем ва бо чакрарез якчанд қатра маҳлули зарфшӯйӣ мечаконем. Дар натиҷа дандонхилолҳо ба ҳар тараф мегурезанд.



Чаро ин тавр шуд?
Қанд обро ба худ меҷаббад ва ҳаракати обро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа дандонкобакҳо ҳамроҳи об ба тарафи қанд (маркази тағорача)ҷамъ мешаванд. Собун бошад, дар болои об паҳн (тунук) мешавад ва дандонхилолҳоро маҷбур мекунад, ки ба ҳар тараф паҳн шаванд – гурезанд.



**Ба тухм шинокуниро меомӯзем**

Лавозимот:
- 1 дона тухми хом
- стакони обдор
- тахминан 3-4қошуқи калон намак




1. Тухми хомро ба дохили стаконе, ки оби тозаи ошомиданӣ дорад меандозем. Тухм дар об мeғӯтад ва ба қаъри стакон мефуроял.





2. Тухмро аз дохили стакон мегирем ва ба оби стакон якчанд қошуқ намак андохта, аралаш мекунем.



3. Тухмро ба стакони намакобдор мегузорем ва мебинем, ки тухм дар болои об меистад, ба қаъри стакон намефуроял.



Сабаб. Намак зичии обро зиёд мекунад. Ҳар қадар шӯрии об зиёд шавад, ҳамон қадар зичии он низ зиёд шуда, ғарқшавии ҷисмҳо дар он душвор мегардад. Мисалан, баҳри Мурда чунон шӯр аст, ки одам дар он ғарқ намешавад.

### «Шаст» барои гирифтани ях

Лавозимот:

- ришта
- яхпора
- стакони обдор
- каме намак.

Ман бо шумо шарт мекунам, ки дастонамро тар накарда, яхпораро аз дохили об мегирам!

1. Яхпораро ба дохили стакони обдор меандозем.
2. Риштаро тавре ба стакон мегузорем, ки як тарафи нӯги он ба болои яхпораи рӯйи об хоб кунад.



3. Ба болои яхпора каме намак мерезем ва 5-10 дақиқа интизор мешавем.



4. Аз тарафи озоди ришта дошта, яхпораро аз стакони обдор бардошта мегирем



Сабаб. Вақте ки намак ба болои ях меафтад, каме ҷойи онро об мекунад. Дар муддати 5-10 дақиқа намак дар об ҳал мешавад. Оби тоза дар болои яхпора ҳамроҳи ришта аз нав ях мекунад.

### Оё оби хунук ҷӯшида метавонад?

Лавозимот:

- рӯймолчаи кисагӣ (дастрӯймол)
- стакони обдор
- резинаи борик

1. Рӯймолчаро дар об тар карда, онро сахт меҷафем .



2. Стаконро аз об пур мекунем.
3. Болои стакони обдорро бо рӯймолча мепӯшонем ва бо резина маҳкам мекунем.





4. Бо ангушт мобайни рӯймолчаро тавре зер мекунем, ки он 2-3 см ба об фурӯ равад.



5. Стаконро чаппа мегардонем.



6. Бо як дастамон стаконро дошта, бо дасти дигар оҳиста ба таги он мезанем. Дар натиҷа мушоҳида мекунем, ки оби дохили стакон ба «ҷӯшидан» медарояд.

7. Сабаб. Латаи тар обро аз худ намегузаронад. Вақте ки мо ба таги стакон оҳиста-оҳиста мезанем, дар дохили он ҷойи холӣ (вакуум) ҳосил мешавад ва ҳаво бо воситаи латта ба об дохил мешавад. Ана ҳамин ҳубобчаҳои ҳавои ба стакони обдори чапагардондашуда дохилшаванда дар назари мо манзараеро пайдо мекунад, ки гӯё об «меҷӯшад».



**Рӯзномаи «зӯр»**

**Лавозимот:**

- ҷадвали дароз (тахминан 30 см)
- рӯзнома (газета)



1. Ҷадвалро дар болои миз тавре мегузорем, ки нисфи он дар ҳаво овезон бошад.



2. Рӯзномаро якчанд маротиба қат карда, андозаашро хурд мекунем ва ба болои ҷадвал мегузорем. Ба он тарафи ҷадвал, ки дар ҳаво овезон аст, сахт мезанем. Рӯзнома аз рӯйи миз ба ҳаво мепарад.



3. Дафъаи дуюм рӯзномаро мекушоем ва ба болои ҷадвал мепӯшонем. Ин дафъа ҳам ба мисли дафъаи аввала ҷадвалро мезанем. Рӯзнома ба боло напарида, каме аз ҷояш меҷунбаду халос. Агар ҷадвали чӯбин бошад, шояд аз таъсири зарба шиканад.



Сабаб. Ба ҳамаи ашё фишори атмосферӣ таъсир мекунад. Ҳар қадар сатҳи (масоҳати) ашё калон бошад, ҳамон қадар фишори атмосферӣ онро зиёдтар зер (таъсир) мекунад. Акнун маълум шуд, ки чаро рӯзнома ин қадар «зӯр» шуд.

**Вазни рекордӣ**

**Лавозимот:**

- 2 дона қуттии холӣ (аз қаҳва ё консерв)
- варақи коғазӣ
- банкаи 1-литраи холӣ

1. Қуттиҳои қаҳваро аз якдигар дар масофаи 20-25 см гузоред.



2. Дар болои онҳо варақи қоғазинро ба мисли пул (кӯпрук) мегузорем.



3. Ба болои варақ банкаи холиро мегузорем. Варақ вазни бонкаро бардошта натавониста, ба поён қат мешавад.



4. Варақро гирифта қат-қат мекунем (нигаред ба расм).



5. Вараќи қат-қатшударо боз ба болои ду қуттии қаҳва гузошта, дар болои он бонкаи шишагиро мегузорем. Мушоҳида мекунем, ки вараќи қат-қат хам намешавад.



## 5. Арзёбӣ

### 5.1. Принсипҳои арзёбӣ

Арзёбӣ унсури доимии раванди таълиму омӯзиш аст. Таълиму арзёбиро аз ҳам ҷудо кардан имконнопазир аст. Таҳқиқоти зиёди олимони мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки арзёбӣба раванди азхудкунӣ ва татбиқи донишу малакаҳои хонандагон таъсир мерасонад.

Дар илми педагогикаи муосир навъҳои гуногуни арзёбӣ маъмул буда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мафҳуми арзёбӣ дар адабиёти илмҳои педагогӣ ба таври гуногун номбар шудааст. Аз ҷумла, дар адабиёти соҳавӣ чунин мафҳумҳо истифода шудаанд: «арзёбии анъанавӣ», «арзёбии алтернативӣ», «арзёбии фаъолият» (Сюзан М. Батлер ва Нэнси Д. Мак Мунн), «арзёбии ташхисӣ», «арзёбии ташаккулдиҳанда», «арзёбии ҷамъбастӣ» ва ғайра.

Арзёбии ташаккулдиҳанда барои беҳбудии таълим ва баландшавии маърифати хонанда ёрӣ мерасонад. Он имкон медиҳад, ки дастоварди хонандагон таҳти назорат бошад. Арзёбии ташаккулдиҳанда аз методҳои баҳодиҳии мавҷуда фарқ мекунад. Пеш аз ҳама дар ин низом муаллим имконияти бо хонанда ба таври инфиродӣ кор карданро дорад. Омӯзгор метавонад дар асоси чунин арзёбӣ дониши азхудкардаи хонандагонро ташхис кунад, дар давраи аввал ёрӣ расонад ва раванди таълимро дуруст ба роҳ монад. Хонанда дар ин маврид барои таҳсил бештар масъулият ҳис мекунад.

Арзёбии ташаккулдиҳанда хусусияту принсипҳои худро дорад. Принсипҳои мазкур аз тарафи гурӯҳи корӣ оид ба арзёбӣ (аз тарафи Асосиатсияи британии пажӯҳишҳои маърифатӣ) дар асоси таҳқиқот муқаррар шудаанд:

**Арзёбӣ бояд ҷузъи асосии банақшагирии дарс бошад.** Омӯзгор ҳангоми банақшагирии дарс бояд фаъолиятҳоеро ба эътибор гирад, ки ҳам ба ӯ ва ҳам ба хонанда имконияти назорати раванди таълимро фароҳам оранд. Мувофиқи принсипи мазкур восита ва усулҳои арзёбӣ баъди муайян кардани мақсад ва методикаи таълим тарҳрезӣ карда мешавад. Мақсад он аст, ки дар марҳилаи банақшагирӣ роҳу воситаҳои арзёбӣ муайян карда шуда, дараҷаи эътимоднокии онҳо таҳлил мегарданд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ба таҳлили раванди омӯзиш нигаронида шуда бошад.** Ҳангоми арзёбӣ хонандагон бояд ба саволҳои Чӣ тарз ба ин натиҷа ноил гаштанд? Чӣ душворӣ кашиданд? ва Барои чӣ муваффақ шуданд? ҷавоб диҳанд. Ин хонандагонро водор менамояд, ки раванди таълимро таҳлил карда, боварӣ ҳосил намоянд. Пас аз иҷрои ҳар як методикаи таълим омӯзгор тавассути воситаҳои арзёбӣ, хонандагонро вазифадор менамояд, ки раванди иҷрои он фаъолиятро таҳлил намоянд, хулоса бароранд ва фаъолияти минбаъдаро мушаххас гардонанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ҳамчун меҳвари дарс шинохта шавад.** Аксари методикаи таълимӣ, ки дар дарс иҷро карда мешаванд, бояд хусусияти арзёбӣ (таҳлилӣ) дошта бошанд. Масъала, савол ва дигар масъалаҳои таълим тарзе тарҳрезӣ гарданд, ки ба хонанда имконияти таҳлили раванди омӯзишро фароҳам оранд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ҳамчун рукни асосии омодагии касбии омӯзгор шинохта шавад.** Омӯзгор бояд малакаву маҳорати истифодаи воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро дошта бошад. Ин малакаву маҳорат дар донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва курсҳои такмили ихтисос ва ё ба таври худомӯзӣ ҳосил карда мешаванд. Омӯзгор бояд тарзи банақшагирӣ, ташкил ва таҳлили воситаҳои арзёбӣ, пешниҳоди тавсияҳо, саволу масъалаҳоро дуруст ба роҳ монад.

**Арзёбӣ бояд асоснок ва қобили қабул бошад**. Ҳангоми пешниҳоди тавсияву натиҷаҳои арзёбӣ омӯзгор бояд чӣ гуна таъсир доштани онҳоро ба ҳисоб бигирад,яъне, то кадом андоза тавсияҳо ба хонанда таъсири манфӣ ва ё мусбӣ мерасонанд. Тавсия, шарҳу эзоҳҳо бояд ба методикаи таълимии хонанда нигаронида шуда бошад, на ба шахсияти ӯ. Тавсияву тақризҳо бояд асоснок бошанд, то ин ки барои зинаҳои дигари инкишоф ноил гаштани хонанда мусоидат кунанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ҳавасмандии (мотиватсияи) хонандагонро нисбат ба таълим ба эътибор гирад**. Барои баланд бардоштани мотиватсияи хонандагон арзёбӣ нақши муассир дорад. Дар ин асно аввал ба дастовардҳои хуби хонанда диққат дода, сипас фаъолиятҳои дигар, аз ҷумла islоҳи ғалатҳои имлоии калимаҳо ва ғайра ба

роҳмонда мешаванд. Тавсия карда мешавад, ки омӯзгор ҳангоми муколама бо хонанда дар қадами аввал ақаллан се ҷиҳати хуби корро баррасӣ мекунад, сипас роҳу усулҳои такмилдиҳӣ пешниҳод мешаванд. Дар ин ҳолат хонанда ҳавасмандии омӯзишро гум намекунад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда ба фаҳмидани мақсади таълим ва меъёрҳои арзёбӣ бояд мусоидат намояд**. Хонанда бояд аз мақсади дарс огаҳ бошад ва моҳияти онро дарк намояд,зиёда аз он мақсадҳоро баррасӣ карда, барои таълим гирифтан масъулият ҳис кунад. Омӯзгор дар оғози дарс ба хонандагон мақсадҳоро муаррифӣ карда, натиҷаи ниҳоии таълимро муҳокима мекунад. Хонанда бояд донад, ки барои чӣ имрӯз масъалаи мазкур мавриди омӯзишу таҳлил қарор мегирад ва он ба донишу малакаҳои пешинааш чӣ алоқамандӣ дорад. Донистани меъёрҳои арзёбӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки тамоми методикаи таълимиашро ба тартиб дарорад ва онро барои ба даст овардани мақсаду натиҷаҳо равона созад. Ҳангоми баррасии меъёрҳои арзёбӣ иштироки хонандагон ҳатмист.

**Тавассути воситаҳои арзёбӣ бояд барои рушди минбаъдаи хонанда тавсияҳои мушаххас дода шавад** ва ин тавсияҳо самтҳои рушди минбаъдаи хонандаро фаро бигирад. Тавсияҳо дар навбати худ бояд мушаххас, иҷрошаванда, мувофиқ ва саривақтӣ бошанд. Тавсияҳо ҳамчун дастур пешниҳод карда мешаванд, то хонанда самти такмилталабро пурра дарк кунад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд малакаи ба худ баҳо додани хонандагонро такмил диҳад.** Омӯзгор дар ниҳоди хонанда малакаи назорат кардани методикаи таълимии худро тарбият мекунад. Хонанда объекти асосии раванди таълим маҳсуб ёфта, аз ин лиҳоз омӯзгор ба ӯ дар ин самт роҳнамоӣ мекунад. Таълим гирифтан ва маърифатноку лаёқатманд шудан асосан ба худи хонанда вобаста аст. Инро метавон тавассути таҳлили раванди иҷрои масъалаи ба таълим ҷалб кардан собит намуд. Чӣ тарз? Кадом воситаҳо ҳангоми ҳалли масъала истифода шудаанд? Ба кадом мушкилот дучор шуданд? Чӣ гуна он мушкилотро паси сар карданд? Ин саволҳо хонандагонро водор менамоянд, ки раванди таълимро таҳлил кунанд.

**Арзёбӣ бояд ҳамаи дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирад.** Омӯзгор ҳангоми арзёбӣ бояд тамоми дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирифта, онро қадрдонӣ кунад. Ҳар як хонанда бояд имконияти гирифтани тавсия, тақриз ва таҳлили методикаи таълимии худро дошта бошад. Аз эътибор дур сохтани дастовардҳои таълимии хонандагон ҳавасмандии маърифатҷӯйии ӯро паст мегардонад. Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки ҳар як дастоварди ӯ дар доираи имкон қадрдонӣ гардад.

## 5.2. Арзёбии салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтан

Гӯш кардан ва гуфтан раванди мураккаби ба ҳам пайваста буда, алоқамандии малакаҳои шунавоӣ ва фикррониро талаб мекунад, аммо ин чунин маъно надорад, ки омӯзгорон салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтанро бо воситаҳои содасанҷида наметавонанд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардану гуфтан барои муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонанда басо муҳим аст.

### 5.2.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои гӯш кардан

Санҷиши дарки ахбори шунида.

Матнро ба хонанда хонед, сипас ба ӯ якчанд савол дода, бисанҷед, ки то кадом андоза хонанда онро дарк кардааст. Дар ин ҳолат набояд танҳо дар хотир гирифтани ахбор, балки дараҷаи фаҳмишу таҳлили ҳодисаву воқеаҳои матн санҷида шавад. Барои чунин санҷиш саволҳои мувофиқ таҳия карда мешаванд. Масалан, Ба фикри шумо давоми ҳикоя чӣ мешавад? Дар чунин вазъият шумо чӣ кор мекардед? Тавсия мешавад, ки дар синфи якум саволу ҷавоб ба таври шифоҳӣ сурат гирад.

Агар дар натиҷаи санҷиш муайян гардад, ки дар хонанда малакаи дарки маънии ахбори шунидашуда то дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст, он гоҳ бо чунин хонандагон дар алоҳидагӣ кор карда, стратегияҳои ташаккули малакаи гӯш карданро омӯзонед.

### 5.2.2. Арзёбии салоҳиятҳои гуфтан

**Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои гуфтан**

1) Санҷиши тарзи талаффузи овозҳо ва калимаҳо

Барои ин омӯзгор ба суханронии хонанда диққат дода, ғалатҳоро ба қайд мегирад ва мутаносибан барои ислоҳи ғалатҳо ба хонандагон тавсия дода, роҳҳои аз худ кардани тарзи дурусти талаффузи ин калимаҳоро нишон медиҳад.

2) Санҷиши сарфӣ ва наҳвӣ

Бо вуҷуди он ки хонандагони хурдсол ба таври шифоҳӣ ҷумлаҳои дуруст гуфта метавонанд, омӯзгор ба гуфтори хонандагон аҳамият дода, онро тавассути ҷадвали арзёбие, ки дар асоси меъёрҳои зерин таҳия мекунад, месанҷад:

- тартиби калимаҳои ҷумла риоя шудааст;
- ҷумлаи гуфтаи хонанда мувофиқи қолиби наҳви забони тоҷикӣ аст.

3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- як қатор луғатҳоро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
- нутқи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
- хонанда ақидаашро ба таври шифоҳӣ дуруст баён карда метавонад.

**Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан**

Ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ воситаҳои арзёбии сарфу наҳв ва луғату пешниҳоди ақидаро истифода баред.

Санҷиши қоидаҳои гӯш кардану гуфтан.

Тавсия мешавад, ки қоидаҳои гӯш кардану гуфтан якҷоя санҷида шаванд. Барои гузаронидани чунин санҷиш дар асоси меъёрҳои зерин ҷадвали арзёбӣ таҳия намоед:

- ҳангоми гуфтор баландии овоз мувофиқ аст;
- луғати мувофиқро истифода мебарад;
- қоидаҳои бонавбат сухан гуфтанро медонад ва риоя мекунад (суханони дигаронро намебурад, ба дигарон низ имконияти сухан гуфтан медиҳад);
- фаҳмидани суханони дигаронро тасдиқ мекунад (ин маънои онро надорад, ки бо гӯянда розӣ аст).

### 5.3. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил

Санҷиши малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил асосан дар натиҷаи арзёбии фаъолиятҳои таълимии таҷрибавӣ, мушоҳида ва саёҳат амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- дар фаъолиятҳо вобаста ба мушоҳида ва таҷриба фаъолона иштирок намудааст;
- дар рафти машғулиятҳо ба ҷараён диққат медиҳад;
- тартиби иҷрои фаъолиятҳоро аз рӯйи нақшаи муайян анҷом додааст;
- маълумоти пешниҳодшударо тадқиқ ва таҳлил мекунад;
- ҳангоми коркарди маълумот, ёфтани роҳи ҳалли проблема аз омӯзгор кумак мепурсад;
- оид ба корҳои анҷомдодашуда фикрҳояшро баён ва асоснок карда метавонад;
- натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда метавонад;
- таассуроти худро оид ба кори анҷомдодашуда гуфта метавонад.

**Адабиёт**


1. Арзёбии таълим. Дастури методӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2010.
2. А. Вохрушев, О. Бурский, А. Раутиан. Окружающий мир. Мир и человек. Живые обитатели планеты. Учебник 3 класса в двух частях. Москва. ДРОФА. 2008.
3. А. А. Плешаков. Мир вокруг нас. Учебник для 1 класса начальной школы. Москва «Просвещение» 2005.
4. Горецкий В. Г. и др. Обучение в 1 классе.-Москва, 1988
5. Кошмина И. В. Межпредметные связи в начальной школе. –М., 2003.
6. Кайнова Э.Б. Курс современной практической педагогики. –М., 2005.
7. Кукушин В. С., Болдырева А.В.– Вараксина. Педагогика начального образования. –М. -Ростов–на–Дону, 2005.
8. Кульневич С.В., Лакоценина Т.П. Современный урок. –М.: Учитель, 2005.
9. Кустарева В.А. Методика грамматики и орфографии в начальных классах.- Москва, 1979
10. Лутфуллоев М. Дарс. -Душанбе, 1995.
11. Лутфуллоев М.,Ҳамидова .... ва дигарон. Таълим дар синфи 1.Душанбе, 1992.
12. Л. Ф. Мелчаков, М. Н. Скаткин. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 3-4). Душанбе, «Маориф», 1984.
13. М. Ҳоҷиматов, Б. Каримов. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 3). Душанбе «Маориф», 1994.
14. Ниёзов Ф., Зиёев М., Эрматова У., Олимова Ф. ва дигарон. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2012.
15. Н. Қодиров, И. Абдуллоев. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 4). Душанбе «Комбинати полиграфӣ» – 2013.
16. Панов М. В. Занимательная орфография. Москва,1984
17. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ – Душанбе, 2012.
18. Содиқ Акрамов. Методикаи таълими табиатшиносӣ. Душанбе «Маориф», 1987.
19. koi.tspu.ru/koi_books/semenova/razdel%206.htm.Обзор современных программ по окружающему миру.
20. https://sites.google.com/.../sovremennye-programmy Современные Программы по Окружающему миру.
21. festival.1september.ru/articles/566779/ Рабочая учебная программа по предмету "Окружающий мир для 1-го класса.
22. school2100.com/uroki/elementary/okrmir.phpПрограмма «Окружающий мир» - Школа 2010

**РОҲНАМОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФИ 1-УМ**

**барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Ю. Шерматов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 26.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 11.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 143/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «ТоРус» ба табъ расидааст.